**ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 330+330.11(575.3)**
**ТКБ: 65+65.011(2тоҷик)**
**А-37**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**АЗИМОВ НАИМҶОН ҲАЛИМҶОНОВИЧ**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ИҚТИДОРИ КРЕАТИВИИ ҚУВВАИ КОРӢ ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ ОН ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

# ДИССЕРТАТСИЯ

**бароидарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)**
**аз рӯйи ихтисоси 6D050601-Назарияи иқтисодӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**Усманова Туфа Ҷумаевна**

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

Саҳ.

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО** ........ **3**

**МУҚАДДИМА** ........ **4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ИҚТИДОРИ КРЕАТИВИИ ҚУВВАИ КОРӢ** ........ **17**

**1.1.** Асосҳои консептуалии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити муосир ........ **17**

**1.2.** Таҳқиқоти ҷанбаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ........ **32**

**1.3.** Хусусиятҳо ва масоили ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар иқтисодиёт ........ **48**

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИДОРИ КРЕАТИВИИ ҚУВВАИ КОРӢ ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ ОН ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ** ........ **64**

**2.1.** Таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ........ **64**

**2.2.** Арзёбии сатҳи рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат ........ **80**

**2.3.** Таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори меҳнат ........ **98**

**БОБИ 3. РОҲҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛДИҲИИ РУШДИ ИҚТИДОРИ КРЕАТИВИИ ҚУВВАИ КОРӢ ДАР ШАРОИТИ МОДЕРНИЗАТСИЯКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ** ........ **115**

**3.1.** Рушди сармояи инсонӣ ва ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ҳамчун омили навкунии иқтисодиёт ........ **115**

**3.2.** Таҳсилоти креативӣ ва таъсири он ба рушди рақобатпазирии иқтидори меҳнатӣ ........ **129**

**3.3.** Такмили низоми ҳавасмандгардонии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ........ **143**

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО** ........ **157**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ........ **164**

**ЗАМИМА** ........ **183**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| **АМ ва ША** | Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ |
| **АОНПҶТ** | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **АТА** | Афзоиши табиии аҳолӣ |
| **Б.ф.** | Банди фоизӣ |
| **ВМКБ** | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| **ИКҚК** | Иқтидори креативии қувваи корӣ |
| **КИТ** | Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ |
| **КИТТК** | Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавии конструкторӣ |
| **КМҶТ** | Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МИТ** | Муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ |
| **ММД** | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| **МММҲНК** | Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии корманд |
| **МТОК** | Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ |
| **МТМК** | Муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ |
| **НТҶ** | Ноҳияи тобеъӣ ҷумҳурӣ |
| **ПИТ** | Пешрафти илмӣ-техникӣ |
| **ПҚХ** | Паритети қобилияти харидорӣ |
| **СМР-2030** | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| **СМРМЗ-2030** | Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| **СММ** | Созмони милали муттаҳид |
| **ХБД** | Хароҷоти буҷети давлатӣ |
| **ХБДБИ** | Хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм |
| **ХБДБМ** | Хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф |
| **ШАД** | Шумораи аҳолии доимӣ дар аввали сол |
| **ШМД** | Шаклҳои моликияти давлатӣ |
| **ШМК** | Шаклҳои моликияти коллективӣ |
| **ШМХ** | Шаклҳои моликияти хусусӣ |
| **ШРИ** | Шохиси рушди инсонӣ |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар низоми навини хоҷагидорӣ тағйироти технологӣ, ки бо суръати баланди рӯзафзун ба амал меояд, симои бисёр равандҳои муосири иҷтимоию иқтисодиро ташаккул медиҳанд. Самтгирии рушди ҷомеа дар тақвиятбахшии марҳалаи саноатӣ ва марҳалаи пасазсаноатист, ки дар он иқтидори креативии қувваи корӣ нақши ҳалкунанда дорад. Дар шароити тағйирёбии босуръати иқтисодиёти муосир, иқтидорҳои эҷодкор, истеҳсолкунанда ва дигар омилҳои созанда, метавонанд дар ҷомеа, асосан дар бозори меҳнат, рақобатпазириро ба миён оранд. Дар чунин низоми тағйирёбии сифати техника ва технология дар нимаи дуюми садаи XX ва чоряки аввали садаи XXI дар натиҷаи фароҳам омадани имконоти мусоид барои тағйироти сифатии қувваи корӣ, зарурати таҳким бахшидан ба иқтидори креативӣ ба миён омад ва он ҳамчун яке аз авомили таконбахши рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа гардид.

Дар назарияи иқтисодӣ маълум аст, ки таҳқиқи масоили дарки меҳнати креативӣ барои илми иқтисодӣ ва фалсафа нав набуда, тӯли даҳсолаҳои охир ба он диққати махсус дода мешавад. Азбаски рушди минбаъдаи ҷомеаи саноатӣ ва инноватсионӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, суръати афзоиши маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла маҳсулоти илмӣ бо рушди минбаъдаи иқтидори креативии он, дараҷаи рушди тиҷорати креативӣ, менеҷменти креативӣ ва маркетинг таъмин карда мешавад, яъне то чӣ андоза иқтидори креативии қувваи корӣ истифода шуда, то чӣ андоза ҳиссаи баландро нисбат ба шумораи умумии захираҳои инсонӣ дар кишвар нишон медиҳанд, дарҷ мегардад. Бинобар ҳамин, барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар назди он яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар шароити ҳукмронии саноатикунонии босуръати кишвар бо мақсади рушди истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва марҳалаи ниҳоии он, ки таҳкурсии он устуворгардонии мақоми неруи зеҳнӣ мебошад. Дар ин ҷо, вазифаи аввалиндараҷаи иқтисодиёт коҳиш додани вобастагӣ аз омилҳои беруна бо роҳи самаранок мавриди истифода қарор додани иқтидори креативии қувваи кории

рақобатпазир дар бозори меҳнати дохилӣ мебошад, тадбири саривақтӣ маҳсуб дониста мешавад.

Вобаста ба ин, дар шароити муосири модернизатсияи иқтисодиёти Тоҷикистон рушди равандҳои инноватсионӣ бо сифати баланд ва истифодаи самараноки иқтидори эҷодии кувваи корӣ зич алоқаманд мебошад. Ташкил ва баланд бардоштани сифати қувваи корӣ, ин омили таъмин намудани рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат мегардад. Фаъолияти иқтидори креативии қувваи корӣ, ки ба эҷодӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ-иҷтимоии таҷрибавӣ нигаронида шуда, ташкили самаранокии меҳнат, тавлиди ғояҳои нав, зуд ҳал кардани вазъиятҳои мушкилоти илмӣ-амалии ҳамаи муносибатҳои меҳнатии иқтисодӣ ва ба сатҳи максималӣ самаранок истифодабарии таҷриба ва малакаи кориро дарбар гирифта, накш ва аҳамияти он бо равандҳои глобалӣ, ки ҷаҳони муосир ба таври табиӣ алоқаманд аст, ифода меёбад. Бо ибораи дигар, иқтидори креативии қувваи корӣ ба таҳаввули иқтисодиёти саноатӣ-инноватсионӣ ва креативӣ таъсири худро хоҳад расонд.

Дар марҳалаи кунунӣ, иқтисоди креативӣ паҳнкунандаи инноватсияҳо, иттилоот, донишҳои нав, тавлиди маҳсулоти эҷодии дорои арзиши баланди фарҳангӣ ва босифати иқтидори креативии қувваи кории қобилиятноки зеҳниву таҷриба ва малакаҳои касбӣ тавсиф карда мешавад.

Тибқи муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 “...бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишварро дар заминаи гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавӣ, таъсис ва рушди шабакаи миллии касбии таҳқиқотҳои илмию техникӣ бо такя ба технологияҳои каммасрафи захираҳо дар шароити зиёд будани қувваи корӣ, таҳким ва истифодаи самарабахши татбиқи неруи илмии кишвар, бо баланд бардоштани рушди сармояи инсонии ҷавонон, баланд бардоштани иқтидори креативии онҳо ва мусоидат ба ошноӣ бо дастовардҳои соҳаи фарҳанг ва санъат, инчунин, навкунии соҳаи иҷтимоӣ, рушди босуръати бахши молиявӣ, сайёҳӣ ва соҳаҳои хизматрасониҳои соҳибкорӣ мебинанд, дар

мадди аввал гузоштаанд. Дар робита ба ин, дар рушди иқтисодӣ саҳми сармояи инсонӣ, ниҳодҳои самарабахш ва технологияҳои пешқадам зиёд гашта, афзоиши босуръати хароҷоти давлатӣ ва бахши хусусӣ барои таҳсилоти касбӣ, КИТТК ва ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ таъмин мегардад"[12, с.12-47].

Далоили мазкур муҳим будани таҳқиқоти илмии мавзуи кори илмиро нишон медиҳанд ва дар рисола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масоили марбута мавриди омӯзиш ва таҳлилу арзёбии амиқ қарор дода шудаанд. Азбаскӣ, дар доираи як кори илмӣ-таҳқиқотӣ на ҳамаи ҷабҳаҳои алоҳидаи соҳаҳои иқтисодиёти миллиро фаро гирифтан мумкин аст, бинобар ҳамин тасмим гирифтем, ки дар кори диссертатсионии мазкур бештар ба ҷанбаҳои назариявӣ, масоил ва хусусиятҳо, инчунин, омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи кории рақобатпазир аҳамияти махсус зоҳир намудем, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои гуногуни масоили креативии шахс ва раванди самаранок истифодабарии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат, ки омили рушди низоми миллии инноватсионӣ ба ҳисоб меравад, ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ қарор доштанд.

Дар робита ба ин, асосгузорони назарияи иқтисоди сиёсии классикӣ У.Петти, А.Смит, Д.Риккардо ва Карл Маркс ном гузоштани асосҳои ташаккулёбии консепсияи сармояи инсонии асарҳои онҳо, аввалин шуда ғояҳои муҳимро доир ба қувваи корӣ, қобилияти инсонӣ, дониши ӯ ва афзоиши сарвати мамлакат, инчунин, аҳолии онро ба илм ҷорӣ кардаанд, асос ёфтааст.

Баъдан, дар рафти инкишофи илми иқтисодӣ, дар нимаи дуюми асри XX аз ҷониби таҳқиқотчиёни хориҷӣ, аз ҷумла иқтисоддонҳо ва равоншиносон, ба монанди: Т.М.Амабил, Г.Беккер, Д.Белл, Ҷ.Гелбрейт, Ҷ.Гилфорд, Э.Денисон, Р.Кушинг, А.Маслоу, М.Маҳлуп, С.Медник, М.Порат, Д.Рензулли, Р.Симпсон, С.Тейлор, Э.Торренс, Э.Тоффлер, А.Турен, Р.Флорида, В.Франкл, Ҷ.Хокинс, К.Шваб, Й.Шумпетер ва дигарон, бори нахуст заминаҳои назариявӣ, методологӣ ва меъёрҳои эҷодии шахс ва рушди назарияи сармояи инсонӣ мавриди таҳқиқот

қарор гирифтанд ва дар заминаи он назарияи креативии илмӣ ҳамчун манбаи инноватсионии рушди иқтисодиёт рӯ ба инкишоф ниҳод.

Дар баробари ин, масоили асосии ташаккул ва рушди креативии шахс ҳамчун манбаи инноватсионии рушди иқтисодиёт, ки дар корҳои илмии олимони рус Т.М.Абанкина, В.И.Андреева, И.А.Баскова, Д.В.Богоявленская, Н.М.Гнатко, В.И.Загвязинский, И.Г.Калошина, Р.И.Капелюшников, В.Н.Козленко, М.В.Копосова, А.Н.Леонтьев, А.М.Матюшкин, А.В.Морозов, О.М.Разумникова, С.Л.Рубинштейн, В.А.Садовничий, А.А.Степанов, М.В.Савина, Л.Г.Устинова, З.Р.Хабибуллина ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, дидан мумкин аст.

Дар ибтидо таваҷҷӯҳи олимони ба ин масъала дар миёнаи асри гузашта ба вуҷуд омада, танҳо талаботи иқтисодиро ифода мекард. Муносибати систематикӣ ба мушкилоти хусусияти бевоситаи креативӣ бо ҷанбаи иҷтимоию иқтисодӣ дар фаҳмидани аҳамияти онҳо барои ҳалли вазифаҳои муҳими давлатӣ ифода меёбад.

Дар таҳқиқоти олимони соҳаи иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Ҷ.Азимов, Д.С.Амонова, С.Б.Ашуров, Р.М.Бобоҷонов, Т.Б.Ғаниев, С.Ҷ.Комилов, А.Қ.Комилов, М.Р.Кошонова, Н.Қ.Қаюмов, Д.Б.Қодирзода, Р.Р.Қудратов, А.Рауфӣ, Р.К.Раҳимов, Р.К.Раҷабов, Т.Р.Ризоқулов, Л.Ҳ.Саидмуродзода, Б.Г.Сафаров, А.А.Солеҳзода, А.Р.Тошев, Х.У.Умаров, Т.Ҷ.Усманова, М.Қ.Файзуллоев, Қ.Х.Хушвахтзода, Д.А.Ҳодиев ва дигарон, дар баробари таҳиқи ҷанбаҳои алоҳидаи самти креативӣ, инчунин, масоили марбути ташаккулёбӣ ва рушди батадриҷи инноватсия, неруи захоири корӣ, рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ, муносибатҳои меҳнатӣ ва танзими онҳо, шуғл, расмӣ ва ғайрирасмӣ, сармояи инсонӣ ва роҳҳои ташаккулёбии он, даромадҳои аҳолӣ ва танзими бозори меҳнат низ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар байни корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки умуман ё бевосита ба таҳқиқи масъалаҳои мушаххаси назариявии ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ бахшида шудаанд, асарҳои илмии

М.Н.Кармышова[68] “Таҳқиқот роҷеъ ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар кишвар”, А.М.Одинаев[96] “Таҳқиқи такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, Р.И.Самадов[114] “Идоракунии равандҳои ташаккули иқтидори инноватсионии иқтисодиёти миллӣ”, Б.Х.Нурдинов[93] “Ташаккулёбӣ ва истифодаи самараноки иқтидори инноватсионии минтақавӣ”, Ш.Н.Юсупов[149] “Таъмини рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти бозорӣ”, З.Р.Хабибуллина[139] “Сармояи инсонии коргари креатив” мақоми хоса доранд, ки бевосита масоили мазкурро мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додаанд.

Аммо, новобаста ба дараҷаи таҳқиқоти рушди масоили илмии мавҷуда, ҷоизи қайд ҳаст, ки нуктаи назари ҳамаҷониба асоснокёфтаи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, ки рушд ва такмили дараҷаи иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад, мафҳуми иқтисоди креативӣ, ташаккул ва рақобатпазирии он, шароити инкишоф, хусусиятҳо ва дигар нишондиҳандаҳои асосӣ ба таври муфассал, пурра, амиқ, таҳқиқ ва баррасӣ нагардидаанд.

Дар маҷмӯъ ҳамаи ин омилҳо боиси интихоби мавзуи таҳқиқоти илмии мазкур гардидаанд ва масъалаҳои мазкур, зарурати ҳарчи зудтар ҳаллу фасл намудани онҳо дар сатҳи назариявӣ, методӣ ва амалӣ бо муайянсозии объект ва предмети таҳқиқот, вазифаҳо ва мақсади диссертатсияро асоснок кардаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар доираи татбиқи Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди факултаи иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Мавзуи таҳқиқоти кори диссертатсионӣ дар робита бо барномаҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040”, ки фарогири панҷ самти калидии сиёсати миллӣ дар соҳаи шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ: васеъ

намудани доираи шуғли пурмаҳсул, донишу малака, технология ва имкониятҳои шуғли пурмаҳсул, рушди соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул мебошад, таҳия гардидааст ва бо дигар барномаҳои рушди соҳавию байнисоҳавӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ робитаи мустақим дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии муқаррароти назариявӣ-консептуалӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба ташаккул, такмилдиҳӣ ва истифодаи босамари иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия барои расидан ба ҳадаф, вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- таҳқиқи дастгоҳи категориявӣ-консептуалии мафҳум ва моҳияти иқтидори креативии қувваи корӣ ва омӯзиши ҷанбаҳои ташаккулёбӣ ва рушди он дар шароити муосир;
- ошкорсозии масоили ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ва хусусиятҳои он;
- муайян намудани принсипҳо ва омилҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ;
- дар заминаи таҳлил ва арзёбии воқеии раванди рушди иқтидори эҷодии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он муайян намудани мавқеи он дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани сатҳ ва доираи таъсиррасонии иқтидори креативии қувваи корӣ ба талаботи муосири бозори меҳнати дохилӣ;
- асоснок намудани роҳҳои асосии такмили иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити навсозиҳои иқтисоди кишвар.

**Объекти таҳқиқот** раванди ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар раванди ташаккулёбӣ, рушд ва истифодаи самараноки иқтидори креативии қувваи корӣ ба вуҷуд меоянд, дар бар мегирад.

**Фарзияи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва устувории рушди иқтисодиёти креативӣ, истифодаи самаранок ва танзими иқтидори креативии қувваи корӣ (дар мисоли муҳоҷирони зеҳнӣ) дар кишвар буда, омили ташаккули он дар фазои сатҳи омодакунии ходимони илмӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёнаи касбӣ, ки баланд бардоштани дараҷаи мутобиқати савияи донишу малакаҳои кадрҳои имрӯза, тақозои зудтағйирёбандаи бозори меҳнат аст, ба таври назаррас вобаста мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** дар он ҳаст, ки хулоса ва пешниҳодҳое, ки аз ҷониби муаллиф дар заминаи омӯзиши асарҳо ва таҳқиқотҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин, истифодаи маводи сомонаҳои интернетӣ ва нашрияҳои даврӣ ба даст омадаанд, илман асоснок карда шуда, барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта, бо мақсади таъмини рушди устувори фаъолияти креативӣ дар самти рақобатпазирии бозори меҳнати ҷумҳурӣ равона гардидаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба ҳадаф ва иҷрои вазифаҳои дар кори диссертатсионӣ гузошташуда, усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, муқоиса, таҳлил ва синтез, графикӣ, эконометрикӣ (коррелятсионӣ-регрессионӣ), экстраполятсионӣ (имтидод) ва дигар усулҳои таҳқиқот бо истифода аз барномаҳои компютерӣ, истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот** ба ҳасм маводи аввалия санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қарорҳо ва барномаҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, маълумотҳои таҳлилии Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҳлилии асарҳои илмӣ,

инчунин, маводи дар нашриҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, маводи дар воситаҳои ахбори омма нашргардида истифода карда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсия дар назди кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2021-2024 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия.** Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсия аз асосноккунии назариявии раванди ташаккул, ташкил ва такомули истифодаи самараноки иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, иборат мебошад.

Ба натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки унсурҳои навгониҳои илмиро дар бар мегиранд, чунин муқаррарот дохил мешаванд:

- дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ-консептуалии мавзуи диссертатсия, бо истифода аз таснифот ва равишҳои гуногуни илмӣ-назариявии олимон ва коршиносони хориҷӣ ва ватанӣ, муаллифи диссертатсия тавсифи комили "иқтидори креативии қувваи кори"-ро мушаххас ва пешниҳод кардааст. Чунончӣ, ба ақидаи муаллиф "Иқтидори креативии қувваи корӣ - ин маҷмӯи дониш, маҳорати баланди касбӣ буда, ҳангоми қабули қарорҳои муносиби иқтисодӣ, бо дарназардошти имкониятҳои сифатӣ, микдорию зеҳнӣ ва кулли қобилияти фоидаовари иҷтимоию иқтисодии аҳолии қобили меҳнат истифода шуда бо ёрии низоми муайяни шаклҳо ва муносибатҳои шуғл тавсиф карда мешавад";

- хусусият ва ҷанбаҳои муҳими ташаккулёбӣ ва роҳҳои асосии рушдёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори озоди меҳнат муайян ва мушаххас гардиданд. Таъкид мегардад, ки ин вазъи муаммодори марбут, яъне ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳалаи гузаштан ба иқтисоди креативӣ-инноватсионӣ, бо фарогирии ҳолати иҷтимоии захираҳои меҳнатӣ, муносибатҳои меҳнатӣ (байни корфармо ва корманд), сатҳи пасти хизматрасонии иҷтимоӣ, хусусиятҳои танзими давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ амалӣ мегардад;

• дар заминаи арзёбии авомили асосии таъсиргузор ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, яъне омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ, ҷуғрофиявию экологӣ, илмӣ-техникӣ ва зеҳнӣ (интеллектуалӣ), иҷтимоӣ-рӯҳӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва иттилоотӣ (коммуникатсионӣ)-ҳамгироӣ (интегратсионӣ), ниҳодӣ-истеҳсолӣ, ки бо назардошти онҳо шохиси рушди инсонӣ, коэффитсиенти захоири иқтидори креативии қувваи корӣ тибқи афзоиши табиии теъдоди аҳолӣ, сатҳи маълумоти касбии вобаста ба тағйирёбии теъдоди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол чен карда мешавад, хулоса ва пешниҳодҳо карда шудааст;

• вазъи кунунӣ ва тамоюли рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, пеш аз ҳама, аз рӯйи хусусиятҳои ҳамаҷонибаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, сатҳи талаботи миқдорӣ ва сифатӣ ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат, сатҳи зудҳаракатии қувваи корӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои чандирӣ, истифодаи қувваи корӣ, маҳорати ташкилӣ, таъмини аҳолии қобили меҳнат бо ҷойҳои корӣ мушаххас карда шуданд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи шуғлнокӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, инчунин, дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар кишвар таъсир мерасонад, асоснок карда шудаанд;

• таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳалаи муосир ба талабот дар бозори меҳнат асоснок карда шудааст, ки бо сарчашмаҳои асосии вусъатдиҳии фаъолияти илмию фарҳангии иқтидори креативӣ инноватсионии кадрҳои баландихтисос, инчунин, бо дастовардҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ вобаста буда, аз рӯи аломати сифатию миқдории аҳолии дар бахши хизматрасонӣ шуғлдошта, ки бо дарназардошти индикаторҳои бадастомада мушаххас гашт, асоснок ва пешниҳод карда шудааст;

• роҳҳои асосӣ ва самтҳои беҳсозии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ пешниҳод карда шуданд, ки бо равандҳои зерин муайян карда мешаванд: мутобиқгардии иҷтимоӣ тавассути сатҳи баланди дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, танзими давлатии тайёркунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии

касбӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсилоти касбии бекорон ва азнавтайёркунии кадрҳо бо ташкили шароит барои ташаккули низоми иттилоотонии бозори меҳнат, бо дарназардошти эҳтиёҷоти корфармоён, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ (ҷалби донорҳои хориҷӣ) дар соҳаи иҷтимоӣ, мусоидат барои кӯтоҳмуддатии истифодабарии вақти корӣ (ҷадвали кории чандир), ташкил ва таъмини кормандон ба сафарҳои кории хориҷӣ (сайёҳатномаҳо), дастгирии корманд бо мақсади дастрасии қарзҳои имтиёзок (масалан, барои харидории амволи ғайриманқул ва дигар лавозимоти зарурии бино) ва ғайра.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар асоси натиҷаҳои бадастомада, дар рафти таҳқиқоти диссертатсия, аз ҷониби муаллиф чунин муқарраротi илмӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

- дар натиҷаи таҳқиқи муносибати назариявӣ-консептуалӣ ба муайян ва тасниф намудани мафҳуми “иқтидори креативии қувваи корӣ”, аз ҷониби муаллиф мафҳуми ИКҚК шарҳ дода шуда, хусусиятҳои рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳилаи муосир вобаста ба принсипҳо, муносибатҳои меҳнатӣ ва идоракунии захираҳои инсонӣ, муайян карда шудааст;
- дар асоси таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ, шохиси рушди инсонӣ, инчунин, зариби захираи иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста ба таносуби динамикаи теъдоди аҳолии фаъол дар иқтисодиёт, баҳодиҳӣ ва асоснок карда шудааст;
- сатҳи воқеии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобаттавонии он дар бозори озоди меҳнат, арзёбӣ карда шуда, инчунин, нақши иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори озоди меҳнат муайян карда шуда, роҳҳои рушди он пешниҳод карда шудааст;
- дар асоси таҳлили назариявӣ ва амалии мавзуъ, роҳҳои асосии такомул ва рушдёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёт, таҳия ва баррасӣ карда шуда, пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти** диссертатсия дар он зуҳур меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳое, ки аз тарафи муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот ба даст омадаанд, илман асоснок карда шудаанд ва онҳо ба баланд бардоштани сатҳи рақобаттавонии иқтидори креативии қувваи кории бозори меҳнат мусоидат намуда, дар сатҳи кишвар барои мукаммал ва муайян намудани ҳолат, тамоюл ва ташаккулёбии иқтисодиёти креативӣ дар ҷумҳурӣ имконият медиҳанд. Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки он ба ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат, мукаммал ва мушаххас намудани вазъ, ҳолат ва тамоюли рушди фаъолияти эҷодӣ ва навоварӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада, метавонанд ҳамчун заминаи таҳқиқотҳои оянда оид ба масоили иқтидори креативии қувваи корӣ мусоидат намоянд ва унсури таконбахши рушди иқтисодиёти креативӣ дар ҷумҳурӣ гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо дурустӣ, истифодаи мақсаднок ва саҳеҳияти маълумоти оморӣ, инчунин, хулосаи шабеҳ баровардан аз манбаъҳои омӯхташуда ташкил медиҳанд, тасдиқ мекунанд. Бинобар ин, ҳаҷми маълумоти коркардшуда, ба муаллиф имкон додааст, ки оид ба масоили ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ таҳлили ҳамаҷониба ва арзёбии бозори меҳнатро доир созад, хулоса ва натиҷагириҳо намояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқи диссертатсияи мазкур ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050601 - Назарияи иқтисодӣ ба бандҳои 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: ҳамбастагии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои ниҳодӣ; таъсири тарзҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо; омилҳои инноватсионии дигаргуншавии иҷтимоию иқтисодӣ; қонуниятҳои таҳаввулоти низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; назарияи иқтисодиёти “иттилоотӣ”, “баъдисаноатӣ” ва

“иқтисоди ба дониш асосёфта”. 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи шуғли пурмаҳсул. 1.3. Назарияи макроиқтисод: назарияи рушди иқтисодӣ; ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои равандҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва вижагиҳои рафтори он. 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: инкишофи ниҳодҳои механизми хоҷагидорӣ дар ҷомеаи баъдисаноатӣ, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми марҳалаҳои иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он, бо иштироки бевоситаи муаллиф сурат гирифтаанд. Аз ҷониби муаллиф дар мушаххас намудани аҳамият ва мавқеи иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳилаи муосир, таҳлилу баҳодиҳии тамоюли ҳолати ҳозираи иқтидори креативии қувваи корӣ, таъсири онҳо ба талабот дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ, таҳсилоти креативӣ ва таъсири он ба ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ исбот карда шуда, роҳҳои асосии беҳтарсозии низоми мотиватсионии ИКҚК ва самаранокии натиҷаи фаъолияти онҳо дар табдилдиҳии фаъолияти эҷодӣ-навоварии бахшҳои воқеию хизматрасонии иқтисоди миллӣ пешниҳод гардида, барои дар амал татбиқ намудан пешкаш карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои доимоамалкунандаи Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”, сӯҳбатҳои “Мизи мудаввар”, конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар шакли маърӯза муаррифӣ гардида, мавриди баррасӣ ва муҳокимаи олимони соҳа қарор гирифтаанд. Мақолаҳои илмии муаллифи рисолаи илмӣ дар солҳои 2021-2024 дар маводи конференсияҳои илмӣ-амалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, Маҷаллаи илмии Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” “Бозори меҳнат” ва дигар муассисаву макотибҳои олӣ нашр гардидаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти

диссертатсияи илмии муаллиф дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон пешниҳод ва муҳокима карда шудаанд. Тавсияҳои назариви ва амалие, ки дар таҳқиқоти рисолаи илмӣ оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълими фанҳои "Назарияи иқтисодӣ", "Иқтисодиёти дониш", "Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ", "Назарияи рушди инноватсионӣ", "Макроиқтисод" ва "Иқтисодиёти меҳнат" истифода шаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва 1 зербанд дар монографияи коллективӣ нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ оид ба мавзуи рисола 5,67 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, замима, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 169 номгӯйро дар бар мегирад, иборат аст. Кор дар 184 саҳифаи матни компютерӣ баён гашта, 24 ҷадвал, 17 расмро фаро мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ИҚТИДОРИ КРЕАТИВИИ ҚУВВАИ КОРӢ

## 1.1. Асосҳои консептуалии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити муосир

Дар марҳалаи муосир технологияҳои инноватсионӣ хусусияти зуд ҷудонашавандаи ҳаррӯзаи зиндагӣ, инчунин, дар ҷараёни истеҳсолот шуда истодааст, ки дар рушди иқтисод, ташаккулёбии иқтидори эҷодии неруи корӣ, ки пойгоҳи ташаккули иқтисодиёти инноватсионии миллӣ аст, ифода мегардад. Ин метавонад боиси тағйирот дар ташаккули сохтори бозори меҳнат дар кишвар гардида, талаботро ба кадрҳои дорои неруи эҷодкор, ки қодир ба кор бо технологияҳои муосир ва инноватсионии соҳаҳои воқеӣ-хизматрасонӣ ҳастанд, афзоиш диҳад[29, с.8].

Аз ин рӯ, дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ нақши илму техникаро, бахусус бе ҷорӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ, ки аз ҷониби созмони зеҳнии шахс дониста мешавад, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳамин тавр, бахши хизматрасонию воқеӣ ҳамчун натиҷаи истифодаи самараноки фаъолияти иқтидори креативии қувваи корӣ буда он ба дастовардҳои илмӣ-техникӣ, маориф, фарҳанг, санъат, тандурустӣ ва фаъолияти инфиродӣ, ки ба ҳалли мушкилиҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин, инноватсионии кишвар мусоидат мекунад.

Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки айни замон дар асарҳои иқтисодшиносони хориҷӣ ва ватанӣ масоили алоҳидаи муайяни назариявӣ вобаста ба ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, сармояи инсонии коргари креатив, такрористеҳсол ва такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ, механизми истифодаи иқтидори меҳнатии аҳолӣ, такомули механизмҳои ташаккулёбии иқтисодиёти эҷодии минтақа, рушди механизми бозори меҳнат дар марҳилаи зудҳаракатии захоири меҳнатӣ, идоракунӣ ва истифодаи самараноки неруи инноватсионии кишвар, баланд бардоштани истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар кишвар, таъмини рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори меҳнат дар шароити

иқтисодиёти бозорӣ ва хусусиятҳои амалкунандаи сегменти бозори меҳнат дар шароити иқтисоди бозорӣ, ки ба таври васеъ инъикос ёфтааст, боиси қайд аст.

Дарвоқеъ, барои кишварҳои Ғарб истифодабарии иқтидори меҳнатӣ, креативӣ, инноватсионӣ хос буда, ин ҳолат дар корҳои илмии Д.Белл, К.А.Данкер, Ҷ.Хокинс, Р.Флорида ва дигарон дарҷ ёфтааст. Асарҳои олимони мазкур тавонистанд ба ташаккул ва рушди иқтисодиёти креативӣ дар шароити имрӯза таъсири ҷиддӣ расонанд. Ҳамин тавр, масъалаҳои такмили механизмҳои ташаккули иқтидори креативӣ-инноватсионӣ, ҷанбаҳои алоҳидаи фаъолияти қувваи корӣ дар бозори меҳнат, асосҳои назариявии ташаккул ва хусусиятҳои он, мушкилоти муносибатҳои меҳнатӣ, шуғл ва бекорӣ, инкишофи назарияҳои сармояи инсонӣ, такрористеҳсоли сармояи инсонӣ ва қувваи корӣ аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ, дар асарҳои классикон ва неоклассикони илми иқтисодӣ, аз қабили: А.Смит[119], Д.Рикардо[110], У.Петти[99], К.Маркс[84], Ҷ.М.Кейнс[69], В.Н.Белкин[40, с.58,65], Г.С.Беккер[39], Й.А.Шумпетер[147] ва дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар масъалаи мазкур низ олимони рус, аз қабили: А.О.Вереникин[43], В.С.Гойло[50, с.137,146], С.В.Горбунова[52, с.27], А.Б.Докторович[57], Е.К.Жаров[63], О.Г.Макаренко[82], Л.Г.Устинова[136], З.Р.Хабибуллина[139], таҳқиқотҳо гузаронидаанд. Дар байни олимони тоҷик, ки ба таҳқиқи масъалаҳои алоҳидаи мушаххаси назариявии вобаста ба рушд ва инкишофи иқтидори креативии қувваи корӣ саҳм гузоштаанд, метавон муҳаққиқон Д.С.Амонова[35, с.16], С.Б.Ашуров[36, с.40], Р.М.Бобоҷонов[41], А.Ҷ.Гадоев[44], Т.Б.Ғаниев[53], С.Н.Давлатов[54], М.Н.Кармышова[68], С.Ҷ.Комилов[75], Д.Б. Қодиров[66], Н.Т.Мирзораҳимов[126], Б.Х. Нурдинов[93], М.Нурмаҳмадов[94], А.М.Одинаев[96], Р.К.Раҳимов[107], Р.К.Раҷабов[102, с.67-72], Р.У.Рустамов[112], Л.Ҳ.Саидмуродзода[113, с.115,124], Р.И.Самадов[114], Х.Умаров[131, с.56,71], Т.Ҷ.Усманова[133], М.Қ.Файзуллозода[72], Д.А.Ҳодиев[142], Д.Б.Ҷабборов[55, с.150,160], Ю.Р.Юсуфбеков[150] ва дигар олимонро номбар намуд, ки саҳми онҳо дар таҳқиқи масоили музкур назаррас мебошад.

Дар айни замон яке аз самтҳои афзалиятноки рушд ва инкишофи рақобатпазирии ИКҚК дар бозори меҳнат, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати эҷодкории қувваи корӣ ва рушди сармояи инсонӣ мебошад, мувофиқат мекунанд.

Бояд гуфт, ки иқтидори креативӣ дар тӯли таърихи башарият ҳамчун муҳимтарин нерӯи асосии иқтисодӣ вуҷуд дошт, бинобар ин, тамоми кашфиёту дастовардҳо дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ, аз ҷумла дар иқтисодиёт бо шарофати эҷодкорӣ, ба даст оварда шудааст. Муносибати консептуалӣ ба моҳияти иқтидори креативии қувваи кориро аз диди назариявии олимони ватанию хориҷа чунин арзёбӣ кардан мумкин аст. Мафҳуми "креативӣ" аз калимаи лотинии creatio гирифта шуда, маънои "офаранда", "созанда" ва "эҷодкорӣ" мебошад[89, с.9]. Мафҳуми иқтидори креативӣ аз истилоҳи креативӣ, ки дар нимаи дуюми асри XX барои ишора ба қобилияти инсон дар эҷоди мафҳуми нав ва рушди малакаҳои нав пайдо шудааст, сарчашма мегирад[123, с.49].

Дар бисёр таҳқиқотҳои назариявӣ олимони соҳаи иқтисодӣ худи мафҳуми креативиро ба таври гуногун шарҳ доданд, ки инҳоро дар бар мегирад: "...Креативӣ - ин қобилияти эҷодии шахс буда, метавонад дар эҳсосот, тафаккур, ва намудҳои мухталифи фаъолият ифода ёбад; креативӣ - ин имконияти ногаҳонӣ, ёфтани қарорҳои ғайримуқаррарӣ, хоҳиши амиқи тоза ва қобилияти аз ҳад зиёди таҷрибаи шахсро муайян мекунад"[89, с.10].

Дар мақолаи О.М.Чул ва И.М.Вахович фикру мулоҳизаҳои олимони рус И.Милославский ва А.Височковский чунин оварда шудааст: "...Кори креативӣ на танҳо ғояро пешниҳод, балки онҳоро ба натиҷаҳои мушаххаси амалӣ мегузорад, инчунин, қобилияти тавлиди маҳсулоти нав, алгоритмҳои нав барои истеҳсол кардани ингуна маҳсулот аст"[153, с.192].

Дар луғати таҳриршудаи мухтасари равоншиносии А.В.Петровский чунин моҳият дарҷ карда мешавад[100]: "...Креативӣ - сатҳи неъмати эҷодӣ, қобилияти эҷодкорӣ, ки хусусияти нисбатан устувори шахс мебошад". Агар ба китоби луғавии нашркардаи С.Ю.Головин, назар кунем моҳияти креативиро чунин шарҳ

додааст[51]: “...Креативӣ (қобилиятҳои эҷодӣ, фаъолнокии эҷодӣ, муносибатҳои эҷодкорӣ) - ин қобилияти тавлиди ғояҳои ғайриоддӣ, дур шудан аз шаклҳои анъанавии тафаккур, зуд ва самаранок амалӣ кардани пешравии зеҳнӣ дар ҳалли ҳолатҳои мушкилот мебошад”. Инчунин, дар луғати таҳриркарда Артур Ребер низ истилоҳи креативиро чунин шарҳ додааст: “...Креативӣ - ин раванди равонӣ мебошад, ки ба ҳалли мушкилот, ғояҳо, тафаккур, ташкили эҷоди шаклҳои санъат, назарияҳо ё ҳама гуна маҳсулоти беназири навро оварда мерасонад”[108]. А.А.Степанов ва М.В.Савина “...Креативӣ дар фаъол шудани неруи эҷодии шахс, иқтидор ва қобилияти ӯ барои муносибати эҷодӣ, ба тавлиди ғояҳо ва ҳалли мушкилот зоҳир гардида, ҳамчун вокуниши дуруст ва саривақтии инсон, ки ба навовариҳои мухталиф машғул мешавад”, баён кардаанд[124, с.5].

Ҳамин тариқ, аз рӯи моҳияти истилоҳ ва мулоҳизаҳои гурӯҳи олимони зикршуда доир ба мафҳуми иқтидори креативӣ розигӣ баён карда, илова менамоем, ки иқтидори эҷодӣ ҳамчун омили муҳими амсилаи инноватсионии рушди иқтисодӣ буда, муҳаррики асосии он неруи эҷодии инсон, навоварӣ, технологияи ба даст овардани ғоя ва донишҳои нав буда, ба навовариҳое мубаддал мегардад, ки ҳам арзиши эҷодӣ ва тиҷоратӣ доранд ва ба ин васила соҳиби худро бо шуғли пурмаҳсул таъмин менамояд.

Дар шароити имрӯза моҳияти асосии иқтидори креативӣ дар корҳои илмӣ бо се равиш ба дарки моҳият ошкор карда шудааст, ки аз ин рӯ креативӣ чунин ҳисобида мешавад[125, с.131]:

1. Категорияи шахсии марбут ба рушди худ ва худшиносӣ;
2. Раванди эҷодкории ҳар як фард;
3. Натиҷаи ин ё он фаъолияте, ки бо офаридани чизи нав алоқаманд аст, ифода мегардад.

“...Танҳо дар ҷомеаи баъдисаноатӣ креативӣ ба омили асосӣ мубаддал мегардад, ки рушди раванди иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро таъмин сохта, ба манбаи асосии бартарии рақобат табдил меёбад”[81, с.73-77].

Ба ақидаи Д.Белл, “...Ҷомеаи баъдисаноатӣ ҷамъияте мебошад, ки дар он, пеш аз ҳама, иқтисодиёт аз истеҳсоли молҳо ба истеҳсоли хизматрасонӣ, таҳқиқоти илмӣ, ташкили низоми маориф ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ мубаддал мегардад, ки дар он синфи коргар (техникӣ) ба гурӯҳи асосии касбӣ табдил ёфта, барои ҷорӣ намудани навоварӣ, ки бештар ба донишҳои назариявӣ вобастагӣ дорад”, арзёбӣ кардааст[152, с.102].

Ба ақидаи олими тоҷик, иқтисоддон, академик Р.К.Раҳимов “...креативии рафтори рақобат аз ҳама намуди эҷодкорӣ ва созандагӣ буда, ба монанди дигар намудҳои рақобат моҳияти рақобатро ифода мекунад. Айнан ҳамин намуди рақобат дар асоси рақобати мукаммал (соф) хобидааст”[106, с.132].

Профессор С.Ҷ. Комилов қайд мекунад, ки “...иқтидори креативӣ тавассути тасаввуроти эҷодӣ дар шакли нақшаҳо, муносибатҳо, ғояҳо, ки татбиқи предметӣ-амалии онҳоро тақозо мекунанд, амалӣ мегардад. Аз ин рӯ, интихоби арзиш бо раванди навоварӣ, вақте ки нақшаҳо ва ғояҳо шаклу хусусиятҳои мушаххас (дар шакли лоиҳа, таркиб, назария, формула ва ғайра) пайдо мекунанд, иваз карда мешаванд[75, с.169]. Бинобар ҳамин, муҳимияти иқтидори креативии шуури иқтисодиро интихоби арзишҳо муайян мекунад, ки вай ба ҳеҷ ваҷҳ кам намешавад, гӯён олими ватанӣ дар сатри дигар иброз медоранд”[75, с.168].

Профессор Т.Ҷ.Усманова қайд мекунад, ки: “...Дар низоми муносибатҳои корманд ва корфармо субъекти бевоситаи муомилот, шакли объектикунонии қобилияти меҳнатии шахс хизмати меҳнатӣ мебошад. Агар на аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва на аз нуқтаи назари мантиқӣ фурӯши меҳнат ва қобилияти меҳнатӣ имконнопазир бошад, пас хизмати меҳнатӣ моли комилан савдошаванда аст”[133, с.149].

Пажӯҳишгари тоҷик А.Р.Тошов вақте тафсири шуғлро ироа мекунад, ҳамчунин иброз доштааст, ки “...шуғл тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро мегирад ва на танҳо мавҷудияти ин ё он кори музднок аст, балки муносибати фаъол ва креативонаи шахсро ба ҳаёти худ дар бар мегирад”[127, с.12].

Муҳаққиқи тоҷик Р.У.Рустамов низ дар таҳқиқоти кори диссертатсионии худ чунин қайд кардааст: “...Иқтидори креативии қувваи корӣ ин маҷмӯи

тавсифҳои табиии демографӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ-сифатии аҳолии фаъоли қобилияти меҳнатидоштаро, ки туфайли дониши касбӣ ва малакаҳои навоваронаи худ метавонанд дар истеҳсолоти ҷамъияти иштирок намуда, қисми ташаккулёбандаи бозори меҳнатро ташкил диҳанд”[112, с.8-9].

Л.Г.Устинова қайд мекунад, ки “...иқтидори эҷодӣ низоми хислатҳои шахсӣ, моҳияти ҷиҳатҳои қавии инсон, қобилиятҳои шахс, дониш, малака, самтҳои онҳое мебошад, ки шарти навоварии онҳо ба худшиносӣ ва рушди худ дар эҷодкорӣ равона шудааст”, мефаҳманд[136]. Аз нигоҳи Л.С.Бабынина “...афзоиши нақши дониш дар иқтисодиёти муосир аҳамияти меҳнати баландихтисос ва таъсири онро ба натиҷаҳои ниҳоии истеҳсолот зиёд мекунад, ки ҳамон намуди фаъолияти креативӣ, қодир аст сарвати беканор ва арзишҳои инсониро ба вуҷуд оварад”[37, с.14]. “...Иқтидори креативии қувваи корӣ - ин маҷмӯи қобилиятҳои фаъол, низоми хислатҳои шахсӣ, моҳияти қувваи шахс, дониш, малака ва дигар сифатҳои шахсӣ мебошад, ки барои иштироки фаъолона ва салоҳиятнок дар фаъолиятҳо оид ба ғанӣ гардонидани таҷрибаи мавҷудаи иҷтимоӣ заруранд”[136]. В.А.Трайнев чунин унсурҳои асосии сохтори иқтидори креативии шахсро пешниҳод кардааст[128]:

1. Ҷаҳонбинӣ, ки самти тафаккурро муайян мекунад;
2. Фаҳмидани моҳияти кори иҷрошаванда, сатҳи баланди салоҳият;
3. Қобилияти истифодаи иқтидори илмии дониш бо назардошти шароити мушаххаси вазъияти муаммогӣ.

Ба ақидаи Т.Шултс ва Г.Беккер “...асоси таъминкунандаи тараққиёти иқтисодӣ ин рушди мунтазами қувваҳои истеҳсолкунандаи меҳнат мебошад ва ҷавҳари онро маҳз таълимот (дониш) ташкил медиҳад”[112, с.8].

Олими тоҷик, профессор С.Ҷ.Комилов чунин иброз менамояд: “...Гузариши иқтисодиёт ба самти рушди инноватсионӣ ва ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ муносибати қавӣ ба ҳама тарафҳои истеҳсолоти муосирро дар тамоми низомҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад. Вазифаи муҳими рушди инноватсионӣ ин амаликунии афзоиши истеҳсолот ва маҳсулоти босифати

баланди технологии рақобатпазир дар бозори ҷаҳон ва нигоҳ доштани ҳиссаи зиёди арзиши иловагӣ аз ҳисоби ташкилкунии интеллектуалӣ мебошад”[75, с.3].

Ба андешаи Б.Х.Нурдинов “...инкишофи низомҳои минтақавии тайёр кардани мутахассисон на танҳо барои ҳалли талаботи имрӯзаи иқтисодиёт, балки бо назардошти мақсадҳои стратегии рушди ҳудудҳои кишвар низ аҳамияти калон дошта, дар баробари ин, минтақае, ки дорои иқтидори баланди креативӣ дар илм барои рушди инноватсионӣ имкониятҳои бештар доранд”[93, с.39].

Ҳамин тавр, дар муносибат ба гуфтаҳои болозикр, аз адабиёти илмии олимони ватанию хориҷа оид ба баррасии таърифи иқтидори креативӣ маълум гардид, ки мафҳумҳои баррасишаванда аз ҳамдигар фарқият доранд, аммо фаҳмиши умумии иқтидори креативӣ, амалан ба ҳам монананд, ки ин сифати навоварии шахс, шарти ҳатмӣ ё сарчашмаи фаъолсозии ӯ мебошад.

Дар ин бобат, бояд қайд намуд, ки “Иқтидори креативии қувваи корӣ” - ин неруи маҷмӯавии хосиятҳои маънавию ҷисмонии коргарон буда, барои ноил гаштан ба натиҷаҳои мушаххаси фаъолияти инфиродӣ дар марҳилаи мавҷуда, инчунин, такмил додани раванди меҳнат, ки боиси тағйирот дар истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазир гардад, зарур аст.

Бинобар ин, барои мукаммал дарҷ кардани мафҳуми иқтидори креативии қувваи корӣ, таҳқиқоти муайяни ғояҳо, мавқеъҳо ва равишҳои назариявии илмии муҳаққиқони ин самт зарур аст (ниг. ба ҷадвали 1.1.).

**Ҷадвали 1.1. - Тавсифи мафҳуми “иқтидори креативи қувваи корӣ”**

| Муаллифон ва манбаъ | Тасвияти мафҳуми “иқтидори креативи қувваи корӣ” |
|---|---|
| Э.П.Торранс, Ҷ.Гилфорд, Р.Стернберг, М.М.Кашапов[112, с.9] | “Иқтидори креативии шахс ин фаъолияти эҷодкорона буда, дар параметрҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ муайян мегардад, ки умумияти онҳоро бо равонӣ, чандирпазирӣ, аслии тафаккур ва дақиқатан дар таҳияи қарорҳо (идеяҳо)-и субъективӣ дарки он мекунанд”. |
| Г.Беккер ва Т.Шултс [112, с.8] | “Иқтидори эҷодии қувваи корӣ ин рушди пайвастаи қувваҳои истеҳсолии меҳнат мебошад, ки моҳияти он маҳз аз таҳсилот (дониш), қобилияти эҷодкоронаи субъективӣ (шахс) ташкил намуда, ҳамчун асоси таъминкунандаи тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар дар бозори меҳнат баромад мекунад”. |
| М.М.Критский[77, с.7] | “Иқтидори креативии қувваи корӣ ин қобилиятҳои эҷодии коргароне, ки дар бахшҳои баландтехнологии иқтисодиёт кор мекунанд”. |

**Идомаи ҷадвали 1.1.**

| | |
|---|---|
| А.С.Макаров[112, с.8] | "Иқтидори креативӣ - ин фаъолияти эҷодии шахс, роҳҳои худпешбарӣ кардани мушкилот, тавлиди миқдори зиёди ғояҳои аслӣ ва эҷодии шаклҳои нави дониш, инчунин, роҳҳои ҳалли масъала нигаронида шудааст, ки арзишҳои нави аслиро ба вуҷуд меорад". |
| З.Р.Хабибуллина [139, с.142] | "Иқтидори эҷодӣ бо мавҷудияти қобилиятҳои тахассусии субъекти меҳнат дар шакли дониш, салоҳияти касбӣ ва таҷриба, ки дар ҷараёни татбиқ ба ширкат (оператори меҳнати онҳо) имкон медиҳад, ки манфиатҳои иловагии иқтисодӣ ба даст орад". |
| Р.К.Раҳимов[106, с.132] | "Креативии рафтори рақобати рақибони тавоно, ки ба рушди ҷузъи нави бозор (технологияҳои нав, роҳҳои нави ташкил ва идоракунии истеҳсолот, молҳои нав, шаклҳои нави тақсимот, таблиғ ва фурӯш) нигаронида шудааст, ки нисбат ба рақибон бартарӣ медиҳанд". |
| С.Ҷ.Комилов[75, с.169] | "Иқтидори креативии қувваи корӣ ба воситаи навоварии худ воқеияти иқтисодии худро пайдо мекунад". |
| М.Н.Кармышева[68, с.27]. | "Иқтидори креативии қувваи корӣ ин қобилият, имкониятҳои интеллектуалӣ, дониш, малака ва тахассуснокии шахс мебошад, ки ҳамчун шакли махсуси сармоя амал мекунад ва дастовардҳои шахсии одамон дар оянда барои ӯ даромади баланд меорад". |
| Ф.У.Қосимов[80, с.23] | "Иқтидори креативии шахс - ин тафаккури навҷӯю инноватсионии субъектест, ки метавонад қарорҳои ғайримуқаррарии иқтисодиро қабул карда, рафтори оптималиро барои кам кардани фикру мулоҳизаҳо пайдо кунад, метавонад диққати кормандонро ба ҳадафи ягонаи гузошташуда тобеъ кунад". |
| Н.Ҳ.Азимов[муаллиф] | "Иқтидори креативии қувваи корӣ - ин маҷмӯи дониш, маҳорати баланди касбӣ буда, ҳангоми қабули қарорҳои муносиби иқтисодӣ, бо дарназардошти имкониятҳои сифатӣ, миқдорию зеҳнӣ ва кулли қобилияти фоидаовари иҷтимоию иқтисодии аҳолии қобили меҳнат истифода шуда бо ёрии низоми муайяни шаклҳо ва муносибатҳои шуғл тавсиф карда мешавад". |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда

Тавре аз ҷадвали мазкур бармеояд, таҳлили якҷоягии истилоҳҳои "креативӣ", "иқтидори креативӣ" ва "қувваи корӣ" нишон медиҳад, ки дар байни онҳо ҳам тафовут ва ҳам монандӣ мавҷуд аст. Ягонагии ин истилоҳҳо аз он ҷиҳат беназиранд, ки ҳамаи онҳо аз интиқолдиҳандаи худ инсон ҷудонашавандаанд. Эҷодкорӣ, бешубҳа қобилияти ҷамъи захираҳои миқдорӣ ва сифатии меҳнатӣ ё худ аҳолии қобили меҳнатро дар назар дорад, ки самараи фаъолияти онҳо имконияти ба даст овардани чизи нав дар ин ё он соҳаи фаъолияти иқтисодиро ташкил медиҳад. Иқтидори креативӣ шуурнокӣ, тафаккурнокии субъектҳои

қобили меҳнатиро, ки аз рӯи тахассуснокӣ, дар шакли дониш, салоҳияти касбӣ ва бо дарназардошти таҷриба қодиранд воситаи инноватсиониро дар амал татбиқ карда, воқеияти иқтисодии худро зина ба зина пайдо кунанд. Қувваи корӣ ба дорандаи худ, яъне инсон вобастагӣ дошта, дар баъзе ҳолат дар сатҳи фирмаву муассисаҳои алоҳида бо воситаи афзоиши ҳосилнокии меҳнати фоиданок муқаррар карда мешавад.

Профессор А.Рауфӣ таъкиди онро дорад, ки “...фаъолияти креативӣ-инноватсионӣ ҳамаи он чизест, ки бевосита қобилияти истифода бурдани донишу таҷрибаи бадастовардаи шахсро ифода мекунад, ки натиҷаи тафаккури эҷодӣ ва ҳалли ғайристандартӣ мебошад”[104].

М.Виттсел иброз намудааст, ки: “...Фаъолияти креативӣ метавонад ҳамчун қобилияти ба даст овардани арзиш аз сармояи зеҳнӣ, яъне идоракунии муносибатҳои байни сармояи инсонӣ (қобилият ва дониши кормандон), сармояи муштариён (дараҷаи ҳамгироии мутақобила) ва сармояи ташкилӣ (дониш ва фарҳанги корхона) барои баланд бардоштани иқтидори корхона ва ташкилот, инчунин, барои эҷоди арзиш муайян карда мешавад”[117, с.4].

Профессорон С.Ҷ.Комилов ва М.Қ.Файзуллоев таъкид намудаанд, ки: “...Инноватсия ин натиҷаи фаъолияти креативии шахс мебошад, ки барои ба даст овардани самараи иҷтимоию иқтисодӣ дар раванди эҷодӣ, истеҳсолот ва принсипҳои паҳн кардани маҳсулоти нави рақобатпазир, технология ва усулҳои нави ташкили меҳнат, инчунин, дар раванди истеҳсолот ва идоракунӣ нигаронида шудааст”[72].

Доир ба ин масъалаҳо муҳаққиқи ватанӣ Ю.Р.Юсуфбеков чунин қайд кардааст: “...Дар шароити ҷаҳонишавӣ, рақобат дар бозори ҷаҳонии меҳнат шиддат мегирад, ки натиҷаи ин муваффақиятҳоро пеш аз ҳама иқтидори инсонӣ ташкил медиҳад. Шаклҳои рақобат барои захираҳои инсонӣ ҳамагуна имтиёзҳо ва кафолати иҷтимоӣ, инчунин рушди низоми маориф ва омода намудани кадрҳоро тақозо менамояд”[150, с.6].

Дар робита ба ин, муҳаққиқи ватанӣ, профессор Д.Б.Қодирзода дар раванди таҳқиқи афкорҳои консептуалии бозори меҳнат, таъкид кардаанд: “...Раванди ташаккули бозори меҳнат фарқияти байни арза ва тақозо ва қувваи корӣ муайян гардида, инчунин онҳоро аз рӯйи сохтори шуғли аҳолӣ, аз рӯйи соҳаҳо, минтақаҳо, хусусиятҳои сину сол, сатҳи музди меҳнат, сифати иҷро, нерӯ, қобилият ва созандагию эҷодкории қувваи корӣ, инчунин, сатҳи бекорӣ аз якдигар ҷудо менамояд ва онҳо дар маҷмӯъ захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳанд”[67, с.140].

Профессор Д.С.Амонова қайд кардаанд, ки “...дар шароити муосир барои таъмини суръати баланди афзоиши иқтисодӣ, ташкил ва мунтазам такмил додани шароитҳои самаранок истифода намудани иқтидори меҳнатӣ дар сатҳҳои гуногун зарур аст”[35].

Чӣ тавре, М.Н.Кармышева дар кори диссертатсионии худ таъкид менамояд, “...Захираҳои меҳнатӣ бо қисми аҳолии қобили меҳнатдошта, ки дорои инкишофи ҷисмонӣ ва маънавӣ буда, қобилияти истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ тавсиф карда шавад, “иқтидори меҳнатӣ” ҳамчун иқтидори ҳақиқӣ дарк карда мешавад, яъне қобилиятҳои дар фосилаи вақти муайян мавҷудбуда ва истифодабарии онҳо, инчунин қобилияти доимии кормандро барои инкишофи малакаҳои меҳнатӣ дар назар дорад. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки иқтидори меҳнатӣ ҳамчун ченаки маҷмӯи қобилиятҳо барои амалигардонии фаъолияти фоидаовари ҷамъиятии аҳолии қобили меҳнат, инчунин малакаи корӣ ва имкониятҳо дарк карда мешавад, ки дар ҷараёни хоҷагидорӣ истифода шуда метавонанд”[68, с.23-24].

Дар ин замина Р.И.Самадов дар таҳқиқи кори диссертатсионии худ чунон қайд кардааст: “...Захираҳои инсонии нававар аз худи шахс (яъне саломатӣ, қобилият, малака ва истеъдод, қобилияти креативӣ ва сафарбаркунии ихтиёрӣ, рушди худшиносӣ ва таҳсилот, дониш ва салоҳияти касбӣ, тахассус ва таҷриба, сифатҳои фардӣ ва иқтидори креативӣ) ҷудонашавандаанд. Онҳо бевосита ба сифат ва миқдори дигар захираҳои инноватсионӣ таъсир мерасонанд. Захираи

ташкилию маъмурии инноватсия хусусияти дуюмдарача дорад, зеро ташаккули он дар доираи захираҳои инсонӣ сурат мегирад ва бо он робитаи ногусастанӣ дорад. Захираҳои инсонӣ дар марҳилаи ташаккули ибтидоии мамлакатҳои нави саноатӣ нақши махсусан муҳим мебозанд. Сифати иқтидори инсонӣ омили пешбарандаи ташаккули мамлакатҳои нави саноатӣ мегардад. Баъзе олимон сармояи инсониро бо арзёбии иқтисодии хосиятҳои инсонӣ муқоиса мекунанд"[114, с.124].

Ба ақидаи С.М.Ғоибназарзода "...иқтидори инсонӣ, ки як қишри қобили меҳнати аҳолӣ буда, дорои нерӯи инсонӣ, малакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳнӣ, дониш, арзишҳо, қобилиятҳои ҷисмонӣ, бахусус моликияти зеҳнӣ ва фарҳанги касбӣ буда, ҳамеша баҳри муваффақият кӯшиш мекунанд ва барои ноил шудан ба мақсадҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ азму иродаи қавӣ доранд"[49, с.84].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳқиқи афкори назариявии олимони тоҷик ва рус, ки дар боло қайд гардидааст, моҳияти иқтидори эҷодии қувваи кориро ба таври зайл ошкор кардан мумкин аст: иқтидори эҷодии неруи корӣ ин маҷмӯи сифатҳо, хосиятҳо, истеъдод, қобилият ва рақобатпазирии субъектони муносибатҳои иқтисодӣ, меъёри қобилияти маҷмӯавии меҳнатӣ буда, дар натиҷаи фаъолияти самаранок идоракунии захираҳои инсонӣ ташкил карда мешавад, ки дар шароити муосир барои ноил гаштан ба натиҷаҳои баланди иқтисодиву иҷтимоӣ манфиатовар буда, суръати баланди афзоиши иқтисоди инноватсиониро таъмин менамояд.

Вақте муносибатҳои консептуалии таҳқиқоти ИКҚК аз нигоҳи олимони нимаи якум ва дуюми садаи 20-ум, инчунин, муосири хориҷию ватанӣ меравад, пеш аз ҳама таъкиди онро бояд кард, ки нахустин фикру ақидаҳои назариявӣ, ки аз ҷониби олими шотландӣ - асосгузори назарияи иқтисоди сиёсии классикӣ, иқтисодчӣ Адам Смит[119] дар асари безаволи худ, ки аз асри XVIII инҷониб бо номи "Таҳқиқот оид ба табиат ва сабаби боигарии халқҳо" маълуму машҳур аст, барои бартарии мутлақ ва рушди кишварҳоро дар соҳаи истеҳсолот, тиҷорати байналмилалӣ муайян мекунад, нақши қувваи корӣ, сармоя ва дигар омилҳоро таъкид карда гузаштааст.

А.Смит навишта буд: “...Афзоиши ҳосилнокии меҳнати фоиданок, пеш аз ҳама, аз маҳорат ва ӯҳдабароии коргар, баъдан ба такмил додани дастгоҳу асбобҳое, ки бо ёрии онҳо кор мекунанд, вобаста аст. Чунончӣ, қобилият ва маҳорати қисми зиёди қувваи кориро аз рӯи дастгоҳҳо ва асбобҳое, ки меҳнатро коҳиш ё осон мекунанд, арзёбӣ кардан мумкин аст ва ҳатто агар онҳо хароҷоти муайянеро талаб кунанд ҳам, ин хароҷотро бо имтиёзҳо ҷуброн мекунанд”[119, с.208]. Д.Риккардо таъкид кардааст, ки нақши дониши шахс ба афзоиши иқтисодиёти мамлакат хело зарур мебошад[110, с.89]. Карл Маркс дар асари худ “Капитал. Танқиди иқтисоди сиёсӣ”[84], ки маълум аст, навиштааст: “...Меҳнате, ки моҳияти арзишҳоро ташкил медиҳад, ҳамон меҳнати инсонӣ, сарфи ҳамон қувваи кории инсонист”. Ҳамчунин Ф.Энгелс ва К.Маркс асосҳои объективии муносибатҳои инсонро бо табиат муайян намуда, меҳнати одамро ҳамчун омили пешбарандаи истеҳсоли ҷамъиятӣ маънидод кардаанд[83, с.167]. Мафҳуми “меҳнат”-ро одатан, ба қобилияти ҷисмонӣ, зеҳнӣ, креативӣ ва равонии одамон, ки дар раванди истеҳсолот ташаккул меёбанд, тафсир кардаанд.

Маълум аст, ки қувваи корӣ шарти асосии истеҳсолоти ҷамъиятӣ буда, яке аз мафҳумҳои асосии илми иқтисодӣ мебошад. Қувваи корӣ ҳамчун қобилияти меҳнатии шахс, қобилияти креативонаю навоварона буда, ҳамчун истеҳсолкунандаи табиӣ дар ҳама ҷомеа, сарфи назар аз шакли таърихии он, вуҷуд дорад. Қувваи асосии истеҳсолкунанда - пеш аз ҳама, инсон ҳамчун истеҳсолкунандаи табиӣ ба сифати қувваи корӣ, ки ҳамчун яке аз омилҳои фаврии раванди истеҳсолот бо дигар омилҳо баромад мекунад.

Аслан, тамоми меҳнат, аз як тараф, дар мафҳуми ибораи физиологӣ, сарфи маҳсули эҷоди қувваи корие мебошад, ки дар ин қобилияти меҳнатӣ ба арзиши молҳо баробар ё абстракт аст. Аз тарафи дигар, тамоми меҳнат дар шакли махсуси сарфи мақсадноки қувваи кории инсон аст ва дар ин сифат меҳнат фоиданокии мушаххаси арзишҳои истифодашударо ба вуҷуд меорад[162, с.132].

Ҳамин тавр, мо ба афкор ва андешаҳои безаволи асосгузорони назарияи иқтисоди сиёсии классикӣ доир ба мавқеи қувваи корӣ дар иқтисодиёт ва зери

мафҳуми қувваи корӣ “қобилияти ҷисмонӣ ва қобилияти маънавӣ” коргарон, ки қобили истифода дар раванди истеҳсолот ҳастанд, ҳамфикр мебошем. Тамоми қувваи кории ҷамъият, ки дар арзишҳои олами молу маҳсулот ифода ёфтааст, дар ин ҷо ҳамчун як қувваи кории инсонӣ зоҳир мегардад, гарчанде ки вай аз қувваҳои меҳнатии инфиродии бешумор иборат аст. Дар робита ба ин, гуфтан мумкин аст, ки иқтидори креативии қувваи корӣ арзиши доимӣ надошта, бо таъсири синну сол, тарбия, таҳсил, тандурустӣ, варзиш, тарзи ҳаёт, ҳавасмандгардонӣ ва ғайра тағйир меёбад, вале асоси табиии инкишофи иқтидори креативии шахс албатта қобилиятҳои модарзодии онҳо мебошад.

Бинобар ин, муҳтавои асоси сухан доир ба ташаккул ва рушди як намуди нави иқтидори инсонӣ меравад, ки метавонанд, қодиранд ва мехоҳанд донишҳо, ғояҳо ва технологияҳоро эҷод, татбиқ ва ҷамъ кунанд. Шахсияти эҷодӣ метавонад ҳамчун ҷузъҳои ҳамкорӣ муаррифӣ карда шавад (ниг. ба расми 1.1.).

Дар ин бобат амиқ мегардад, ки имрӯзҳо дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори креативии қувваи корӣ ин маҷмӯи фаъолияти креативонаи субъективӣ буда, дар муҳити махсуси институтсионалӣ бо роҳи ҳавасмандгардонии сохтор ва муассисаҳои амалкунандаи кишвар рушд ва такмил ёфта, тавассути донишҳои назариявӣ-амалӣ, касбӣ, инчунин, бо малакаву маҳорати ботаҷриба ва қобилияти навоваронаи худ иштирок дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ карда, қисми ташаккулдиҳандаи бахши воқеӣ ва хизматрасонии бозори озоди меҳнатро ташкил дода, ба соҳиби худ арзиши иловагии даромадро таъмин месозад.

**Таркиб ва таснифи унсурҳои креативии шахс дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ**

**Иқтидори инсонӣ**

- суръати афзоиши солонаи табиии аҳолӣ;
- таркиби синну солӣ ва гендери (ҷинси)-и аҳолӣ;
- шумораи аҳолии доимӣ ва давомнокии миёнаи умр.

**Иқтидори меҳнатӣ**

- тақсимоти аҳолӣ аз рӯи соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт;
- захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ, аҳолии машғул дар иқтисодиёт, бекорон ва қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт;
- дараҷаи истифодаи қувваи корӣ дар истеҳсолот.

**Иқтидори креативӣ**

- ✓ аҳаммияти иҷтимоии дониш, таваҷҷӯҳ ба худшиносӣ, эътироф дар ҷомеа;
- ✓ маҷмӯи сифатҳои маънавию ҷисмонӣ;
- ✓ нерӯ ва қобилияти фикррронӣ-самаранокӣ, ташкилӣ-идоракунӣ, чандирӣ-мутобиқшавӣ, тасаввурӣ-асолатӣ, кунҷковӣ-илмдӯстӣ, истодагарӣ-фидокорӣ, ҳамкорӣ-машваратӣ (кори дастаҷамъӣ), ахлоқ ва интизоми шахсӣ;
- ✓ арзишҳо ва меъёрҳои рафтори иҷтимоӣ;
- ✓ дараҷаи фаъолияти илмӣ-техникӣ, таҳқиқотӣ (синфи креативӣ);
- ✓ дараҷаи касбият ва тахассуснокӣ, умумифарҳангии фаолияти меҳнатӣ.

**Сармояи креативӣ-инсонӣ**

- дараҷаи умумии маълумот ва тайёрии касбии аҳолӣ (маҷмӯи қобилиятҳо, дониши умумӣ ва махсус);
- ҳолати тандурустӣ (саломатӣ) ва шароити фарҳангӣ;
- таҷриба ва собиқаи корӣ, инчунин тавсифи ҷаҳонбинӣ ва равоншиносӣ;
- маблағгузорӣ барои баланд бардоштани сатҳу сифати дониш ва малакаи касбӣ.

**Дараҷа, тарз ва сифати зиндагӣ**

- шароити меҳнат (шароити санитарию гигении муҳити корӣ);
- сиёсати давлат (қонунҳо ва санадҳои қонунгузорие), ки ҳуқуқҳои инсон, рушди он ва соҳаи иҷтимоию меҳнатиро танзим мекунад;
- шароит ва муҳити зист (бехатарӣ, сифати оби нӯшокӣ ва ғизо, шароити табиию иқлимӣ);
- усулҳои истироҳат (сифати хизматрасонӣ, захираҳои фароғатӣ, сифати маҳсулоти истеъмолмешуда);
- коҳиш додани сатҳи таваррум бо мақсади баланбардории дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ (аз камбизоатӣ);
- сатҳи баланди музди меҳнати номиналӣ.

**Расми 1.1. - Унсурҳои креативии шахс дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ: таркиб ва таснифи онҳо**
**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда

Аз рӯи омӯзиш ва таҳияи расми 1.1., ба хулосае омадан мумкин аст, ки қобилияти эҷодии инсон - ин қобилияти тафаккури аслӣ, пайдо кардани равишҳои нав ба ҳалли мушкилот, тавлиди ғояҳо ва ақидаҳои ғайримуқаррарӣ мебошад. Аз тарафи дигар, эҷодкорӣ ифшои қобилияти меҳнатии ҳар як шахс, неруи корӣ, умуман захираҳои меҳнатӣ буда, қобилияти эҷодии он дар тавлиди ғояҳо ва ҳалли вазъиятҳои мушкилот зоҳир гашта, рушд ва ташаккули ин соҳа имкон медиҳад, ки боиси ташкил ёфтани иқтисодиёти нав (креативӣ) инноватсионӣ гардад.

Чӣ тавре аз таҳқиқи назариявӣ бармеояд, фаъолияти креативона, масрафи дониши сатҳи баланди қувваи корӣ барои истеҳсол кардани маҳсулоти нави рақобатпазир дар бозори дохилӣ ва зиёд кардани сатҳи содироти маҳсулоти инноватсионӣ хизмат мекунад, аз мадди аввал дур нест.

Инчунин, иқтидори креативӣ нисбат ба инноватсия мафҳуми васеътар дошта, на ҳамеша дар ҳама ҳолат натиҷаи фаъолияти қобилияти креативии шахс дар амал татбиқ мегардад, натиҷаи нав (инноватсия)-ро мегирад, балки бештар арзишӣ (пулӣ) пайдо мекунад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса баровард, ки қобилият, тафаккур ва иқтидори креативии шахс дар илм, санъат, фарҳанг, сиёсат, тиҷорат, умуман дар ҳама соҳаҳои тағйирёбандаи ҳаёт, ки рақобат дар он инкишоф меёбад, арзиш дорад ва барои рушди ҷомеа ва иқтисодиёт беназир мебошад.

Маълум мешавад, ки иқтисоди креативӣ ба асосҳои таъмини инкишофи ҳосилнокии меҳнат, маблағҳои иловагӣ, сармояи инсонӣ ва дар натиҷа баланд шудани сифати мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ вобастагӣ дорад. Олимони хориҷию ватании муосир ҳамчун омили махсуси тараққиёт ва афзоиши иқтисодиёт, донишро низ таъкид мекунанд. Истеҳсолот ҳамеша одамони дорои дониш, маҳорати меҳнатӣ, қобилияти креативӣ-инноватсиёниро талаб мекунад. Ҳамзамон, дониш унсури муҳими меҳнат, инчунин захираи нодир аст, махсусан, агар он аз нуктаи назари тахассуси коргарон баҳо дода шавад, пеш аз ҳама аз маълумот ва дониши ҳосилшуда вобаста аст ва дар навбати худ (хусусан дар соҳаи технологӣ) ҳамчун дараҷаи истифодаи сармояи воқеӣ баланд мешавад.

Дар ин росто метавон гуфт, ки неруи креативӣ эҳтимолан омили рушди рақобаттавонии бозори меҳнат дар байни рассомон, адибон, файласуфони ҷавон, соҳибкорон ва умуман қувваи корӣ мебошад, яъне одамоне, ки эҷод мекунанд, ташкил ва ташаккул медиҳанд, аз ҷиҳати фарҳангӣ бой ва хоси миллат мебошанд.

## 1.2. Таҳқиқоти ҷанбаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ

Дар ҷаҳони муосир ҷанбаи нави рушд пайдо мешавад, ки иқтисодиёт ва фарҳангро бо ҳам мепайвандад, яъне ҷанбаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, технологӣ ва иҷтимоии рушдро ҳам дар сатҳи иқтисоди калон (макроиқтисод) ва ҳам иқтисоди хурд (микроиқтисод) фаро мегирад. Унсури калидии ҷанбаи нав дар марҳилаи олии рушди саноатикунонӣ ва рушди пасазсаноатии иқтисодиёти инноватсионӣ ифодаи нави саноати эҷодӣ мебошад, ки онро бо ҷомеаи иттилоотӣ ва дониш тавсиф ва ҳамчунин муҳаррики асосии таъмини рушди босуръати иқтисодӣ эътироф мекунанд.

Дар айни замон, таваҷҷӯҳи бисёр олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба рушди иқтидори креативии шахс равона карда шудааст, ки воқеан диққати онҳоро ба худ ҷалб кардааст. Дар робита ба ин, имрӯзҳо ҷанбаҳои асосии ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ, ки рақобатпазирии онро дар бозори меҳнат вобаста ба фаъолияти самаранок идоракунӣ ва такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ алоқаманд мешуморанд, дарбар мегирад.

Бинобар ҳамин, дар нимаи дуюми садаи XX ва аввали садаи XXI олимони хориҷию ватанӣ ба монанди Ҷ.Гилфорд[154], С.Медник[156, с.220-232], К.Роҷерс[111, с.79], С.Тейлор[157, с.99-126], Э.П.Торренс[158, с.663-679], Ҷон Хокинс[155], Т.А.Самойлюк[115], А.В.Сокур[122], Р.Ю.Турчаева[130, с.20], Т.Б.Ғаниев[53, с.138], С.Ҷ.Комилов[75], А.А.Мирзоалиев[87], Р.К.Раҳимов[105], Б.Ҳ.Сафаров[116, с.28], Т.Ҷ.Усманова[133] ва дигарон, ки мафҳуми идоракунии иқтидори инсониро аз нуктаи назари креативӣ дар ҷанбаҳои шахсӣ дар робита бо иқтисодиёт дидаанд, баҳогузорӣ карда мешавад.

Дар баробари ин, иқтидори креативӣ бо заминаи ташаккули ғояҳои нав ва татбиқи ин ғояҳо барои тавлиди осори аслии санъат ва маҳсулоти фарҳангӣ, офаридаҳои функсионалӣ, ихтирооти илмӣ ва навовариҳои технологӣ ишора мешавад, фаҳмидан мумкин аст.

Ҳамин тавр, олим С.Р.Яголковский дар асоси таҷрибаи корҳои илмӣ ба чунин хулоса омадааст, ки: "...Креативӣ пеш аз ҳама, бо истифодаи ғояҳои нав, ки ба истеҳсоли маҳсулоти фоиданок замина мегузорад, яъне инноватсия фаҳмида мешавад"[151, с.10].

Чӣ тавре, маълум аст "...пешрафти ояндаи Тоҷикистон дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати татбиқи ин ҳадаф бо истифода аз технологияҳои муосир баланд бардоштани самаранокии саноати коркард ва қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ бисёр муҳим мебошад"[14].

Аз ин нуктаи назар метавон гуфт, ки дар ҷаҳони муосир, мақом, тавоноӣ ва аҳамияти иқтидори инсонӣ, захираҳои меҳнатӣ ва рушди он, инчунин, неруи эҷодӣ дар баланд бардоштани самараноки саноати коркард ва рақобатпазирии молҳои ватанӣ, нақши хоса дорад.

Аз рӯи зарурияти истифодаи модели иқтисоддони англис, профессор В.А.Люис, ки дар шароити Тоҷикистон тибқи асарҳои олимони ватанӣ академик Р.К.Раҳимов[105, с.60-61] ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Т.Ҷ.Усманова[133, с.45], ки барои модели рушди иқтисодии Тоҷикистон мувофиқтар аст, қайд мекунанд, ки истифодаи ҳадди ниҳоии қувваи кории босуръат афзоянда дар шароити нарасидани маблағҳои асосӣ таъмин менамояд. Дар натиҷаи таҳқиқоти осори илмии олимони хориҷӣ-ватанӣ, бояд қайд намуд, ки дар баъзе ҳолатҳо захираҳои инсонӣ ҳамчун мафҳуми иқтидори инсонӣ маънидод карда шуда, инчунин, дар навбати худ ҳамчун омили асосии истеҳсолот ҳисобида мешавад[103, с.3].

Л.Ш.Алимова иқтидори инсониро чунин шарҳ медиҳад: "...Иқтидори инсонӣ маҷмӯи салоҳиятҳо, қобилиятҳо ва имкониятҳои бунёдии шахс ё гурӯҳи одамоне мебошад, ки дараҷаи рушд ва татбиқи онҳо раванди

такрористеҳсолкунии маҳсулотро зиёд ё (паст) мегардонад”. Иқтидори инсониро дар бар мегиранд[34, с.9]: 1) иқтидори саломатӣ; 2) иқтидори таълимӣ - фарҳангӣ; 3) иқтидори креативӣ - зеҳнӣ; 4) иқтидори меҳнатӣ - иҷтимоӣ.

Ба андешаи олими рус А.А.Федотов: “...Иқтидори креативии инсонӣ маҷмӯи қобилиятҳо, донишҳо, малакаҳо ва хусусиятҳои шахсии фард аст, новобаста аз он ки онҳо дар фаъолияти истеҳсолӣ то чӣ андоза татбиқи мушаххасро пайдо мекунанд ё ёфта метавонанд”[137, с.80].

Г.Р.Гибадатова дар таҳқиқоти худ чунин қайд кардааст: “...Иқтидори инсонӣ”, “сармояи инсонӣ” ҳамчун маҷмӯи дониш, малака ва қобилияти инсон маънидод гашта, истифодаи он дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ ташаккул ёфта, имконияти ба даст овардани даромадро ба сармоядор таъмин менамояд”[48, с.12]. Захираҳои инсонӣ ба моҳияту сифатҳои фардӣ, ки ба эҳтиёҷоти рушди иқтисодиёти муосир мусоидат мекунад, тамаркуз мешавад ва дар баробари маҳорати касбӣ, сатҳи тахассус, маълумотнокӣ, инчунин ҷанбаҳои ахлоқӣ низ аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Дар баробари ин, А.Б.Докторович[58, с.125-130]чунин мешуморад, ки “...иқтидори инсонӣ маҷмӯи низоми қобилиятҳои фард, гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа барои амалҳо, муносибатҳои мутақобила ва таъмини фаъолияти ҳаётии онҳо, ки таҷдиди он мебошад. Дар шароити муайян, агар захираҳои зарурӣ мавҷуд бошанд, иқтидори инсонӣ дар кор амалӣ карда мешавад”.

Аз адабиётҳои омӯхташуда маълум мегардад, ки иқтидори креативии инсонӣ дар маҷмӯъ тамоми имкониятҳо, қобилиятҳо, созандагӣ, ниёзҳо, навоварӣ, истироҳат ва муносибатҳои байнифардии ҳар як шахсро фаро мегирад. Ин иқтидор хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории тамоми аҳолиро дар маҷмӯъ тавсиф мекунад, новобаста аз он, ки дар фаъолияти иқтисодӣ иштирок мекунад ё не:

- ✓ қобилияти меҳнатӣ, имконот ва иқтидори истеҳсолии аҳолии қобили меҳнат, сифатҳоеро, ки ба фаъолияти креативии неруи меҳнатӣ мусоидат мекунанд, ба эътибор мегирад;

✓ иқтидори захоири меҳнатӣ ин нишондиҳандаест, ки хусусиятҳои мутлақи аҳолии қобили меҳнатро инъикос мекунад;

✓ неруи инсонӣ бо дарки умумӣ тамоми гуногунии қобилият, маҳорат ва иқтидори эҷодкоронаи инсониро, бо истифода аз он ки онҳо дар фаъолияти истеҳсолӣ ва бе назардошти таъсир ба иқтисодиёт чӣ гуна истифода мебаранд, баррасӣ мекунад.

Таҳқиқи сохтори нерӯ аз нуктаи назари замон моро водор намуд, ки чунин хулоса барорем: фосилаи байни гузашта, ҳозира ва оянда, раванди такрористеҳсоли иқтидори креативии инсонро халалдор мекунад, ки марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

- бо истифода аз захираҳои инсонӣ ба даст овардани даромад дар сатҳи инфиродӣ, гурӯҳӣ ва давлатӣ;
- иҷрои вазифаҳои асосӣ ва ҷории (захиравии) сармояи инсонӣ дар сатҳ ва сифати муайян тавассути ташаккули салоҳиятҳои зарурӣ;
- барои васеъ намудани имкониятҳои минбаъда дар мисоли рушди нерумандӣ, ҳифзи иҷтимоии оила ва ҷомеа, инчунин, соҳаи маънавию фарҳангӣ бо роҳи сармоягузорӣ (аз як қисми даромад).

Аз таҳлилҳои дар боло зикршуда хулоса баровардан мумкин аст, ки соҳаҳои маориф ва тандурустӣ на ҳамчун шарти баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, балки ҳамчун воситаи рушди шахсӣ ва такмили инсон баррасӣ карда шуда, ба он омилҳое аҳамияти ҷидди медиҳанд, ки пеш аз ҳама барои беҳтар шудани сифати зиндагонӣ таъсир расонда, ба зиёд шудани самараи иқтисодиёт танҳо бавосита мусоидат мекунанд. Ба ибораи дигар, консепсияи иқтидори инсонӣ бартарияти омилҳои тараққиёти маънавиро нисбат ба омилҳои моддӣ нишон дода, инкишофи қобилияти эҷодии инсонро, сарфи назар аз таъсири онҳо ба натиҷагирии иқтисодиёт, мақсади олии пешрафти ҷамъият медонад. Воқеан амалия моро огоҳ месозад, ки сатҳи баланди иқтидори инсонӣ пешрафти иқтисодии субъектҳои хоҷагидориро низ таъмин менамояд.

Дар ин росто олими рус Т.А.Самойлюк қайд мекунад, ки “...ташаккул ва рушди захираҳои инсонӣ (иқтидори инсонӣ) ба баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии кормандон ва пешравии малакаи касбӣ оварда мерасонад”[115, с.28]. Бинобар ҳамин, рушди “...захираҳои инсонӣ (иқтидори инсонӣ) метавонад як зербахши идоракунии захираҳои инсонӣ ҳисобида шавад ва онро метавон ҳамчун як раванди мураккаб муайян кард, ки дар он салоҳият, дониш, малака ва муносибат тавассути омӯзиш, таълим, роҳнамоӣ, инчунин бо таҷрибаи фаъолияти кории фардӣ дар ҳаёт ҷамъоварӣ карда мешавад. Баъзе аз муҳаққиқон ба ин назаранд, ки мафҳуми “иқтидори инсонӣ” нисбат ба дараҷаи зиндагӣ ва сифати зиндагӣ фарогиртар аст, зеро он ҳардуи ин ҷанбаҳои рушди инсонро дар бар мегирад”[148, с.4].

Ҳангоми таҳқиқи кори диссертатсионии докторӣ, муҳаққиқ А.А.Мирзоалиев чунин қайд мекунад: “...Сармояи инсонӣ яке аз муҳимтарин омилест, ки дар он тафаккури креативӣ, арзишҳои зеҳнӣ, маҳорату истеъдод, салоҳияту касбият ва иқтидори фардӣ (иқтидори инсонӣ) дар бозори меҳнат арзёбӣ мегардад”[87, с.14]. Олимони тоҷик А.Ҷ.Ҷабборов ва Н.Ш.Марупова дар мақолаи худ чунон қайд мекунанд, ки “...омили калидии таъмини шуғли маҳсулнок ва сатҳи баланди зист дар шароити муосир ин дониш, малака, маҳорат, эҷодкорӣ, чандирнокӣ ва сатҳи баланди омодагии касбии захираҳои меҳнатӣ мебошад”[56, с.46]. Дар шароити чунин фосилаи назарраси вақт муносибати стратегӣ ба идоракунии такрористеҳсоли иқтидори инсонӣ (захираи инсонӣ), ки ба принсипҳои зерин асос ёфтааст, аҳамияти махсус пайдо мекунад[48, с.20]:

- тағйироти хоси қисмҳои иқтисодӣ ва ғайрииқтисодии иқтидори инсонӣ, ки дар ҳолати муайян ва дар доираи муайян бо омилҳои беруна дастгирӣ мешаванд;
- самтгирии мақсаднок ва самаранокӣ, дар ҳоле ки бе дарки аниқ ва мураттабсозии мақсадҳои рушди иқтидори инсонӣ якчанд усулҳои самарабахши такрористеҳсолии онро муайян кардан имконнопазир аст;

- хислати ҳадафманд, ки бо назардошти таркиби захираҳои инсонӣ, муносибати механизмҳои бозорӣ ва ғайрибозории рушди он муайян карда шавад;
- таъсири дарозмуддат, бо дарназардошти он, ки самаранокии таъсири рушди захираҳои инсонӣ ба натиҷагирии иқтисодӣ низ дар муддати тӯлонӣ ва дар шаклҳои мухталиф намудор мешаванд;
- арзёбии ҳолат, ки зарурати ташхиси пешакии шароити хоси кунунии фаъолияти иқтисодиёт ва татбиқи марҳилаҳои гуногуни ибтидоии идоракунии рушди иқтидори инсониро вобаста ба вазъи кунунӣ пешбинӣ менамояд;
- мавҷудияти зиддиятҳо ва нигоҳ доштани тартиботи муайян дар оила ва ҷойи кор, яъне набудани зиддиятҳо, инчунин зиёдатии онҳо боиси ақиб рафтани иқтидори инсонӣ (рушди инсонӣ) мегардад.

Бо ин мақсад дар асоси таҳлили назариявии омӯзиши принсипҳои дар боло овардашуда, метавон ҷанбаи асосии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ аз рӯи нишондиҳандҳои қаноатмандӣ аз сифати хизматрасонии тиббӣ, қаноатмандӣ аз сифати ҳаво, қаноатмандӣ аз сифати об, қаноатмандӣ аз низоми маориф, қаноатмандӣ аз дастрасии манзил, қаноатмандӣ аз сатҳи зиндагӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсонӣ арзёбӣ кард, ки аз нишондиҳандаи ҷудонашавандаи рушди иқтидори креативӣ иборат аст.

Дар баробари ин, сатҳу сифати зиндагӣ тавассути омилҳое муайян мешавад, ки ба такрористеҳсоли иқтидори креативӣ ва захираҳои инсонӣ боис мегарданд, аз унсурҳои зеринӣ иборат мебошад[42, с.22]: пеш аз ҳама, сифати муҳити зист; дуюм, сифати амниятии сатҳи зиндагӣ; сеюм, сифати инсонӣ; чорум, сифати ташаккул ва рушди ҷамъият; панҷум, сифати инфрасохтори иҷтимоӣ; шашум, сифати шуғлнокӣ; ҳафтум, сифати муҳити соҳибкорӣ.

- вазъи муҳити зист аз хусусиятҳои табиӣ ва иқлими маҳал, инчунин, аз бехатарии экологӣ вобаста аст. Ин пеш аз ҳама ба сатҳи зиндагии осоишта дар минтақаҳои алоҳида ва таъсири он ба саломатӣ, сифат ва давомнокии миёнаи умри одамон дахл дорад. Инчунин, тағйирёбии арзиши шароити зиндагӣ вобаста ба сатҳ ва ҳаҷми партовҳои моддаҳои зараровар ба атмосфера, дараҷаи

ифлосшавии ҳаво, хок ва об, инчунин, то чӣ андоза фаъолона барқарор кардани ҷангал ва то чӣ андоза мусоиди вазъи санитарӣ ва эпидемиологӣ дар минтақа ба назар гирифта мешавад;

- вазъи бехатарии сатҳи зиндагӣ ҳамчун ҷузъи муҳими сифати зиндагии инсон ба ҳисоб меравад. Он аз он муайян карда мешавад, ки то чӣ андоза мудофиаи ҷомеа аз муноқишаҳое, ки созишро дар бар намегиранд, аз зӯроварӣ ва ҷиноятҳои зидди шахсият ва ҳаёти шахси муҳофизат карда мешавад;
- сифати инсонӣ тавассути чунин индикаторҳо, аз қабили дараҷаи тандурустӣ, неруи интеллектуалӣ, маълумотнокӣ ва омодакунии тахассусии касбӣ, таҳсилот ва тарбияи кӯдак, дараҷаи фарҳанг ва маданияти умумии одамон, инчунин, бо дараҷаи маънавиёти онҳо ошкор мегардад;
- сифати ташаккул ва рушди ҷамъият, ки яке аз ду сегменти асосии сифати зиндагӣ буда, хусусиятҳои асосии худро тавассути чунин зуҳурот, ба монанди маориф, тандурустӣ, ҷаҳонбинии аҳолӣ ва ғайра, ки бо индикаторҳои таваллуд, фавт, оиладорӣ, шуғли аҳолӣ, сатҳи рушди бемориҳои иҷтимоӣ ва маъюбӣ мушаххас мегардад;
- дараҷаи рушди инфрасохтори иҷтимоиро аз рӯи параметрҳое, ки сатҳи расонидани хизматҳои ҳаётан муҳим ба аҳолӣ, аз қабили маориф, тандурустӣ, амният ва ғайра инъикос мекунанд, арзёбӣ кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, ҷанбаҳои муайяне мавҷуданд, ки тавассути таъсири инфрасохтори иҷтимоӣ ба сатҳи зиндагӣ зуҳур мекунанд, ба онҳо дохил мешаванд: сифати маҳсулот ва хизматҳои ба аҳолӣ пешниҳодшуда, сатҳ ва сифати иншоотҳои иҷтимоӣ, дараҷаи дастрасӣ ва таъмини онҳо ба гурӯҳҳои муайяни шаҳрвандон;
- сатҳи шуғлнокӣ мувофиқи тахассуси корманд, дараҷаи татбиқи имкониятҳо ва қобилиятҳои ӯ дар ҷараёни истеҳсолот тавсиф мешавад ва ин мустақиман ба сатҳи ихтисоси коргар, ҳосилнокии меҳнат ва дараҷаи сазовори музди меҳнат вобаста аст. Сифати шуғлнокӣ ҳамчун унсури сифати зиндагӣ бо маҷмӯи шароити меҳнати шоиста муайян карда мешавад: мазмуни кор,

фаъолиятҳое, ки эҳтиёҷоти коргарон, доираи васеи вазифаҳои корӣ, инчунин, бехатарӣ, шароит ва ҳифзи меҳнатро ба назар мегиранд;

- шароит ва муҳити рушди соҳибкорӣ аз шароити ташаккул ва рушди тиҷорат, аз қабили низоми андозӣ, меъёри фоизӣ, мавҷудияти захираҳои молиявӣ, сатҳи рушди инфрасохтори иқтисодӣ, сатҳи рақобат, дараҷаи танзими давлатӣ ва ғайраро мушаххас мегардонад. Ҳамаи ин хусусиятҳо миқёс ва самаранокии истифодаи захираҳоро барои рушди соҳибкорӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ таъмин мекунад. Чӣ қадаре, ки сифати муҳити ҳамгирой баланд бошад, ташкил ва ташаккули фаъолияти тиҷоратӣ, ҳамон қадар бештар мегардад.

Масъалаи ба назар гирифтани таъсири ин сегментҳои сифати зиндагӣ дар он аст, ки на ҳар як зуҳуроти онро ба таври миқдорӣ чен кардан мумкин аст. Аз ин гуфтаҳо, мо метавонем ҷанба, сифати зиндагӣ ва дар маҷмӯъ ташаккул ва рушди иқтидори инсониро аз рӯи шохиси маъруфи рушди инсон, ки аз рӯи формулаи зерин баҳо дода мешавад, муайян кунем[41, с.154].

$$\mathbf{Y}_{\text{руш.ик.ин}} = \frac{\mathbf{1}}{\mathbf{3}} \times \sum_{\mathbf{i=1}}^{\mathbf{3}} \mathbf{Y_i}\text{, ё ин ки } \frac{\mathbf{Y_1+Y_2+Y_3}}{\mathbf{3}} \qquad (1.1.)$$

дар ин ҷо $Y_1$ шохиси давомнокии умр;
$Y_2$ шохиси дастрасии таҳсилот;
$Y_3$ шохиси ММД-и воқеӣ ба ҳар сари аҳолӣ.

Дар асоси таҳияи формулаи шохиси рушди инсонӣ олимони рус аз ҷумла: А.Я.Кибанов таъкид кардааст, ки “...иқтидори инсонӣ (захираҳои инсонӣ) мафҳумест, ки сарвати асосии ҳар ҷомеаро инъикос мекунад, инкишофи он тавассути фароҳам овардани шароит барои такрористеҳсол, рушд ва истифодаи ин сарват, бо назардошти манфиатҳои ҳар як шахс имконпазир аст”[70].

Бинобар ин, сиёсати такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ ба меъёрҳои зерини иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, ки инҳо шуда метавонанд: 1) нишондиҳандаҳои умумӣ ва холиси такрористеҳсоли аҳолӣ, шохиси қувваи зинда; 2) таносуби ба сармоя гардонии арзиши изофаи аҳолӣ. Онро бо роҳи тақсим кардани ҳаҷми умумии истеҳсоли молу хизмат ва натиҷаҳои имконпазире, ки ҳангоми нигоҳ доштани шароити зиндагӣ ва меҳнати аҳолӣ ба даст овардан мумкин аст, ҳисоб

карда мешавад. Ин коэффитсиент, инчунин нишондиҳандаҳои шуғл, қобилияти кор ва ҳаҷми маҳсулоти умумии минтақавиро ба назар мегирад.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки нишондиҳандаи ба сармояи креативӣ табдилдиҳии захираҳои инсонӣ бо арзиши миёнаи солонаи онҳо ифода карда мешавад ва чунин муайян мегардад:

$$\textbf{ИК}_{\textbf{а.м.с.}} = \textbf{Д}_{\textbf{эҳ.}} * \textbf{ММД}_{\textbf{ба ҳ.с.а.}} * \textbf{С}_{\textbf{тан.аҳ.}} * \textbf{К}_{\textbf{сат.таҳ.}} * \textbf{Ш}_{\textbf{акд.ник.}} \quad (1.2.)$$

дар ин ҷо $ИК_{а.м.с.}$- иқтидори креативии арзиши миёнаи солона;

$Д_{эҳ.}$- дарозумрии эҳтимолии аҳолӣ (иқтидори аҳолӣ);

$ММД_{ба\ ҳ.с.а.}$- ММД ба ҳар сари аҳолӣ;

$С_{тан.аҳ.}$- сатҳи тандурустии аҳолӣ, ки ба: $С_{тан.аҳ.} = \mathbf{1} - \frac{Шбем.}{\mathbf{1000}}$; баробар аст.

$Ш_{бем.}$- шумораи беморон нисбат ба ҳазор нафар;

$К_{сат.таҳ}$ - коэффитсиенти сатҳи таҳсилот (олӣ ва миёнаи касбӣ), ки ба тамоми аҳолии ҳудудии интихобшуда мувофиқ аст;

$Ш_{акд.ник.}$- шумораи акди никоҳ ба ҳар ҳазор нафар.

Чӣ тавре И.Т.Фролова қайд мекунад: “...Иқтидори инсонӣ - ин имконияти худшиносии креативӣ бо назардошти талаботи ҷорӣ ва ояндаи инсон мебошад. Мафҳуми “иқтидори инсонӣ” хислати ягона ва интегралӣ дорад. Дар он ҷузъи антропологӣ мавҷуд аст, ягонагии шахсияти биологӣ, иҷтимоӣ ва фардро дар инсон инъикос мекунад. Нишондиҳандаҳои марбут ба ҷанбаҳои моддию маънавии инкишофи шахсият ё ҷомеа низ дар ягонагӣ баррасӣ мешавад”[138, с.63]. Таъкид кардан муҳим аст, ки рушд ва ташаккули иқтидори креативӣ аз тағйирёбии шароити зиндагӣ, ҳам объективӣ ва ҳам субъективӣ, инчунин, аз тағйирёбии дарки шахс дар бораи ин шароит вобаста аст. Ҳамин тариқ, “...иқтидори инсонӣ ин қобилияти одамон барои фаъолияти фаъоли креативӣ, ки дар раванди таъмини рушди иқтисодӣ дар асоси рушди инноватсионӣ амалӣ мегардад”[75, с.115]. Е.Ю.Наумова “...иқтидори инсонӣ (захираҳои инсони) - ро берун аз созмон тавсиф намуда, онҳоро ҳамчун маҷмӯи одамон, қобилиятҳои ҷисмонӣ ва равонии онҳо, ки маъмулан ҳамчун захираи истеҳсолӣ барои баланд бардоштани самаранокии низоми иқтисодӣ истифода бурда мешавад”, муайян

мекунад[92, с.100-103]. Олим ва муҳаққиқи рус И.А.Максимсев "...иқтидори инсонӣ ҳамчун аҳолии қобили меҳнат, ки асоси моддии захираҳои инсониро ташкил дода дараҷа, ташаккул ва рушди қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавии инсонро инъикос мекунад" маънидод кардааст[109, с.38]. Дар монографияи коллективӣ, олимони рус чунин қайд кардаанд[118, с.126]: "...Захираҳои инсонӣ (иқтидори инсонӣ) аҳолии кишварро мувофиқи хусусиятҳои демографӣ ва татбиқи ҳадди аксари имкониятҳои инсон ифода мекунанд. Қувваи корӣ маҷмӯи малакаҳои кори оддиеро ифода мекунад, ки таълими махсусро талаб намекунад. Сармояи инсонӣ ҳамчун шакли иқтисодии татбиқи иқтидори инсонӣ (захираҳои инсонӣ) дар шароити муайяни таърихӣ ва бахшҳои иқтисодиёт амал мекунад".

Ба фикру афкори олимони рус ва тоҷик ҳамфикрӣ баён намуда, бояд қайд кард, ки ҳисобгирии ҳамаҷонибаи таъсири мутақобилаи чунин намудҳои иқтидори фардӣ, ба монанди неруи инсонӣ, сармояи инсонӣ, сармояи ташкилию соҳибкорӣ, инчунин, сармояи фарҳангӣ ва маънавӣ, ки ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативӣ таъсир мерасонанд, ҳамчун як шакли иқтидори иқтисодии креативӣ амал мекунанд, ифода меёбад. Ба муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҷалб намудани захираҳои меҳнатӣ, ченаки истифодаи иқтидори инсонӣ, қобилияти иловагии истеҳсолӣ нисбат ба қувваи корӣ аст.

Ҳамин тавр, дар заминаи фикру мулоҳизаҳои мазкур, ба хулосае омад, ки мубаддал гаштани иқтидори инсонӣ ба сармоя дар шароити иқтисоди бозории ҷумҳурӣ дар сурати мавҷудияти тақсимоти меҳнат ба фаъолияти касбӣ, креативӣ (зеҳнӣ), ҷисмонӣ, идоракунӣ ва соҳибкорӣ амалӣ гашта, рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи кориро дар бозори меҳнат таъмин менамояд. Ба ин васила сармоягузории доимии устувор ба рушд ва афзоиши қувваҳои истеҳсолкунандаи иқтидори эҷодӣ ҳамчун сармоя, ки қувваҳои нави истеҳсолкунандаро дар бозори меҳнат таъмин мекунад, ба даромади инфиродии иқтидори инсонӣ ва ҳосилнокии меҳнат, манфиатовар аст, таъсиргузор мебошад.

Дар айни замон, иқтидори инсонӣ ҷанбаи асосии рушди он мебошад. Вақте ки одамон истеъдод ва қобилиятҳои худро тавассути воситаҳои гуногун, хоҳ

захираҳои моддӣ ва хоҳ ғайримоддӣ, ташкилотҳо ё худи муассисаҳое, ки меҳнати онҳоро истифода мебаранд, ошкор мекунанд, сармояи инсонӣ ташаккул меёбад ва ҷамъ мешавад. Ин дар навбати худ ба афзоиши фоида ва рақобаттавонии ширкат мусоидат мекунад. Бинобар ҳамин, иқтидори креативии қувваи корӣ як ҷузъи захираҳои иқтисодӣ буда, дониш, малакаҳои амалӣ, қобилияти эҷодӣ ва тафаккури одамон, арзишҳои ахлоқии онҳо, маданияти меҳнатро дар бар мегирад, ки онҳоро дар фаъолияти истеҳсолӣ истифода мебаранд.

Дар баробари ин, илова ба фарқиятҳои байни истилоҳҳои сармоя, захираҳои инсонӣ (иқтидори инсонӣ) бояд қайд кард: робитае, ки аз қонеъ кардани талабот дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ иборат аст[159, с.287-304]. Агар шумо ба захираҳои инсонии як фард ё дар маҷмӯи захираҳои инсонӣ сармоягузорӣ илова намоед, пас имкони ба даст овардани иқтидори инсонӣ имконпазир аст, ки ҳадафи асосии он ба даст овардани фоидаи иловагӣ ва афзоиши даромад мебошад[91, с.47].

Дар назарияи иқтисодӣ иқтидор ва захираҳои инсонӣ на бо тамоми гуногунии хусусиятҳои худ, балки танҳо ба андозае ба назар гирифта мешавад, ки инкишоф ва татбиқи он самаранокии иҷтимоӣ ва иқтисодии равандҳои такрористеҳсолкуниро муайян мекунад. Аз ин рӯ, ба фаъолияти меҳнатӣ ва таъминоти маводи хӯрока диққати калон дода мешавад. Муҳимтарин самти татбиқи иқтидори инсонӣ қонеъгардондани эҳтиёҷоти доимӣ мебошад, ки ба тағйироти нисбӣ дар иқтисодиёт рабт дорад[120, с.18-20]. Дар асоси омӯзиши асари олими рус, метавонем якчанд хусусиятҳои захираҳои инсониро аз ҳамдигар фарқ намоем[129, с.14-15]: аввалан, ҳар қадар, ки одамон ҳамчун захираҳои инсонӣ ба як соҳаи муайяни фаъолият дохил карда шаванд, таҷрибаи касбӣ зиёд карда шуда, барои қабули қарорҳо дар соҳаи касбӣ ҳамон қадар вақт камтар лозим мешавад, ки баъдан сармояи онҳо барои ташкилот, худро муаррифӣ мекунад; сониян, барои таъмини ширкат бо кормандони баландихтисос, сармоягузории иловагӣ талаб карда мешавад; ахиран, идоракунии самараноки иқтидори инсонӣ

дар ташкилотҳову корхонаҳо ва умуман дар тамоми фаъолияти иқтисодӣ тавассути самаранок идоракунии имкониятҳои онҳо ба даст оварда мешавад.

Аз рӯи гуфтаи И.В.Соболева “...самаранокии иқтидори эҷодии қувваи корӣ, имконият ва қобилиятҳои пурмаҳсулии он дар фаъолияти иқтисодӣ пеш аз ҳама дар ба даст овардани саломатии ҷисмонӣ ва маънавӣ, салоҳиятҳои умумии фарҳангӣ ва касбӣ, фаъолияти эҷодкорию созандагӣ, соҳибкорӣ ва фаъолнокии аҳолӣ дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти иқтисодӣ, инчунин дар сатҳ ва сохтори эҳтиёҷот фаҳмида мешавад”[121, с.12].

Дар шароити имрӯза омилҳои инсонӣ муҳимтар шуда истодаанд ва аз ин рӯ, зарурати баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати қувваи корӣ, ки ба сатҳ, дараҷа ва сифати унсури асосии татбиқи қарорҳои креативона дар истеҳсоли молу хизмат истифода мешаванд, аз ҳама муҳим эътироф карда мешавад. Ҳамин тариқ, иқтидори инсонӣ дар рушд ва ташаккули низоми босамари ҷараёнҳои моддӣ ва маънавии кишвар, аз ҷумла рушди иқтисоди креативии ҷумҳурӣ ва муҳофизати афзалиятҳои стратегии минтақаҳои он, ки нақши пешбарандаро мебозанд, ифода мегардад.

Аз ин сабаб, ҷанбаҳои асосии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ аз рӯи дараҷаи иштироки давлат, миқёси таҳсилоти соҳавӣ, стандартҳои касбӣ, муттасилии рушд, такмили ихтисос, таҳсилоти касбӣ ва таҷрибаомӯзӣ муайян карда мешаванд. Дар робита ба ин, қайд кардан мумкин аст, ки ташаккули иқтидори креативии шахс дар кишвар ва минтақаҳои гуногуни он ҷиҳатҳои қавӣ ва заифии худро дорад, аммо дар умум афзалиятҳои рақобаттавонӣ дар бозори меҳнат аз рӯи тайёрӣ, такмили ихтисос ва идоракунии самараноки иқтидори инсонӣ, инчунин, аз зудҳаракатӣ ва иҷтимоигардонии неруи корӣ мушаххас мегардад. Бинобар ин, иқтидори эҷодии неруи корӣ як навъи умумияти иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб ёфта, таркиб ва ҷузъҳои зеринро, аз қабили: демографӣ, тандурустӣ, таҳсилотӣ, фаъолияти меҳнатӣ, фарҳангӣ, маънавию ахлоқӣ, ки муносибатҳои байни онҳоро дар ҳамкорӣ бо муҳити иҷтимоӣ ташаккул медиҳад, дарбар мегирад.  Дар асоси ҷузъҳои муаззаф гардидаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии

иқтидори креативӣ бармеояд, ки фарқияти байни иқтидори инсонӣ, иқтидори меҳнатӣ, сармояи инсонӣ ва қувваи корӣ буда дар маҷмӯъ истифодаи босамари ин намудҳои таркиби аҳолӣ тамоюли рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат гардида, фаъолияти онҳо аз рӯи зудҳаракатӣ, чандирнокӣ ва қобилияти навоварӣ арзёбӣ мегардад. Ҳамин тавр, иқтидори инсонӣ - ин маҷмӯи қобилиятҳо, таҳсилот, тарбия ва таҷрибаи ҳаётии ӯ мебошад. Иқтидори меҳнатӣ маҷмӯи сифатҳоест, ки имкониятҳои шахсро дар ҷараёни меҳнат муайян мекунад. Ба ин сифатҳо қобилияти кор дар гурӯҳ, фаъолияти меҳнатӣ, қобилияти ташкилотчигӣ, малакаҳои касбӣ ва захираҳои вақти корӣ дохил мешаванд. Ҳамаи ин сифатҳо дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ зоҳир мешаванд. Сармояи инсонӣ маҷмӯӣ қобилиятҳои табиӣ ва хусусиятҳои шахсест, ки ҳосилнокӣ, шуғли пурмаҳсулро муайян мекунад ва метавонад барои худ, оила, корхона ва умуман ҷомеа сарчашмаи даромад гардад. Қувваи корӣ маҷмӯи қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, ки дар раванди истеҳсолот метавон истифода кард. Яъне, иқтидори креативӣ ба ҳосили ҷамъӣ сармояи инсонӣ + иқтидори инсонӣ + иқтидори меҳнатӣ + қувваи корӣ, баробар аст.

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки дар ҳақиқат нақш ва аҳамияти олимони ватанию хориҷӣ ба ташаккул ва рушди назарияи сармояи инсонӣ дар марҳалаи ибтидоии инкишоф, қабули ҷомеаи илмӣ ва оммавӣ гардидани он саҳми беандоза гузоштаанд. Инчунин, барои фаҳмидани нақши сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии истеҳсолӣ дар иқтисодиёти саноатӣ ва баъдисаноатӣ корҳои зиёде ба анҷом расонидаанд, ки дар ҳоле мо тавонистем боиси таҳия кардани муносибати байни омили рушди иқтидори инсонӣ ва технологияи истеҳсолотро дар марҳилабандии давраҳои рушд, ки дар расм пешомад гардидааст, баррасӣ кунем (ниг. ба расми 1.2.).

Дар асоси ташаккулёбии ҷомеаҳои дар расми 1.2 омада, бармеояд, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ барои вусъат бахшидан ба соҳаҳои креативӣ - инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон як муҳаррики рушд мебошад. Сифатҳои муҳими соҳаи




**Расми 1.2. - Модели асосии ҷанбаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити муосир**
**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда

эҷодӣ афзалияти инноватсияҳо (технологияҳо, хизматҳо, маҳсулот), ки дар соҳаи мухталифи фаъолияти креативӣ, аз қабили: “эҷоди маҳсулоти нармафзор, мусиқӣ, бозӣ, реклама, меъморӣ, санъат, аксбардорӣ, киноматография, аниматсия, КИТТК, дизайн ва дигар соҳаҳои фаъолияти креативӣ” мебошад, самтҳои имконпазири рушди соҳаи эҷодиро таъмин намуда, бо дарназардошти рақамикунонии иқтисодиёт, арзёбӣ карда мешаванд.

Дар идомаи таҳлили марҳилабандии давраҳои рушд гуфта мешавад, ки ҷанбаи асосии ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар ҳоли ҳозир дониш, иттилоот ва стратегияи идоракунии рушди дарозмуддати захираҳои инсонӣ мебошад, ки мо метавонем бо чунин омилҳо иқтидори креативии қувваи кориро дар ҷумҳурӣ, арзёбӣ намоем:

1. Низоми таълим: фароҳам овардани шароит барои гирифтани таҳсилоти томактабии иқтидори инсонӣ; таъмини устувории таҳсилоти миёнаи умумии захираҳои инсонӣ; беҳтарсозии сифати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии захираҳои инсонӣ; тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олӣ; омодакунии кадрҳои илмӣ-техникӣ (номзад ва доктори илм); ҷиҳозонидани компютерҳо бо таъмини суръати баланди интернет дар МТОК ва дар ҳар як утоқи кории корманди сохторҳои давлатӣ.

2. Тандурустӣ ва сатҳи зиндагӣ (муҳит ва равандҳои эҷодӣ): таъсис додани муассисаҳои тиббии хусусӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он; беҳтар кардани хизматрасонии тиббӣ ва баланд бардоштани сифати он дар муассисаҳои давлатии тиббӣ; муайян намудан ва таъмин кардани эҳтиёҷот ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии захираҳои инсонӣ; таъмин, назорат ва танзими амниятии меҳнат (ҳифзи иҷтимоӣ)-и захираҳои инсонӣ; ММД ба ҳар сари аҳолӣ ва суръати афзоиши он; баланд бардоштани музди меҳнати номиналии ҳармоҳаи корманд; сармоягузорӣ аз даромади истифоданашуда барои равандҳои креативӣ; муътадил нигоҳ доштани таваррум бо мақсади беҳтар кардани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ (дар сатҳи паст нигоҳ доштани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ).

3. Заминаи меъёрию ҳуқуқӣ: стратегияи рушди ҷумҳурӣ, шаҳрӣ ва минтақавӣ дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ; ҳифзи ҳуқуқи муаллиф (аз ҷумла сирри тиҷоратӣ ва дигар натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ-креативии ҳар як шахс).

Дар асоси таҳқиқоти илмӣ маълум гардид, ки ҷанбаҳои асосии назариявии ташаккул ва рушди иқтидори креативии шахс вобаста ба тафаккури стратегӣ, сатҳ ва сифати зиндагӣ, дарёфти маълумоти касбӣ, таҳсилоти креативӣ, азхудкунии технология ва қабули қарорҳои стратегӣ, инчунин истифодабарии усулҳои тавлиди ғояҳо дар ҳамагуна соҳаҳо дар назар дошта, омили асосии рушди соҳаро бе назардошти иқтидори креативии фард дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ дидан ғайриимкон аст. Бинобар ҳамин, дар диссертатсия равиши ҳамгирошудаи ҷанбаҳои идоракунии рушди захираҳои инсонӣ дар асоси омӯзиши бисёр унсурҳои муҳим, аз қабили саломатӣ, истеъдоди модарзод, қобилиятҳои креативӣ ва фарҳангӣ, ангезаҳо ва манфиатҳои шахсӣ, ки заминаи фаъолияти касбӣ, афзоиши маҳсулнокӣ ва даромади эҳтимолиро фароҳам меорад, ки шахс дар давоми умр ҷамъоварӣ карда, тавассути маблағгузориҳои моддӣ ва ғайримоддии захираҳои инсонӣ ва такмили малакаи онҳо инкишоф меёбад, пешниҳод гардидааст.

Дар робита ба ин, ҷанбаи муҳими рушд ва ташаккули иқтидори креативии неруи корӣ ноил шудан ё натиҷаи раванди такрористеҳсол ва ташаккул, татбиқ, инкишоф ва таҳкими идоракунии захираҳои инсонӣ буда, сохтори он сармояи тандурустӣ, сармояи маориф, сармояи инноватсионӣ, сармояи фарҳангӣ ва ғайраро дар бар гирифта ҳосили даромадро тавассути татбиқи тамоми унсурҳои он дар фаъолияти креативӣ-иқтисодӣ таъмин менамояд, албатта ин натиҷаи маҳсули навоваронаи шахс мебошад. Ҳамин тавр, муносибатҳои ягонагии байни мафҳумҳои “захираҳои инсонӣ”, “иқтидори инсонӣ” ва фарқиятҳои сармояи инсонӣ, иқтидори меҳнатӣ ва қувваи корӣ мушаххас ва асоснок карда шудаанд, ки хусусиятҳои меҳнати креативӣ вобаста ба принсипҳо ва идоракунии захираҳои инсонӣ муайян гардида, аз шиддатнокии дониш, тандурустӣ, сатҳ ва муҳити зиндагӣ, дастрасӣ ба маълумот, танзими давлатии ҳифзи иҷтимоии иқтидори

инсонӣ, навоварӣ, инчунин аз афзоиши зудҳаракатии онҳо дар бозори меҳнат вобастагии калон дорад, иборат мебошад.

## 1.3. Хусусиятҳо ва масоили ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар иқтисодиёт

Дар ҳар як давраи ташаккули иқтисодии ҳамаи замонаҳо ва халқҳо, ба ин ё он дараҷа ба омӯхтани захираҳое, ки барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ истифода мешаванд, диққати махсус дода мешуд. Бинобар ин, дар ҷаҳони имрӯза, ки иқтисод торафт ҷаҳонӣ шуда истодааст, аксари олимон боварӣ доранд, ки иқтидори креативии қувваи корӣ ҳамчун манбаи асосии ҳалли мушкилоти бахши истеҳсолот, инчунин бахши хизматрасонӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, вобаста ба мақсадҳои таҳқиқот онро муаллифони соҳаҳои гуногуни ватанию хориҷӣ ба сифати омили истеҳсолот, захираи истеҳсолӣ ё омили рушди иқтисодӣ ва ғайра баррасӣ карда истодаанд.

Таҳқиқотҳои гуногунҷанбаи илмӣ аз тарафи олимони соҳаи мазкур анҷом дода шудаанд. Дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии намояндагони иқтисоди сиёсии классикӣ ин масъалаҳо дар асарҳои К.Маркс[84], У.Петти[99], Д.Рикардо[110], А.Смит[119] ва олимони рус аз ҷумлаи А.А.Ващенко[42], И.В.Соболева [120], З.Р.Хабибуллина[139], инчунин дар байни олимон ва муаққиқони ватанӣ С.Б.Ашуров[36], Р.М.Бобоҷонов[41], Т.Б.Ғаниев[53], С.Ҷ.Комилов[75], Д.Б.Қодиров[66], Ф.А.Мирсаидов[88], Р.К.Раҳимов[107], Л.Ҳ.Саидмуродзода[113, с.115,124], Х.У.Умаров[131, с.56,71], Т.Ҷ.Усманова[133], М.Қ.Файзуллоев[72], И.С.Шамсов[143] ва дигарон, ки нуктаи назариявии ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоии масъалаҳоро мавриди таҳлил қарор додаанд, таърифи илмӣ ва муҳтавои онро мушоҳида кардан мумкин аст.

Олими барҷаста, У.Петти чунин иброз намудааст: “...Иқтидору тавоноӣ ва бузургии ҳар як кишвар ба шумораи фардҳои дорои қобилият, маҳорат, эҷодкор ва меҳнатдӯсти он вобаста аст, ки манбаи асосии сарват на дар сармоя (пул), балки дар меҳнати креативонаи шахс акси худро меёбад”[99]. Олими шотландӣ,

А.Смит аз аввалинҳо шуда, “...ба сохтори сармояи асосӣ (дар баробари воситаҳои истеҳсолот) дохил намудани “қобилиятҳои фоиданок”-ро, ки коргар бо меҳнати худ метавонад инкишоф ёбад ва ба натиҷаи пурсамар ноил гардад, онҳоро танҳо “сармояи асосии шахс” яъне “сармояи кормандон” меноманд”, пешниҳод кардааст[139, с.17]. Олими англис, Д.Рикардо, намояндаи иқтисоди сиёсии классикӣ ба мулоҳизаҳои А.Смит ҳамфикрӣ баён намуда, таъкид мекунад, ки “...хӯрокворӣ ҳар қадар фаровону арзон бошад, ҳамон қадар метавонад аҳолиро тезтар ба афзоиш ва ташаккули қобилияти меҳнатии он оварда расонад”[139, с.18]. К.Маркс, яке аз асосгузорони иқтисоди сиёсии классикӣ, моҳияти қувваи меҳнатиро ошкор карда, ҳамчунин ироа мекунад, ки “...маҷмӯи қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ, ки шахсияти зиндаи инсон дорад ва онҳоро дар амал ҳангоми эҷодӣ ҳама гуна арзиш истифода бурдан мумкин аст”[84].

Иқтисодшиноси англис А.Маршалл чунин қайд кардааст: “...Истеҳсоли сарват (мол) танҳо воситаи нигоҳдории ҳаёти инсон, қонеъ гардонидани талаботи ӯ ва инкишоф додани қувваҳои ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва ахлоқӣ мебошад. Аммо худи инсон воситаи асосии истеҳсолкунандаи ин сарват буда, вай ҳамчун бо мақсади олии сарват низ хизмат мекунад, ба ҳамин тарик, ӯ раванди иқтисодии истеҳсоли молро бо қонеъ гардондани эҳтиёҷоти меҳнатӣ ва бо такрористеҳсолкунии қобилияти меҳнатӣ алоқаманд мекард”[86]. Дар илова қайд мекунад, ки “...тамоми меҳнат, мақсади ба даст овардани ягон натиҷаро дорост, ҳарчанде шахс барои худаш кӯшиш кунад, масалан, бозиҳо дар назди ӯ лаззати шахсӣ буда онро ҳамчун меҳнат ба инобат намегирад. Аз ин рӯ, меҳнатро метавон ҳамчун ҳама гуна кӯшиши руҳӣ ва ҷисмонӣ муайян кард, ки қисман ё пурра бо мақсади ба даст овардани ягон натиҷа, ба истисноии қаноатмандии бевосита аз худи кор ба даст оварда мешавад”[85, с.124-125].

Олим ва муҳаққиқи ватанӣ Х.У.Умаров қайд мекунад, ки иқтидори меҳнатӣ хусусияти миқдории аҳолии қобили меҳнат ва фаъолияти синну солии захираҳои меҳнатӣ, ки давраи муайян дар иқтисодиёти миллӣ мавҷуданд, ба шумор мераванд. Ҳамчунин пешниҳод мекунад: “...барои самаранокии танзими

иқтисодиёти кишвар зарур аст, ба омилҳои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, ки яке аз ҷузъҳои он ташаккули шароит барои такрористеҳсоли васеъи қувваи корӣ ҳамчун омили муайянкунандаи зарурати танзими давлатии иқтисодиёт аст, таваҷҷӯҳ зоҳир кард”[132, с.10,21].

Профессор Т.Ҷ.Усманова дар рисолаи доктории худ ҳамчунин иброз дошта буданд: “...бо сабаби шароити таърихӣ дар Тоҷикистон афзоиши аҳолӣ ва қувваи корӣ мушоҳида мешавад, ки ин талаботи объективии муҳоҷирати меҳнатиро ба вуҷуд меорад, яъне ҳаракати қувваи корӣ ба ҷое, ки талабот бо музди меҳнати муносиб аст, барои таъмини сатҳи муътадили зиндагии оилаи худ, ки меҳнати зиёдатӣ боиси паст шудани нархи меҳнат мегардад, ки ин ба ҳаракати қувваи корӣ дар бозор бо нархи баландтарини музди меҳнат мусоидат мекунад”[134, с.22].

Ҳамин тариқ, иқтидори меҳнатӣ қисми аҳолие мебошад, ки дар давоми давраи таҳқиқшаванда пешниҳоди қувваи кориро барои барпо кардани истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ, таъмин мекунад. Раванди мубодилаи қувваи корӣ се лаҳзаро дарбар гирифта, дар се соҳа такмил меёбад (ниг. ба расми 1.3.).




**Расми 1.3. - Раванди мубодилаи қувваи корӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [62, с.17]

Ба ақидаи пажӯҳишгари тоҷик И.А.Шамсов рӯи назар кард: “...аз рӯйи табиати иқтисодии худ бозори меҳнат, ки яке аз бозорҳои захираҳо мансуб дониста мешавад, нисбати дигар бозорҳо, зинаҳои мушаххас, мавқеи комилан беназир ва бартаридоштаро таҷассум мекунад, ки ин хусусияти беназирӣ ва бартарият ба вижагии молҳои дар ин бозор гардишшаванда - қувваи корӣ вобастагии калон дорад. Мол-қувваи корӣ бояд ҳамеша бозтавлид гардад, то ин ки

сифати истеъмолии худро гум накунад ва ҳар дафъа дар сатҳи баландтар такрористеҳсол гардад, зеро рақобат дар бозори меҳнат шароити такмил додани қобилияти кормандро ба меҳнат шарти зарурӣ мегардонад, ки дар афзоиши ҳаҷми умумии сармояи инсонӣ ифода меёбад”[144, с.18].

Такрористеҳсоли қувваи корӣ ин раванди ташаккули захираҳои меҳнатӣ, нигоҳдорӣ ва инкишоф додани қобилиятҳои маънавӣ ва ҷисмонии меҳнати насли мавҷуда, аз нав ба вуҷуд овардани захираҳои нави меҳнатӣ бо мақсади ҷуброни талафоти табиӣ ва васеъ намудани қобилияти умумии меҳнати ҷамъиятро дар бар мегирад. Чунончӣ, ҷанбаҳои муҳими такрористеҳсоли қувваи корӣ дар шароити имрӯзаи муносибатҳои меҳнатӣ инҳо шуда метавонад:

- ✓ ҷанбаи муҳими иҷтимоӣ-психологии фаъолияти меҳнати креативӣ;
- ✓ тағйирёбии технологияҳои истеҳсолӣ ва номувоффиқатии байни меҳнат ва шуғли эҷодӣ;
- ✓ масоили ивазшавии наслҳои меҳнати эҷодӣ;
- ✓ таваҷҷӯҳи зарурӣ ба фаъолияти меҳнатии интеллектуалӣ ва ҷисмонии равонӣ;
- ✓ масоили ба даст овардани муваффақиятҳои моддию маънавӣ, ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

Аз натиҷаи фикру мулоҳизаҳо, бармеояд, ки хусусиятҳои ташаккули иқтидори креативӣ тавассути муносибатҳои меҳнатӣ сурат мегирад. Зеро ба баланд бардоштани фаъолияти босамари низоми иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат карда, ба суръати афзоиши шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, ҳосилнокии меҳнат ҳангоми тақвият бахшидан ба суръати ПИТ, ки барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти эҷодӣ-навоварӣ аст, дарбар мегирад. Муайян карда шуд, ки ин раванд бояд бо тағйироти сифатӣ дар тамоми сохтори муносибатҳои меҳнатӣ дар соҳаи шуғл: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, касбӣ, меҳнатӣ ва ғайра ҳамроҳ карда шавад.

Олим Б.М.Генкин чунин изҳор дошт: “...Иқтидори креативонаи меҳнатии корманд як қисми неруи инсонии ӯ мебошад, ки дар навбати худ дар асоси қобилиятҳои ҷисмонӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ, таълим, тарбия ва таҷрибаи ҳаётии

бадастомада ташаккул меёбад”[47, с.113]. С.Г.Радко ба мулоҳизаҳои Б.М.Генкин розигӣ баён намуда, қайд кардааст, ки “...Иқтидори креативонаи меҳнатӣ - ин қобилияти кормандон дар асоси донишҳои касбӣ, малакаҳои амалӣ, хусусиятҳои шахсӣ ва психофизиологӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои муассиса, ташкилоту корхона бо таъмини дурусти моддию техникӣ, иттилоотӣ ва ташкилии раванди меҳнат мебошад”[101, с.20]. Аз нигоҳи олими дигари рус С.А.Шапиро “...Иқтидори креативии захираҳои инсонӣ ҳамчун маҷмӯи хосиятҳои сифатӣ фаҳмида мешавад, ки қувваи кории ҳамаи аъзоёни синну соли қобили меҳнати ҷомеаро ташкил медиҳанд ва сармояи инсонии онҳо бо назардошти маблағгузории доимӣ ба он, ки дар меҳнат зоҳир мешавад”[145, с.170].

Ба андешаи мо, иқтидори креативии қувваи корӣ - ин маҷмӯи тамоми қобилиятҳои меҳнатии як ё гурӯҳҳои гуногуни одамоне мебошад, ки ба тамоми ҷомеа хосанд, бар хилофи захираҳои меҳнатӣ, ки миқдор ва сохтори меҳнатро муайян намекунанд, балки сифат ва иқтидори онро муайян мекунанд, ки фаъолияти ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва фаъоли муносибатҳои меҳнати ҷамъиятиро ташкил медиҳанд.

Аз нигоҳӣ И.М.Алиев “...муносибатҳои иҷтимоии меҳнатӣ таъсири мутақобилаи субъектҳои ин муносибатҳо дар раванди меҳнат буда, ба ноил шудан ба сатҳи қобили қабул ва сифати зиндагии одамон нигаронида шудаанд”[33, с.66-67]. Муҳаққиқони рус Ю.Г.Одегов ва В.Н.Сидорова қайд мекунанд, ки “...муносибатҳои меҳнатӣ вобастагии объективии мавҷудбуда ва таъсири мутақобилаи субъектҳои ин муносибатҳо оид ба татбиқи равандҳое мебошанд, ки фаъолияти меҳнатиро муайян намуда, ба беҳтар намудани сифати ҳаёти меҳнат нигаронида шудаанд”[95, с.9].

Ба ақидаи К.С.Остонаев “...муносибатҳои меҳнатӣ маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни корфармо ва корманд дар ҳама шаклҳои идоракунӣ мебошад, ки дар доираи қонунгузории муқарраршуда ба вуҷуд омада, таҳти таъсири омилҳои бозорӣ тағйир меёбанд. Муносибатҳои меҳнатӣ муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро дар бар гирифта ба омилҳои бозорӣ табдил меёбанд, ки бо

корфармо дар ҳама шаклҳои моликияти иқтисоди бозорӣ дар зери омили таъсирбахши бозорӣ амалӣ карда мешаванд”[97, с.4].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки бисёре аз асосгузорони иқтисоди сиёсии классикӣ, инчунин олимоне, ки назарияи арзиши меҳнат ва муносибатҳои меҳнатии ҷамъиятиро омӯхта, ақидаҳои асоснокро пешниҳод кардаанд, ки малакаҳои касбии корманд бояд ҳамчун унсури асосии истеҳсолот мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Зимни омӯзиши адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ мушаххас карда шуд, ки асоси ташаккул ва рушди устувории иқтисодиёт нишондиҳандаҳои афзоиши андозаи даромади умумӣ, ҳосилнокии меҳнат, сифати зиндагӣ ва афзоиши сарвати миллӣ мебошад, ки бо хароҷоти таълим ва инкишофи омили меҳнат, алоқамандӣанд.

Мушкилоти сохтор ва баҳодиҳии хусусиятҳои сифатии иқтидори эҷодии қувваи корӣ дар ҳоли ҳозир баҳсбарангез боқӣ монда, назарҳо дар бораи он бо мухталифии назаррас фарқ мекунанд. Дар илова, аксари мавридҳо, пажӯҳишгарон аз рӯи сифати иқтидори эҷодии қувваи корӣ тамоми хусусиятҳои сифатии иқтидори меҳнатӣ ва ё аҳолии қобили меҳнатро, дарк мекунанд.

Ҳамин тавр, олими рус Б.М.Генкин қисмҳои зерини хусусиятҳои иқтидори эҷодии ҷомеаро муайян намуда, нишондиҳандаҳои мувофиқро пешниҳод менамояд[45, с.81-82]:

- нигоҳдории саломатӣ: фавт аз рӯи синну сол;
- этикаи имконият ва қобилияти кор дар коллектив: муносибат ба маъюбон, кӯдакон, пиронсолон, ҷинояткорӣ ва ғайра;
- тандурустӣ: давомнокии миёнаи умр, хароҷоти саломатӣ;
- иқтидори креативӣ ва фаъолнокӣ: даромад аз ҳуқуқи муаллиф, шумораи патентҳо ва мукофотҳои байналхалқӣ ба ҳар сари аҳолӣ, суръати ПИТ;
- маориф: шумораи миёнаи солҳои таҳсил дар мактаб ва макотибҳои олию миёна, зариби хароҷоти таҳсил аз буҷети давлатӣ;
- муташаккил ва серталабӣ (омезиши мутаносиби хислатҳои шахсият): сифати қонунгузорӣ, риояи шартномаву қонунҳо;

- захираҳои вақти корӣ: аҳолии қобили меҳнат, шумораи кормандон, дараҷаи бекорӣ, шумораи соатҳои корӣ дар як сол;
- касбият: даромад аз содирот, зиён аз садама.

Лозим ба ёдоварист, ки олимони мактаби сотсиологии Санкт-Петербург О.В.Стаканова, О.В.Филиппова, О.И.Шкаратан консепсияи таркибии се зинаи иқтидори эҷодии меҳнатро кор карда баромаданд, ки аз инҳо иборатанд[65, с.9]:

- иқтидори инсонӣ (сатҳи камолоти маънавӣ, самтҳои арзишӣ, манфиатҳо, талаботу дархостҳо дар олами меҳнат, майлу хоҳиши софдилона ва бо камоли шуҷоат кор кардан;
- иқтидори истеҳсолӣ ва тахассуснокӣ (ҳаҷми донишҳои умумӣ ва махсус, малака ва маҳорати меҳнатӣ, сатҳи инкишофи имконият ва қобилияти мунтазами кор, қобилияти кори пурмаҳсул);
- иқтидори психофизиологӣ (ҳолати тандурустӣ, намуди системаи асаб, устуворӣ ва қобилияти корӣ).

Олим ва муҳаққиқ Н.И.Шаталова ба хусусиятҳои иқтидори креативии меҳнат инҳоро дохил кардааст[146, с.16-17]:

- арзишмандӣ: муносибатҳо, талабот ва дархостҳо, ангезаҳо, дастурҳои этикӣ ва сатҳи камолоти маънавӣ, шӯҳратпарастию меҳнатдӯстӣ;
- нақши меъёрӣ: фарҳанг ва маданияти умумии фардӣ ва фарҳанги касбӣ, намуди бартаридоштаи рафтор дар ҷамъият;
- психофизиологӣ: ҷинс, синну сол, қобилият, вазъи саломатӣ ва тобоварӣ дар фаъолияти меҳнатӣ;
- сегментҳои ҳолатӣ: сатҳи вазъи оилавӣ, маълумот, тахассус, даромад;
- мутобиқшавӣ: креативӣ, фаъолнокӣ, зудҳаракатнокӣ, соҳибкорӣ ва ғайра.

Дар робита ба ин, аз нигоҳи М.Дякович ва Т.В.Хлопова муҳимтарин хусусиятҳои сохтории иқтидори эҷодии меҳнат инҳо ба ҳисоб меравand[141, с.67-74]:

- иқтидори психофизиологӣ: ҷинс, синну сол, вазъи саломатӣ, муқовимат ба фишори коргарон;

✓ иқтидори ҳавасмандкунӣ: сатҳи қаноатмандии кормандон аз кор, сохтори ангезаҳои кор ва рушди касбӣ;

✓ иқтидори тахассусии касбӣ: хусусияти коргарон аз рӯи касб, маълумот, собиқаи кор, сатҳи малака ва ғайра.

Ба ақидаи олим ва пажӯҳишгари тоҷик Ф.А.Мирсаидов муҳимтарин омилҳое, ки ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионӣ (иқтидори илмию техники)-и иқтисодиёти миллиро таъмин мекунанд, инҳо шуда метавонанд[88, с.26], [135, с.64-71]:

- сатҳи таъминоти давлат ва муассисаҳои минтақавӣ бо кадрҳои илмӣ, мутахассисони баландихтисоси тахассуси мувофиқ;
- ҳолат ва тағйирёбии маблаггузорӣ, сармоягузорӣ ба пажӯҳишҳои илмӣ;
- теъдоди кофӣ ва мавҷудияти ташкилотҳо ва муассисаҳои илмӣ-техникии фаъолона амалкунанда, ки таҳқиқот ва таҳия (корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ) мегузаронанд;
- системаи тағйирпазир ва идоракунии самараноки соҳаи илм, такомули пайвастаи механизмҳо ва сохторҳои он, инчунин, таъмини иттилоотии фаъолияти илмӣ.

Дар баробари хусусиятҳо ва омилҳои пешниҳод кардаи олимони рус ва тоҷик доир ба рушди ИКҚК, метавон якчанд хусусиятҳои ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи кориро вобаста ба сохтори омилҳои захираҳои инсонӣ фарқ кард:

➢ омилҳои демографӣ: афзоиши табиии аҳолӣ, дараҷаи таваллуду фавт ва давомнокии умр, таркиби аҳолӣ, муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ;

➢ омилҳои иҷтимоӣ; низоми тандурустӣ; низоми маориф; ниҳоди сиёсӣ;

➢ омилҳои иқтисодӣ: вазъи соҳаи истеҳсолот, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти эҷодии истеҳсолшуда, қобилияти харидории аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ.

Аз ин рӯ, таъкид кардан лозим аст, ки хусусият ва масоили омилҳои иқтисодӣ бояд асосӣ ҳисобида шавад, зеро онҳо ба омилҳои демографӣ ва муҳити институсионалӣ таъсир мерасонанд. Қобили таъкид ҳаст, ки авомили таъсиррасон

дар лаҳзаҳои мухталифи синнусолӣ дар шароити мушаххас, яъне таҳти таъсири омилҳои муайян ба вуҷуд омада, ташаккул меёбанд. Ин ҷанбаҳоро метавон ҳамчун “макро омилҳо” тавсиф кард, ки ба онҳо омилҳои муҳити зисти новобаста аз инсон дохил карда мешаванд: муносибати давлат дар робита бо инкишофи инсон ва неруи ӯ, ҷойгоҳи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ, сатҳи таъмини манбаҳо ва рақобатпазирии онҳо, ҳолати сиёсӣ ва фарҳангӣ, инчунин, анъана ва урфу одатҳо[38, с.26-27].

Дар шароити имруза, муҳимтарин инноватсияҳо дар ҷараёни истеҳсолӣ ва технологӣ, инчунин, рушди тағйирёбии бозор мебошанд, ки талаботи муосири истеҳсолот ба омӯзиши сифати иқтидори эҷодии қувваи корӣ равона карда шудааст. Бинобар ин, бо дарназардошти аҳамият ва таносуби хусусиятҳои сифатии иқтидори креативии қувваи корӣ, бояд қайд кард, ки онҳо аз шароити мушаххаси таърихӣ ва муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ вобастаанд. Аз ин рӯ, мавҷудияти унсурҳои зерини муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии меҳнатӣ, ки ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии неруи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат оварда мерасонанд, муҳим мешуморем:

- ✓ таъмини устувори ҳифзи иҷтимоӣ, бехатарӣ ва шароити санитарию гигиенӣ дар ҷойи кор;
- ✓ беҳтар кардани сатҳу сифат ва фарҳанги фаъолияти меҳнатии кормандон дар ҷойи кор;
- ✓ тағйир додани тарзи пешбарии фаъолияти корӣ, иваз кардани мазмуни анъанавии фаъолияти меҳнатӣ дар ҷойи кор, яъне ташкил, ташаккул ва ҷорӣ намудани шаклҳои навсозии фаъолияти меҳнатӣ ва беҳтарсозии сохтори муносибатҳои меҳнатии иқтисодӣ;
- ✓ таъмини устувори музди меҳнат дар ҷойи кор, барои гирифтани пеши роҳи бекории фрикционӣ;
- ✓ таъмини пурра бо тамоми лавозимотҳои нави меҳнатӣ аз рӯи эҳтиёҷоти кормандон дар ҷойи кор.

Ба андешаи мо, хусусиятҳои мазкур бо назардошти рушди баъдинаи муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат, барои гузариш аз шуғли эҷодӣ ба шаклҳои инноватсионии дараҷаи баландтари он шароити мусоидро фароҳам меоранд. Зимни идома додани мулоҳизаҳо, бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои тавсифшуда нишонаи мувофиқати пурраи шуғл ба талаботи муосири рушди эҷодии фард ва ҷомеа, инчунин талаботи бозори меҳнат ва тамоми нишондиҳандаҳои миқдорию сифатӣ мебошад.

Ба андешаи Б.М.Генкин сифати иқтидори креативӣ ин "...дараҷаи мувофиқати хусусиятҳои он ба талаботе, ки аз фаъолият ва шароиту имконоти корхона бармеоянд, инчунин вобаста ба талаботи ҷомеа рушд ёфтани неруи инсон ва муносибатҳои иҷтимоӣ" мебошад[46]. Ба ақидаи Э.В.Хамнаева иқтидори креативӣ зери таъсири падидаю равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ доими ташаккул меёбад[140, с.22]. В.И.Еремин дар чунин андеша аст "...ташаккули шахс ҳамчун соҳиби сатҳи муайяни дониш, фарҳанг, тахассуси касбӣ, такрористеҳсоли он сармоягузориҳои мувофиқро талаб карда тавассути рушди соҳаҳои муайяни инфрасохтори иҷтимоӣ - тиб, маориф, илм, фарҳанг, санъат амалӣ карда мешавад ва чун қоида, таъсири фаврӣ намедиҳад"[61, с.53]. Дар ин раванд, И.В.Соболева пешниҳод мекунад, ки "...дар ҳайати хароҷот ба ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ танҳо хароҷот барои гирифтани маълумоти умумӣ ва махсус (муассисаҳои олӣ, миёна, омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ, курсҳои тайёркунии кадрҳо, такмили ихтисос ва таҷрибаҳосилкунӣ ва ғайра) ба назар гирифта шавад. Ин хароҷот намуди аёнтарин ва муҳимтарини сармоягузорӣ ба фард мебошанд"[120].

Ба андешаҳои олимони рус доир ба сифати иқтидори креативӣ розӣ шуда, метавон қайд кард, ки сифати иқтидори креативии қувваи корӣ маҷмӯи қобилиятҳои равонӣ, физиологӣ, зеҳнӣ ва қобилияти иҷрои вазифаҳои муайянро дар истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ, ки бо сатҳи баланди таълими умумӣ, касбӣ ва тахассусӣ, таҷрибаи ҷамъшуда, арзишҳои иҷтимоӣ ва самтҳои кормандон, аз ҷумла эътимоднокии ахлоқӣ ва тиҷоратии онҳо бадаст меоранд, фаҳмида

мешавад. Ба ин муносибат, молики воситаҳои истеҳсолот кӯшиш мекунад, ки манфиатҳои корманди эҷодкорро бо манфиатҳои худ аз ҷиҳати иқтисодӣ мувофиқ созад, зеро ин иқдом фаъолияти муваффақонаи сармоя, рақобатнокӣ ва натиҷагирии онро таъмин менамояд, ки бевосита ба фаъолияти креативии ӯ вобаста мебошад. Инчунин, беҳтарин роҳи истифодаи самараноки иқтидори эҷодии қувваи корӣ ин ҳолатест, ки дар соҳаи шуғл, агар на ҳамаи унсурҳои он талаб карда шаванд, ҳам омезиши оптималии онҳо метавонад самаранокии баланди меҳнатро бо хароҷоти ҳадди ақал таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, бозори меҳнат бояд ба корманд имконияти интихоби кореро пешниҳод кунад, ки ба ӯ имкон медиҳад, ки сифати иқтидори креативии қувваи кории худро ба ҳадди аксар расонад ва барои меҳнати самаранок мукофоти мувофиқ ба даст орад. Аз нуктаи назари рақобат дар бозори меҳнат, сиёсати давлатӣ дар соҳаи мазкур барои самаранок истифодаи иқтидори эҷодии неруи корӣ бояд онҳоро водор созад, ки қобилияти кории худро доимо такмил дода, сатҳу сифати кори креативиро такмил диҳанд, ки ин иқдом бояд ба болоравии нархи шуғли креативӣ оварда расонад.

Бинобар ин, ба масъалаҳои рушди иқтидори креативии шахс бисёр омилҳое таъсир мерасонанд, аз ин ҷумла: хусусиятҳои демографӣ, хусусиятҳои фаъолияти меҳнатӣ ва хусусиятҳои муҳити зиндагӣ. Дар баробари ин масоили асосии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар кишвар вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ низ ба ҳисоб меравад, ки иқтидори эҷодии неруи корӣ асосан аз имкониятҳои оила, сифатҳои худи шахс ва муҳити ӯ алоқамандӣ дорад:

1. Таркибӣ (сатҳи рушди иқтисодии кишвар, сатҳу сифати зиндагӣ, шуғл ва андозаи даромади аҳолӣ);

2. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ судманд, яъне ба назар гирифтани ҳолати тандурустӣ, хусусиятҳои синнусолӣ, психологӣ, касбӣ ва ғоявии инсон;

3. Анъана ва арзишҳои марбут ба фарҳанги оила;

4. Сатҳи технологӣ (сифати хизматрасонӣ);

5. Инфиродӣ (маҷмӯи талабот ва арзишҳои шахсӣ, сатҳи таҳсилот, сифатҳо ва хислатҳои модарзодӣ).

6. Вазъи оилавӣ (нақши оила дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ, мавҷудияти молу мулки манқул ва воситаҳои зиндагӣ, таъмини амволи ғайриманқул);

Гарчанде маълум аст, бузургии иқтидори креативии қувваи корӣ аз арзиши он неъматҳо ва хизматҳое, ки инсон барои такрористеҳсоли қобилияти эҷодии кории худ талаб мекунад, муайян карда мешавад. Албатта, арзиши истеъмолӣ, фоиданокии корманд дар хароҷот ва натиҷаҳои меҳнати креативонаи ӯ ифода карда мешавад. Дар бозори меҳнат фаъолияти эҷодкоронаи қувваи кориро дар ягонагии арзиш ва арзиши истеъмолии он арзёбӣ мекунанд. Дар шароити модернизатсиякунонии иқтисодиёти Тоҷикистон, пеш аз ҳама, шартҳои баланд бардоштани сифати иқтидори креативии қувваи корӣ ба ҳисоб меравад. Яъне муҳтавои ин, нақши дониш ва малакаҳои касбӣ, ки ҳамчун омили рушди иқтисоди креативӣ аст, пешбарӣ карда истодаанд. Бинобар ин, мушкилоти кадрӣ имрӯз дар соҳаҳои иқтисодиёт, ки бо афзоиши воқеии истеҳсолот ба назар мерасад, хеле шадид аст.

Дар ҳақиқат раванди ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ бо тайёрии касбии мутахассисон вобастагӣ дорад. Ба гуфтаи Ю.П.Кокин “...хусусияти ташаккули тахассуси касбии коргарон дар он аст, ки он дар робитаи органикӣ бо инкишофи прогресси илмию техникӣ ба амал меояд”[71].

Ҳамин тавр, қобилияти креативии коргар, ки меҳнаташ сарчашмаи асосии сарвати на фақат ҷомеа, балки кишварро ба вуҷуд меоварад, дар бозори озоди меҳнати Тоҷикистон арзёбӣ карда мешавад. Ба андешаи мо, масъалаҳои марбути рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳилаи муосир ниҳоят муҳим мебошанд ва онҳо аз хусусиятҳои зерини иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ таркиб ёфтаанд:

- фароҳам овардани шароите, ки зиндагии шоиста ва рушди инсонро таъмин менамояд;

- фарҳанги ҷисмонӣ ва варзишӣ - таъмини нокифояи объектҳои тарбияи ҷисмонӣ дар минтақаҳо, азбаски ҳиссаи ками аҳолӣ мунтазам бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш машғуланд, ин ҳолат метавонад ба фаъолияти психологии меҳнатӣ таъсири манфӣ расонад;
- масоили оилавӣ, аз ҷумла аз даст додани дастурҳои ахлоқии оилавӣ, сатҳу сифати нокифояи хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои оилаҳои ҷавон, оилаҳои фарзандони хурдсолдошта ва афзоиши талоқ дар байни аҳолии ҷумҳурӣ;
- нокифоя будани теъдоди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таъмини нокифояи кӯдакони синни томактабӣ дар минтақаҳо ва ҷумҳурӣ;
- мушкилоти ҷавонон ҳангоми интихоби касб ва самтҳои тахассусӣ дар шароити босуръат тағйирёбии бозори меҳнат;
- манъи табъиз, меҳнати маҷбурӣ, истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон (меҳнати кӯдакон) дар корҳои марбут ба шароити вазнин, зеризаминӣ ва зарарноки меҳнат;
- таъмин ва беҳтарсозии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мотиватсионии давлатии корфармоён дар соҳаи шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, татбиқи тадбирҳои иҷтимоӣ, ки нисбат ба шуғли аҳолие, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ махсусан эҳтиёҷманд ва дар пайдо кардани кор душворӣ мекашанд, инчунин, бо мақсади гирифтани пеши роҳи бекорӣ дар байни кадрҳои баландихтисос, маъюбони дорои сатҳи баланди моликияти интеллектуалӣ, муҳоҷирони баргашта ва дигарон;
- танзими давлатии меҳнати интеллектуалии муҳоҷирон: донишҷӯён, аспирантон, олимони соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт;
- таъмини корфармо бо суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоии кормандон;
- дақиқан ба ҳисоб гирифтани вақти корӣ, аз ҷумла изофакорӣ, меҳнати зарарнок (махсусан зарарнок), шароитҳои хавфноки меҳнат, корҳои вазнинро, ки ҳар як корманд иҷро менамояд;

- ҷанбаи ҳавасмандгардонии иқтидори креативии коргар, яъне интихоби роҳҳои баланд бардоштани ҳавасмандии кормандон, ҷузъи муҳимтарини стратегияи кадрӣ барои рушди дарозмуддати кадрҳо дар корхона;
- инкишоф додани неруи эҷодӣ, ташкил ва таъмини идрорпулиҳо бо мақсади ҳавасмандгардонӣ, такмилдиҳии сатҳи таҳсилоти касбии калонсолон ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ;
- сари вақт пардохт намудани музди меҳнат ва дигар пардохтҳои иловагӣ ба корманд;
- демократикунонии фаъолияти меҳнатӣ ва таъмини ҳуқуқ ба шароити меҳнати ҷавобгӯи талаботи қоидаҳои бехатарӣ ва гигиенӣ аз тарафи корфармо;
- коҳиш додани соати корӣ ва рӯз, новобаста аз андозаи музди меҳнат;
- манъи маҳдудсозии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар муносибатҳои меҳнатӣ;
- ҷалби бештари иқтидори креативӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин, гирифтани пеши роҳи монеаҳо барои пешбурди тиҷорат ва бизнес-инкубатор;
- ҷалби кадрҳои зеҳнӣ ба муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва имконпазирии гузариш ба сатҳи нави технологияи рушд.

Ҳамин тариқ, аниқ намудан зарур аст, ки дар шароити муосир рушд ва муътадилгардонии муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат, танзими давлатӣ дар соҳаи шуғл ва муҳоҷирати зеҳнӣ боиси инкишофи қобилиятҳои эҷодкоронаи қувваи кориро устувор гардонида, аҳамияти аввалиндараҷа дошта метавонад. Мо боварӣ дорем, ки минбъад барои бартараф кардани масоили асосӣ, ки ба ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ таъсир мерасонад, роҳи ҳалли худро ёфта боиси рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат мегардад. Инчунин, рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ ҳолати нави сифатии мутахассис аст, ки онро метавон ба арзишҳои стратегӣ дохил кард.

## Хулоса оид ба боби якум

1. Дар асоси омӯзиши зербоби 1.1 асосҳои консептуалии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ маълум гашт, ки байни истилоҳҳои "креативӣ", "иқтидори креативӣ", "қувваи корӣ" ва "иқтидори креативии қувваи корӣ" тафовут ва ҳам монандӣ мавҷуд аст. Ягонагии ин истилоҳҳо аз он ҷиҳат беназиранд, ки ҳамаи онҳо аз интиқолдиҳандаи худ инсон ҷудонашавандаанд. "Иқтидори креативии қувваи корӣ - ин маҷмӯи дониш, маҳорати баланди касбӣ буда, ҳангоми қабули қарорҳои муносиби иқтисодӣ, бо дарназардошти имкониятҳои сифатӣ, миқдорию зеҳнӣ ва кулли қобилияти фоидаовари иҷтимоию иқтисодии аҳолии қобили меҳнат истифода шуда бо ёрии низоми муайяни шаклҳо ва муносибатҳои шуғл тавсиф карда мешавад. Ин гурӯҳи молистеҳсолкунанда ва хизматрасон метавонад дар бозори меҳнат ва муносибатҳои ҷамъиятӣ натанҳо бо натиҷаҳои фаъолияти инноватсионии худ, балки ба ивази арзиши моддии (пулии) фаъолияти креативона, амал кунад".

2. Дар рафти омӯзиши зербоби 1.2 маълум гашт, ки ҷанбаи асосии ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, ки рақобатпазирии он дар бозори меҳнат вобаста ба фаъолияти самаранок идоракунӣ ва такрористеҳсоли захираҳои инсонӣ алоқаманд мешуморанд, дарбар мегирад. Бо ин мақсад, метавон ҷанбаи асосии рушди иқтидори креативии қувваи кориро аз рӯи нишондиҳандҳои қаноатмандӣ аз дастрасии манзил, қаноатмандӣ аз сифати хизматрасонии тиббӣ, қаноатмандӣ аз сифати ҳаво, қаноатмандӣ аз сатҳи зиндагӣ, қаноатмандӣ аз сифати об, қаноатмандӣ аз низоми маориф, эҳтироми ҳуқуқи инсонӣ баҳогузорӣ кард, ки онҳо нишондиҳандаҳои ҷудонашавандаи рушди иқтидори эҷодӣ ба ҳисоб меравапд. Консепсияи асосии ҷанбаҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори эҷодии неруи корӣ вобаста ба тафаккури стратегӣ, сатҳ ва сифати зиндагӣ (аз ҷумла, саломатӣ), гирифтани маълумоти касбӣ, таҳсилоти эҷодӣ, азхудкунии технология ва қабули қарорҳои стратегӣ, инчунин истифодабарии усулҳои тавлиди ғояҳо дар ҳамагуна соҳаҳо дар назар дошта, омили асосии рушди иқтисодиёти креативӣ, ки

бе назардошти иқтидори креативии фард дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ дидан ғайриимкон аст.

3. Таҳлили омӯзиши назариявии хусусият ва масоили ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ (зербоби 1.3) нишон медиҳад, ки роҳҳои ҳалли масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтидори креативии неруи корӣ, ин тартиб ва татбиқи стратегияи идоракунии рушди дарозмуддати неруи креативӣ, таъмини устувории муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат, инчунин, ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб ёфта, хусусиятҳои демографӣ (афзоиши табиии аҳолӣ, таркиби аҳолӣ, таркиби синнусолии аҳолӣ, муҳоҷирати меҳнатию зеҳнӣ), хусусиятҳои фаъолияти меҳнатӣ ва хусусиятҳои муҳити зиндагӣ низ ба ҳисоб меравад. Яъне иқтидори креативӣ аз имкониятҳои оила, худи шахс ва муҳити ӯ вобастагии калон дорад. Аз инҷо бармеояд, ки хусусиятҳои ташаккули иқтидори креативӣ бояд тавассути муътадилгардонии фазои муносибатҳои меҳнатӣ, танзими давлатии муҳоҷирати интеллектуалӣ ва шуғли аҳолӣ сурат гирад, ки ба баланд бардоштани фаъолияти самараноки рушди иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат намуда, суръати афзоиши шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, ҳосилнокии меҳнатро ҳангоми тақвият бахшидан ба суръати ПИТ, ки ҳамчун таъмини рушди устувори иқтисодиёти эҷодӣ-навоварӣ аст, дарбар мегирад. Аз ин рӯ, ин раванд бояд бо тағйироти сифатӣ дар тамоми сохтори муносибатҳои меҳнатӣ дар соҳаи шуғл: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, касбӣ, меҳнатӣ ва ғайра ҳамроҳ карда шавад.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИДОРИ КРЕАТИВИИ ҚУВВАИ КОРӢ ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ ОН ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

## 2.1. Таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ

Воқеан "...Дар шароити тағйирёбии низоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ яке аз нишонаҳои рушди баъдисаноатии ҷамъият, иқтисодиёти креативӣ буда, он ба рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ асос ёфтааст. Аммо раванди ташаккулёбии иқтисодиёти креативӣ дар амал мураккаб ва пешгӯинашаванда буда, шароити муайянро талаб мекунад"[30, с.36].

Аз ин рӯ, бояд қайд кард, ки "...Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун кишвари рӯ ба тараққӣ дорои неруи азими корӣ буда, захираҳои бузурги омилҳои инсониро ташкил медиҳад. Инчунин, метавонанд имкони ташаккул ва рушди технологияҳои эҷодӣ, ки асоси истеҳсоли навъҳои сифатан нави мол ва хизматрасониҳо гашта раванди иваз кардани маҳсулоти анъанавӣ ва сохтории маҷмӯи маҳсулоти дохилиро (ММД) ба куллӣ тағйир диҳанд"[30, с.36].

Дар баробари ин, "...иқтисодиёти миллии кишвар хусусияти креативии инноватсиониро пайдо карда, ба ноил гаштан ба ҳадафҳои рушди устувори рақобаттавонии иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли вазифҳои ояндабинӣ тибқи муқаррароти "СМР-2030" барои иқтисодиёти эҷодии индустриалӣ-инноватсионии рушди иқтисодӣ ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти эҷодӣ мусоидат мекунад. Дар натиҷа иқтисодиёти кишвар аз бозори ҷаҳонии молу хизмат каме вобастагии худро нишон медиҳад. Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандони кишвар мушоҳида карда мешаванд"[12, с.103], [30, с.36-37].

Бинобар ин, имрӯзҳо "...иқтидори креативии қувваи корӣ ҳамчун қисми таркибии захираҳои инсонӣ, ки яке аз омилҳои асосии таъминоти рушди иқтисодӣ ва пешрафти ҷамъият ба ҳисоб меравад, муҳим арзёбӣ мегардад. Ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ шарти калидии афзоиши некӯаҳволии аҳолӣ

буда, бехтаргардонии сифати омили меҳнат, такомули омодакунӣ ва азнавтайёркунии захираҳои инсонӣ, инкишофи малакаи касбии иқтидори меҳнатӣ, инчунин, мутобиқсозии соҳаҳои маориф ва тандурустиро дар назар дорад”[68, с.63]. Такмил ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ пеш аз ҳама тағйир додани сифати иқтидори меҳнатиро тибқи талаботи иқтисоди миллӣ дарбар мегирад, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ ва истифодаи самараноки он дар бозори меҳнат имкон медиҳад.

Ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ҷараёни мақсаднокест, ки дар он раванди эҷодии неруи зарурии меҳнатии соҳаҳои гуногун, ташкилотҳо, корхонаҳо ва минтақаҳо, барои ноил гаштан ба вазифаҳои ташкилӣ тавассути усулҳои гуногуни даъват, интихоб, таҳсилот, рушд ё озод кардани кадрҳо мутобиқи ҳадафҳои тактикӣ ва стратегии ташкилот мебошад.

Чӣ тавре дар зербобҳои боби якум қайд кардем ташаккули иқтидори креативӣ ин инкишофи миқдорӣ ва сифатии он мебошад. Ҳамзамон бояд гуфт, ки ташаккули иқтидори креативӣ дар ягон марҳалаи конкретӣ (аниқ) ба охир нарасида ин ҷараён пай дар пай давом мекунад, ки дар давраи фаъолияти қобилиятҳои шахсии қувваи корӣ вай на танҳо истеъмол мешавад, балки дар айни замон такрористеҳсол ва рушд меёбад, зеро дониши касбӣ ва зеҳнӣ такмил меёбад, таҷриба, малака ва ғайра ҳосил мешавад. Дар робита ба ин, зуҳури иқтидори креативӣ бо технологияҳои гуногуни истеҳсолот, баланд бардоштани тахассуснокии сармояи инсонӣ, идоракунии стратегияи захираҳои инсонӣ, ташаббусҳои рушди иҷтимоӣ ва шахсӣ, фаъолсозии неруи корӣ ва дигар соҳаҳои муҳим дар ҳамбастагӣ мебошад, вобаста аст.

Ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ҷараёни бисёрҷабҳа буда дар худ таъсири омилҳоро зиёд фарогир мебошад. Пеш аз ҳама ба ин омилҳо дохил мешаванд: иҷтимоӣ-демографӣ, иҷтимоӣ-равонӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, экологӣ-ҷуғрофиявӣ, ниҳодӣ (институтӣ)-истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ, зеҳнӣ (интеллектуалӣ) ва ҳамгироӣ (интегратсионӣ)-иттилоотӣ (коммуникатсионӣ) (ниг. ба расми 2.1.).




**Расми 2.1. - Омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ пеш аз ҳама ташаккул ва рушди унсурҳои сифатӣ ва миқдорӣ мебошанд, ки бевосита ба ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ таъсир мерасонанд. Омилҳои иҷтимоию демографӣ мувофиқи вазъи демографӣ: таваллуд, фавт, муҳоҷирати аҳолии синну соли қобили меҳнат, таркиби аҳолӣ, ҳаракат ва ҳосилнокии меҳнат, адолат ва таъминоти иҷтимоӣ, муҳити иҷтимоӣ, беҳтарсозии сохтори иҷтимоии аҳолӣ, сохтори тахассуснокӣ, дараҷаи маълумот ва касбият, андозаи донишҳои махсус ва малакаи меҳнатӣ, имконият ва қобилияти эҷодӣ ва инноватсионии қувваи корӣ, дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ, ташаккул ва рушди самараноки инфрасохтори иҷтимоӣ, андозаи даромад аз меҳнати номиналӣ ва воқеӣ, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, сатҳи сохтории муносибатҳои байни кормандони кироя ва корфармоён, таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳифзи муҳити зист, ки дар мамлакат ва тамоми минтақаи он мушаххас ва баҳогузорӣ карда мешаванд.

Омилҳои иҷтимоӣ-равонӣ муносибати иқтидори эҷодии фаъолияти меҳнатии қувваи корӣ вобаста ба вазъи саломатӣ, меъёрҳо ва арзишҳои рафтори бартаридошта, аҳамияти ҷамъиятии дониш, тамаркуз ба худшиносӣ, эътироф, суботкорӣ, қобилиятҳо ва майлҳои фитрии шахсон, қобилиятҳои ҷисмонӣ ва равонии фард, ки аз саломатии инсон вобастаанд: (шароити меҳнат, бехатарии меҳнат, вазъи муҳити беруна ва сатҳи ҳифзи саломатӣ) дар ҷомеа ба

қаноатмандии фаъолияти меҳнатӣ, рушд ва ташаккули меъёрҳои сифатии неруи эҷодии қувваи корӣ таъсир мерасонад, ки барои бомуваффақият иҷро кардани вазифаҳои марбут ба маҳсулнокӣ ва самаранокии меҳнати эҷодӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва ташаккули он таъсиркунанда, ки муносибату алоқамандии он ба дараҷаи фаъолнокии сармоягузорӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ, даромади номиналӣ ва воқеии шаҳрвандон (аҳолӣ), тақсимоти даромадҳо дар байни коллектив, сатҳ ва нишондиҳандаҳои камбизоатӣ, мавҷудият ва дастрас будани молҳо ва хизматрасониҳо, қобилияти харидории пули миллӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ, системаи андоз, сатҳи таваррум, механизмҳои қарзӣ ва молиявӣ, тақсимоти дурусти минтақавии иқтидорҳои истеҳсолӣ дар кишвар, сохторҳои ҳавасмандгардонии кормандон, суръати баланди шуғл дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ, хусусияти сиёсати сармоягузорӣ, дараҷаи инкишофи қувваҳои истеҳсолӣ, сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии корхонаҳою ташкилотҳо, ки дар заминаи қонун (соҳаи ҳуқуқии фаъолияти меҳнатӣ) онҳо ҳамчун унсури асосӣ баррасӣ карда мешаванд.

Омилҳои экологӣ-ҷуғрофиявӣ бо хусусиятҳои иқлим, муҳит, мавҷудият ва коркарди захираҳои табиӣ, ки тандурустии ҳар як шахс ва ё миллат мустақиман ба вазъи муҳити экологӣ алоқаманд буда ба бардавомии ҳаёти меҳнатии аҳолӣ, инчунин, дараҷаи азхудкунии ҳудудҳо ва минтақаҳо тавсиф карда мешавад, таъсир мерасонад.

Омилҳои ниҳодӣ (институтӣ)-истеҳсолӣ ба рушди ИКҚК, ки сиёсати давлатӣ бо қонунҳо ва санадҳои қонунгузорӣ, ки ҳуқуқи инсон, бозори меҳнат ва шуғл, тақозо ва арзаи қувваи корӣ, ташаккули он ва соҳаи рушди меҳнати маънавиро танзим мекунад, таъсир мерасонанд. Ба омилҳои ниҳодӣ-истеҳсолӣ, инчунин, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, тиҷорати хурд, сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ, шуғли мустақилона, шуғли пурмаҳсули аҳолӣ низ дохил карда мешавад. Илова бар ин, мо метавонем омилҳои ҳуқуқиро низ таъкид дошта бошем, ки онҳо,

пеш аз ҳама, ба таъмини санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти бозори озоди меҳнати кишвар дохил мешаванд. Дар ин соҳа санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мусоид ба шуғли аҳолӣ, ҳифзи меҳнат ва ба ин монанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дохил мешаванд.

Омилҳои илмӣ-техникӣ ва зеҳнӣ (интеллектуалӣ) пеш аз ҳама ба ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ба воситаи тағйирёбии сифати таркиби захираҳои инсонӣ, иштирок дар истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибави конструкторӣ (КИТТК), ихтироот ва ҳаҷми иҷроиши вазифаҳо, инчунин ба ҳосилнокии меҳнат ва шуғли пурмаҳсули аҳолӣ таъсир мерасонад, ки дар ҳоле иқтисодиёт бо ҷузъҳои зерин, аз ҷумла: дараҷа ва сатҳи маълумот (таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ), теъдоди солҳои таҳсил, сатҳ ва дараҷаи касбӣ, сатҳ ва сифати таҳсилот, маҳорати корӣ, қобилияти навоварӣ, интеллектуалӣ, эҷодӣ, касбӣ ва теъдоди рӯзҳои такмили ихтисос дар як солро гирифта аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки ҳамчун асоси ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ баромад карда, ин гурӯҳи авомил ба махсусгардонӣ ва андозаи истеҳсолот, дараҷа, сатҳ ва рушди таъминоти илму техника (ИТ) таъсири калон расонида шумораи таркибии кормандони соҳаи илмӣ-техникиро дар умум тавсиф мекунад.

Омилҳои ҳамгирой (интегратсионӣ)-иттилоотӣ (коммуникатсионӣ) барои татбиқи босуръати шабакаҳои интернетӣ дар соҳаҳои воқеию хизматрасонӣ (маориф, илмӣ-техникӣ, тандурустӣ, саноат) ва натиҷагирии он ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, илова бар ин, хусусиятҳои сиёсати давлатӣ дастгирии рушди ҳамгироии иқтисоди хориҷии мамлакат суръат мегирад, таъсири худро дорад.

Таҳлил ва арзёбии заминаи асосии омилҳои ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар соҳаҳои инноватсионии иқтисодиёти миллӣ хеле муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, истифодаи самараноки он на ҳамеша натиҷаи интизорбударо дар бозори озоди меҳнат дода метавонад. Бинобар ин, дар шароити иқтисодиёти креативӣ самаранок истифодабарии ИКҚК, метавонад бо

тағйироти миқдорию сифатӣ баромад карда натиҷагирӣ карда шавад, ки имрӯзҳо тағйирёбии омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ ба ташаккул ва рушди ИКҚК таъсири назаррас мерасонад.

Таҳлилҳои оварда шуда имкон медиҳад, ки шарти асосии ташаккули ИКҚК бевосита ба инобат гирифтани омилҳо ва хусусиятҳои иҷтимоӣ-демографии рушди онҳо баромад мекунад. Таҳлили омилҳои иҷтимоӣ-демографии ташаккулёбии ИКҚК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки солҳои охир, афзоиши аҳолӣ ҳамасола 2 дарсадро ташкил додааст. Чунин вазъият минбаъд аз мавҷудияти зиёди захираҳои меҳнатӣ таъсир ба ташаккулёбии иқтидори креативии коргар шаҳодат медиҳад (ниг. ба ҷадвали 2.1.).

**Ҷадвали 2.1.-Динамикаи вазъи демографӣ, захираҳои меҳнатӣ ва қувваи корӣ, ки ба иқтидори креативии шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонад барои солҳои 2015-2023**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи аҳолии доимӣ дар аввали сол, ҳазор нафар | Суръати афзоиши аҳолӣ нисбат ба соли базавӣ, бо % | Захираҳои меҳнатӣ (ҳазор нафар) | Суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ, бо % | Қувваи корӣ (ҳазор нафар) | Суръати афзоиши қувваи корӣ нисбат ба захираҳои меҳнатӣ бо % | Аҳолии машғул дар иқтисодиёт (ҳазор нафар) | Қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт (ҳазор нафар) | Бекорони расман эътирофшуда (ҳазор нафар) | Дараҷаи бекорӣ, бо % |
| **2015** | 8551,2 | 100,0 | 5111 | 59,76 | 2437 | 47,68 | 2380 | 2674 | 57 | 2,3 |
| **2019** | 9313,8 | 102,1 | 5521 | 59,27 | 2514 | 45,53 | 2463 | 3007 | 51 | 2,0 |
| **2020** | 9716,8 | 104,3 | 5585 | 57,47 | 2557 | 45,78 | 2506 | 3068 | 51 | 2,1 |
| **2021** | 9886,8 | 101,7 | 5653 | 57,17 | 2587 | 45,76 | 2534 | 3066 | 53 | 2,1 |
| **2022** | 10078,4 | 101,9 | 5754 | 57,09 | 2600 | 45,18 | 2545 | 3154 | 55 | 2,1 |
| **2023** | 10288,3 | 102,1 | 5990 | 58,22 | 2675 | 44,65 | 2625 | 3315 | 50 | 1,8 |
| **2023/ 2015, бо %** | **120,31** | **2,1 б.ф.** | **117,2** | **-1,54 б.ф.** | **109,8** | **-3,03 б.ф.** | **110,3** | **123,97** | **-12,3** | **-0,5** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [28, с.26, 81]

Дар асоси таҳлили ҷадвали 2.1 мушоҳида карда мешавад, ки ҳамасола вазъӣ демографии аҳолӣ дар тағйирёбӣ қарор дошта, вобаста аз суръати афзоиши шумораи аҳолӣ дар кишвар, афзоиши теъдоди захираҳои меҳнатиро дидан

мумкин аст. Агар дар соли 2015 захираҳои меҳнатӣ ба 5 111 ҳазор нафар баробар бошад, дар соли 2023 ба 5 990 ҳазор нафар расидааст, ки ҳиссаи он нисбат ба соли 2015 ба 117,2% баробар гашта, афзоиш ёфтааст. Бинобар ин, дар ҷумҳурӣ таъсир ба шумораи умумии қувваи корӣ расонида истодааст. Воқеан, дар соли 2015 шумораи умумии қувваи корӣ 2 437 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2023 ба 2 675 ҳазор нафар расидааст, ки суръати афзоиши онҳо дар солҳои таҳқиқ (2023/2015) ба 109,8% баробар аст, афзоиш меёбад [27, с.26-81], [28, с.26].

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки новобаста ба афзоиши шумораи қувваи корӣ ва аҳолии машғул дар иқтисодиёт дар давраи таҳлил тамоюли зиёдшавӣ дошта бошад, ҳам ҳиссаи онҳо нисбат ба захираҳои меҳнатӣ сол аз сол дар ҳолати коҳишёбӣ қарор дорад. Яъне, суръати баланди афзоиши аҳолии ғайрифаъоли иқтисодӣ, ки бо теъдоди зиёди қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт, чунончӣ соли 2023 нисбат ба соли 2015-ум 23,97 дарсад суръати афзоиш дорад, баҳогузорӣ карда мешавад.

Дар ин васила бояд қайд кард, ки ҳангоми зиёдшавии суръати афзоиши аҳолӣ бевосита ба таркиби он, ҳамчунин ба захираҳои меҳнатӣ ва аҳолии машғул дар иқтисодиёт таъсири назаррас мерасонад. Аммо, воқеият тасвири дигареро нишон медиҳад. Яъне, дар сохтори демографӣ ва неруи кории теъдоди аҳолии машғул дар иқтисодиёт ба 10,3% (солҳои 2023/2015) баробар аст. Шумораи бекорони расмӣ дар кишвар низ дар ду соли охир (солҳои 2021-2022) зиёдшавиро касб намуда ин нишондиҳанда то 55 ҳаз. нафар ба қайд гирифта шудааст. Дар соли 2023 бошад то 7 000 нафар ё 0,5 б.ф. нисбат ба соли 2015 коҳиш ёфтааст. Вазъи қиёсии онҳо дар соли 2023 нисбати шумораи қувваи корӣ дар ҷумҳурӣ ба 1,8% баробар карда шудааст. Дар ин росто бояд гуфт, ки чунин ҳолат бештар бо таркиби аҳолии мамлакат вобастагӣ дорад. Вақте ки, таҳлилҳо доир ба омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ вобаста аз ҳолати иҷтимоӣ-демографӣ меравад, имкон медиҳад, ки якчанд хусусиятҳои фарқкунандаро аз ҳамдигар ҷудо намуд, ки инҳо шуда метавонанд:

✓ дараҷаи баланди шумораи таваллудшудагон дар минтақаҳои кишвар, ки ҷойгиршавии бештари онҳо дар деҳот, арзёбӣ карда мешавад;

✓ сатҳи баланди афзоиши табиии аҳолӣ дар солҳои охир дар қаламрави кишвар;

✓ дараҷаи баланди афзоиши аҳолии ғайрифаъоли иқтисодӣ, дар амсоли неруи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт ба ҳисоби миёна дар як сол;

✓ афзоиши теъдоди муҳоҷирати меҳнатии оилаҳои ҷавон бо ҳамроҳии фарзандони худ ва ҷавонон, ки дар синни аҳолии қобили меҳнат қарор доранд;

✓ муҳоҷирати зеҳнии аҳолии қобили меҳнат.

Аз рӯи хусусиятҳои фарқкунанда, метавон хулоса баровард, ки дар ташаккул ва рушди иқтидори эҷодии қувваи корӣ дараҷаи баланди афзоиши табиии аҳолии шаҳрҳо нисбат ба афзоиши табиии аҳолии деҳот таъсири бештар мерасонад. Дар ин росто, бояд қайд кард, ки бинобар сабаби пурратар таҳлил намудани нишондиҳандаи ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста аз таъсири омилҳои гуногун, чунончӣ, омили иҷтимоӣ-демографӣ, ки дар ин замина аҳамияти хоса дорад, таҳқиқ ва таҳлили таносуби аҳолии шаҳр ва деҳот дар Тоҷикистон зарур аст, муҳим арзёбӣ карда шавад.

**Ҷадвали 2.2.-Вазъ ва тамоюли нишондиҳандаҳои демографӣ: таваллуд, фавт ва афзоиши табиии аҳолии шаҳру деҳот барои солҳои 2015-2023**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | **Фарқияти соли 2023/2015, бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | |
| ***Шумораи аҳолии доимӣ дар аввали сол, ҳазор нафар*** | 8551,2 | 9313,8 | 9716,8 | 9886,8 | 10078,4 | 10288,3 | **120,31** |
| ***аз он ҷумла:*** | | | | | | | |
| - *шаҳрӣ* | 2260,3 | 2438,9 | 2796,2 | 2844,1 | 2906,0 | 2969,6 | **131,4** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **26,4** | **26,2** | **28,8** | **28,8** | **28,8** | **28,9** | **2,5 б.ф.** |
| - *деҳотӣ* | 6290,9 | 6874,9 | 6920,6 | 7042,7 | 7172,4 | 7318,7 | **116,3** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **73,6** | **73,8** | **71,2** | **71,2** | **71,2** | **71,1** | **-2,5 б.ф.** |
| ***дар шумораи умумӣ-аҳолии дар синну сол, ҳаз. нафар:*** | | | | | | | |
| *Синни аз қобили меҳнат хурд* | 2938,9 | 3191,0 | 3565,1 | 3600,0 | 3649,6 | 3698,2 | **125,8** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **34,4** | **34,3** | **36,7** | **36,4** | **36,2** | **36,0** | **1,6 б.ф.** |
| *Синни қобили меҳнат* | 5175,5 | 5567,4 | 5601,7 | 5703,3 | 5804,7 | 5918,8 | **114,4** |

**Идомаи ҷадвали 2.2.**

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **60,5** | **59,7** | **57,6** | **57,7** | **57,6** | **57,5** | **-3,0 б.ф.** |
| *Аз синни қобили меҳнат калонтар* | 436,8 | 555,4 | 550,0 | 583,5 | 624,1 | 671,3 | **153,7** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **5,1** | **6,0** | **5,7** | **5,9** | **6,2** | **6,5** | **1,4 б.ф.** |
| *Ҷавонони синни 14-30 сола* | 2865,1 | 2877,5 | 2901,8 | 2900,2 | 2932,7 | 2971,9 | **103,7** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **33,50** | **30,9** | **29,9** | **29,3** | **29,1** | **28,9** | **-4,6 б.ф.** |
| *Дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд (миқдори сол)* | 73,6 | 75,1 | - | - | 76,3 | 76,5 | **104,0** |
| ***таваллуд, фавт ва афзоиши табиии аҳолии шаҳру деҳот, ҳамагии аҳолӣ (ҳаз.наф.)*** | | | | | | | |
| *Шумораи таваллудшудагон* | 237,6 | 234,4 | 243,0 | 216,5 | 231,6 | 250,3 | **105,3** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **2,8** | **2,5** | **2,5** | **2,2** | **2,3** | **2,4** | **-0,4 б.ф.** |
| *Шумораи фавтидагон* | 33,6 | 33,5 | 42,6 | 39,1 | 31,2 | 32,4 | **-3,5** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **0,39** | **0,35** | **0,43** | **0,39** | **0,30** | **0,31** | **-0,08 б.ф.** |
| *АТА* | 204,0 | 200,8 | 200,4 | 177,4 | 200,4 | 217,9 | **106,8** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **2,38** | **2,15** | **2,06** | **1,79** | **1,98** | **2,11** | **-0,27 б.ф.** |
| ***аҳолии шаҳр*** | | | | | | | |
| *Шумораи таваллудшудагон* | 53,1 | 57,9 | 62,7 | 63,1 | 73,2 | 78,3 | **147,5** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **0,62** | **0,62** | **0,64** | **0,63** | **0,72** | **0,8** | **0,18 б.ф.** |
| *Шумораи фавтидагон* | 10,0 | 10,7 | 13,8 | 15,4 | 11,2 | 12,0 | **120,0** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **0,11** | **0,11** | **0,14** | **0,15** | **0,11** | **0,12** | **0,01 б.ф.** |
| *АТА* | 43,1 | 47,1 | 48,8 | 47,7 | 62,0 | 66,3 | **153,8** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **0,5** | **0,5** | **0,5** | **0,48** | **0,61** | **0,64** | **0,14 б.ф.** |
| ***аҳолии деҳот*** | | | | | | | |
| *Шумораи таваллудшудагон* | 184,5 | 176,5 | 180,3 | 153,4 | 158,4 | 172,0 | **93,2** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **2,15** | **1,89** | **1,85** | **1,55** | **1,57** | **1,67** | **-0,48 б.ф.** |
| *Шумораи фавтидагон* | 23,6 | 22,8 | 28,8 | 23,7 | 20,0 | 20,4 | **86,4** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **0,27** | **0,24** | **0,29** | **0,23** | **0,19** | **0,2** | **-0,07 б.ф.** |
| *АТА* | 160,9 | 153,7 | 151,6 | 129,7 | 138,4 | 151,6 | **94,2** |
| ***бо %, нисбати ШАД*** | **1,88** | **1,65** | **1,56** | **1,31** | **1,37** | **1,47** | **-0,41 б.ф.** |

**Эзоҳ:**
**(1) ШАД -** Шумораи аҳолии доимӣ дар аввали сол, ҳазор нафар.
**(2) АТА -** Афзоиши табиии аҳолӣ.

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [28, с.26-33, 81]

Аз рӯи таҳлили муқоисавии ҷадвали 2.2 бармеояд, ки солҳои 2015 ва 2023, ҳиссаи аҳолии шаҳр нисбат ба ШАД аз 26,4% то 28,9 дарсад афзудааст. Аҳолии деҳот нисбат ба ШАД аз 73,6% то 71,1% (2,5 б.ф.), инчунин ҳиссаи аҳолии қобили

меҳнат дар шумораи аҳолии доимӣ аз 60,5% то 57,5 дарсад (3 б.ф.) коҳиш ёфтааст. Новобаста аз тағйирёбии ҳамасолаи нишондоди натиҷаҳои омори расмӣ аҳолии аз синни қобили меҳнат калон ва хурд дар солҳои охир суръати афзоишро нисбати ШАД нишон медиҳад[165, с.55], [166, с.18].

Чӣ тавре қайд карда будем, ба ташаккул ва рушди ИКҚК афзоиши табиии аҳолии шаҳр нисбат ба афзоиши табиии аҳолии деҳот таъсири калон мерасонад, ки имрӯзҳо теъдоди АТА деҳот, яъне солҳои 2015 ва 2023 аз 160 900 нафар то 151 600 нафар коҳиш ёфтааст. Новобаста аз вазъӣ мавҷудбудаи маълумоти омори расмӣ соли 2023 афзоиши табиии аҳолии деҳот нисбати АТА шаҳр 2,3 маротиба, ё ин ки 228,7 дарсад афзудааст. Аз рӯи таҳлили маълумоти ҷадвали 2.2 маълум мегардад, ки тағйирёбии вазъ ва тамоюли нишондиҳандаҳои демографӣ бо низом афзоиш меёбад, ки ин ба таркиби ҷинсии аҳолӣ низ таъсир мерасонад.

Ҳамин тавр, аз мушоҳида ва муқоисакунии маълумоти омори расмӣ[18, с.21-28], [28, с.29] маълум гардид, ки дар давоми давраҳои баррасишаванда дар аксари минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳиссаи ҷинси зан нисбат ба ҳиссаи ҷинси мард коҳиш ёфтааст. Ҳамзамон дар шаҳри Душанбе, НТҶ ва ВМКБ баръакс тамоюли зиёд шудани ҳиссаи ҷинси зан мушоҳида карда мешавад, ки аз нигоҳи мо, ин бо раванди муҳоҷирати дохилии аҳолӣ алоқамандӣ дорад. Чунончӣ, ҳиссаи ҷинси мард дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2023/2015-ум 120,5%, ҳиссаи ҷинси зан, 120,2% бошад, ин тафовути фоизӣ барои солҳои зикршуда дар шаҳри Душанбе ба ҳиссаи ҷинси мард, 152,2% ва ҳиссаи ҷинси зан, 157,6%, дар НТҶ ҳиссаи ҷинси мард, 111,4 (зан-111,4) дарсад ва дар ВМКБ ҳиссаи ҷинси мард, 107,0 (зан-107,9) фоизро ташкил медиҳад.

Аз рӯи гуфтаҳои боло, мо наметавонем бо ҳолати тағйирёбии вазъи иҷтимоӣ-демографии аҳолӣ ва таъсири он ба ташаккулёбии ИКҚК дучор шавем. Азбаски дар сатҳи ҷумҳурӣ, аз як тараф, вазъи демографӣ-иҷтимоии ба вуҷуд омада, яъне таркиби синнусолии аҳолӣ аз андозаи таъсиси оила ва давомнокии он дошта бошад, аз тарафи дигар, чунин афзоиш асосан аз шароити иҷтимоӣ-равонӣ, иқтисодӣ, экологию ҷуғрофӣ, иттилоотӣ вобаста аст, ки дараҷаи некӯаҳволии

аҳолӣ, сатҳи тандурустӣ, сохтори миллии аҳолӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, сатҳ ва хислати шуғли аҳолиро муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳлили омилҳои ташаккулёбии ИКҚК мо бояд ҳисоб кардани дигар нишондиҳандаҳоро ба назар гирем. Дар баробари ин, мо таҳлили тағйирёбии шохиси рушди инсониро муҳим мешуморем, ки дар ҷадвали минбаъда таҳлил ва баррасӣ карда мешавад. Пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки ҳангоми ҳисоби шохис се намуди нишондиҳандаеро ба назар гирифт: 1) дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд; 2) сатҳи маълумотнокӣ (таҳсилот)-ро бо ёрии якҷоя кардани ду нишондиҳанда, арзёбӣ кард: саводнокии аҳолии синну солашон калон ва фарогирии аҳолӣ бо се сатҳи таҳсилот ибтидоӣ, миёна ва олӣ; 3) андозаи воқеии ММД ба ҳар сари аҳолӣ, яъне андозаи ба асъори доллари ИМА табдилёфта бо ёрии паритети қобилияти харидорӣ баҳогузорӣ карда мешавад, ки чунин формулаҳо истифода бурда мешавад.

1. Шохиси дарозии чашмдошти умр аз рӯи муқарраркунии маъно (муқаррароти Барномаи рушди СММ) шакли зеринро дорад:

$$\frac{\mathbf{LB-25}}{\mathbf{85-25}}; \qquad (2.1.)$$

дар ин ҷо LB-дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд (миқдори сол); дарозии чашмдошти умр (ниҳоӣ-85 сол); камтарин-25 сол.

2. Дараҷаи дониш (саводнокӣ) шохиси маълумот:

$$\frac{2}{3} * \mathbf{EEP} + \frac{1}{3} * \mathbf{GEI}; \qquad (2.2.)$$

дар ин ҷо EEP-шохиси маълумотнокии аҳолии синну солашон калон, инчунин, (ҳиссаи донишҷӯёни МТМК ва МТОК аз шумораи аҳолӣ); GEI-шохиси ҳиссаи нишондиҳандаи фарогирӣ бо таҳсилот аз шумораи аҳолӣ ба гурӯҳҳои синну солӣ (7-17 сола), фарогирии % маълумот.

3. Шохиси ҳақиқии ММД ба ҳар сари аҳолӣ (мувофиқи ПҚХ бо долл. ИМА):

$$\frac{\log(GDP_{pc}) - \log(100)}{\log(40\,000) - \log(100)}; \qquad (2.3.)$$

дар ин ҷо $GDP_{pc}$ - ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи ПҚХ бо долл. ИМА, 40 000 доллар аз рӯи ПҚХ, ниҳоӣ, 100 доллар аз рӯи ПҚХ, камтарин.

4. Шохиси рушди инсонӣ:

$$HDI = \sqrt[3]{LBI + EEP + GDPI}; \qquad (2.4.)$$

Ҷоиз ба таъкид аст, ки шохиси рушди инсонӣ метавонад ниҳоӣ ба 1, камтарин ба 0 баробар бошад. Кишварҳое, ки метавонад дорои ШРИ баробар ба 1, ки давомнокии умр дар он ҷо ба 85 сола, аз рӯи Барномаи рушди СММ, ММД ба ҳар сари аҳолӣ ба 40 000 доллари ИМА ва дараҷаи саводнокӣ ба 100 дарсад баробар бошанд. Ҳамчунин, аз рӯи натиҷаи нишондиҳандаҳо кишварҳое, ки метавонад дорои ШРИ баробар ба 0, ки дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд дар он ҷо ба 25 сола, аз рӯи Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 1 000 доллари ИМА ва сатҳи маълумотнокӣ, ки 100% аҳолиашон бесаводанд, баробар бошанд. Дар робита ба ин, бо истифода аз маълумоти омори расмӣ ва формулаҳои дар боло овардашуда вазъи тағйирёбии ШРИ дар ҷумҳурӣ, таҳлил ва арзёбӣ карда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.-Тағйирёбии тамоюли шохиси рушди инсонӣ дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2017-2023**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ММД бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо, млн. сомонӣ | Дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд (миқдори сол) | Шохиси дарозумрии эҳтимолӣ | Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | ММД ба ҳар нафари аҳолӣ, бо доллари ИМА | Шохиси ММД ба ҳар нафари аҳолӣ | Шохиси рушди инсонӣ |
| **2017** | 64434,3 | 74,9 | 0,83 | 8931,2 | 852,8 | 0,49 | 0,44 |
| **2018** | 71059,2 | 75,0 | 0,83 | 9126,6 | 860,0 | 0,49 | 0,44 |
| **2019** | 79109,8 | 75,1 | 0,84 | 9313,8 | 900,3 | 0,52 | 0,45 |
| **2020** | 83958,3 | 74,7[1] | 0,82 | 9716,8 | 864,4 | 0,50 | 0,44 |
| **2021** | 101076,3 | 74,7[1] | 0,82 | 9886,8 | 911,8 | 0,53 | 0,45 |
| **2022** | 115739,4 | 76,3 | 0,85 | 10078,4 | 1073,7 | 0,60 | 0,48 |
| **2023** | 130791,5 | 76,5 | 0,86 | 10288,3 | 1186,7 | 0,64 | 0,5 |

**Идомаи ҷадвали 2.3.**

**Эзоҳ:**[1] бинобар сабаби набудани омори расмии дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд дар солҳои 2020-2021, соли миёнаи он аз солҳои мавҷудбуда муайян карда шуд. Инчунин, ҳангоми набудани маълумоти омори расмӣ доир ба EEP-шохиси маълумотнокии аҳолии синну солашон калон, бинобар ҳамин, танҳо бо ҳиссаи GEI-шохиси ҳиссаи нишондиҳандаи фарогирӣ бо таҳсилот аз шумораи аҳолӣ ба гурӯҳҳои синну солӣ (7-17 сола), фарогирии %, натавонистем шохиси сатҳи саводнокиро саҳеҳ муайян кунем. Дар ин ҳолат ин нишондиҳанда дар формула ба таври автоматӣ адади сифро касб кард.

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [28, с.26, 214]

Тавре, ки аз маълумоти ҷадвали 2.3 дар давраи таҳлил дида мешавад, шохиси рушди инсонӣ мунтазам дар тағйирёбӣ қарор дошта, меафзояд. Агар дар соли 2017 ШРИ ба 0,44 баробар бошад, соли 2023 ба 0,5 баробар аст, 0,06 банди фоизӣ афзуд, ки чунин вазъ сифат ва миқдори дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ ва афзоиши ММД, инчунин, дигар нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагиро нишон дода, метавонад[27, с.26, 214], [28, с.26, 214].

Бинобар ин, ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қуваи корӣ имрӯзҳо бисёр авомили иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки ба сатҳи фаъолнокии маблағгузорӣ дар минтақаҳо, дараҷаи таҳсилот, соҳаи меҳнат, сиёсати иқтисодии қарзию пулӣ, сатҳ ва суръати афзоиши таваррум, инчунин, бо меъёр ва номгӯи андозӣ тавсиф карда мешаванд, таъсир мерасонад. Инчунин, муҳоҷирати дохили ҷумҳуриявӣ ба қувваи корӣ ва дар умум ба теъдоди умумии аҳолии кишвар таъсир нарасонида, бештар ба динамикаи таносуби қувваи корӣ дар минтақаҳои кишвар таъсир мерасонанд. Муҳоҷирати байнидавлатӣ бошад, ба миқдори қувваи корӣ ва шумораи аҳолии кишвар таъсир мерасонад.

Аз таҳлили маълумотҳои[27, с.36], [28, с.36] бармеояд, ки теъдоди муҳоҷирони байнидавлатӣ, ки солҳои охир яъне соли 2023 ба 800 нафар расида вазъи воқеии муҳоҷирони меҳнатиро дар кишвар ба пуррагӣ фаро нагирифта, ин маълумот танҳо шумораи расмии муҳоҷироне, ки дар Хадамоти муҳоҷират расман аз қайд гузаштаанд, ифода мекунад. Бо назардошти ин салдо (бақияи)-и муҳоҷират ба 7900 нафар афзуда зиёдшавии шумораи кӯчидарафтагони муҳоҷирати аҳолиро дар кишвар ташкил додаанд, ки соли 2023 шумораи кӯчидарафтагон ба 34 900 нафар баробар гашта, шумораи кӯчидаомадагон дар ҳамин давра ба 27 000 нафар баробар гардидааст. Дар асоси ин гуфтаҳо бояд қайд

кард, ки теъдоди умумии қувваи корӣ дар иқтисодиёт истифоданашуда, ки бо мақсади дарёфти ҷойи корӣ хуб бо дастрасии даромади максимали пулии мувофиқ ҳастанд, теъдоди онҳо соли 2023 ба 3 315 000 нафар расидааст, ки метавон як қисми онҳоро бо шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ва зеҳнӣ арзёбӣ кард[164, с.57].

Ҳамин тавр, дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дар соҳаи иттилоот, коммуникатсия, ё ин ки рақамикунонӣ, фаъолиятҳои касбӣ, илмӣ, техникӣ, фаъолият дар соҳаи фарҳанг, варзиш, маориф ва дигар соҳаҳо, ки ҳамчун соҳаи креативӣ маъмул буда, дар ҷараёни рушд қарор доранд, боиси ташаккул ёфтани саноати креативӣ дар ҷумҳурӣ мебошанд.

Чӣ тавре, қайд карда шудааст: “...рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад. Ҳоло дар кишвар шумораи муштариёни интернет ба 4,5 миллион нафар расидааст, ки ба 100 нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд”[15].

Бинобар ин, дар асоси мушкилиҳо ва чорабиниҳои соҳа қайд кардан бамаврид аст, ки садаи XXI ҳамчун садаи иқтисодиёти баъдисаноатӣ буда, барои такмил ва ташаккул додани соҳа, нақши иттилооткунонии ҷомеа ҳамчун омили рушди рақобатпазирии ИКҚК хизмат мекунад. Инчунин, аз мушоҳида, таҳлил ва синтези рақамҳои омори расмӣ бармеояд, ки суръати афзоиши шумораи истифодабарандагони интернет дар ҷумҳурӣ дар тағйирёбӣ қарор дошта, ҳамасола афзоиши онро дидан мумкин аст. Дар робита ба ин, ҳиссаи истифодабарандагони интернет аз шумораи умумии аҳолӣ, ки соли 2015-ум 33,35%, соли 2016-26,85%, соли 2017-28,15%, соли 2018-32,3%, соли 2019-35,0%, соли 2020-34,4%, соли 2021-35,1%, соли 2022-37,7% ва соли 2023-76,96 дарсадро[26, с.10-11,13,80,305-306], [27, с.11,13,26,75,303-304[, [167, с.27] ташкил дод, ки нисбат ба соли 2015-ум 43,61 банди фоизи зиёд гардидааст.

Дар робита ба ин, дар ҳолати дуруст истифодабарии интернет аз ҷониби истифодабарандагон, омили пешбиникардашуда барои тайёр кардани кадрҳои эҷодкору навовар дар соҳаи илмӣ-техникӣ ҳамчун тадбири зарурӣ баҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисаи динамикаи ҳолат ва тамоюли шумораи аҳолӣ, сохтор ва таносуби он, мо ба хулосае омадем, ки авомили асосии ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳилаи иқтисодиёти эҷодӣ ин омили иҷтимоӣ-демографӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад. Зеро, ин омилҳо, захира, раванд, маблағгузорӣ ба захираҳои инсонӣ ва сатҳу сифати иқтидори эҷодии қувваи корӣ, ки метавонад минбаъд барои идоракунии ИКҚК дар ҷумҳурӣ истифода шавад, тавсиф карда мешавад.

Ҳоло аз рӯи маълумотҳои омори расмӣ, тағйирёбии коэффитсиенти захираи иқтидори креативии қувваи корӣ аз рӯи шумораи афзоиши табиии аҳолӣ, дараҷаи маълумоти касбӣ дар кишвар (шумораи донишҷӯёни МТОК ва МТМК), инчунин, вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол муайян мекунем, ки бо формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст:

$$\text{КЗИК}_{\text{ҚК}} = \frac{\Delta\text{ШАТА} + \Delta\text{ШДмток} + \Delta\text{ШДмтмк}}{\Delta\text{ША аз ИФ}} \qquad (2.5.)$$

| | | |
|---|---|---|
| дар ин ҷо | $\text{КЗИК}_{\text{ҚК}}$ | коэффитсиенти захираи иқтидори креативии қувваи корӣ; |
| | ΔШАТА | тағйирёбии шумораи афзоиши табиии аҳолӣ; |
| | ΔШДмток | тағйирёбии шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; |
| | ΔШДмтмк | тағйирёбии шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ; |
| | ΔША аз ИФ | тағйирёбии шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол. |

Боиси таъкид аст, ки барои ҳисоб кардани арзиши иқтидори креативии қувваи корӣ аз рӯи миқёси муайяни рушд, ки нишондоди коэффитсиенти мазкур дар ҳолати аз 1 хурд будан тағйирёбии сатҳи пастро ва ҳангоми то арзиши максималии имконпазир, 1 будан тағйирёбии сатҳи баланди коэффитсиенти захираи ИКҚК-ро вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолии машғул дар иқтисодиёт,

шаҳодат медиҳад. Нишондиҳандаи ҳисобшуда ҳар қадар баланд ё паст бошад, мутаносибан сатҳи иқтидори креативии қувваи корӣ дар сол баланд ё паст мешавад. Дар асоси маълумоти омори расмӣ дар ҷадвали 2.4 динамикаи зариби (коэффитсиенти) захираи иқтидори креативии қувваи корӣ дар кишвар аз рӯи тағйирёбии шумораи афзоиши табиии аҳолӣ, шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолии машғул дар иқтисодиёт ҳисоб карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Ҷадвали 2.4.-Нишондиҳандаҳои тағйирёбии коэффитсиенти захираи иқтидори креативии қувваи корӣ дар кишвар барои солҳои 2016-2023**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ΔШАТА | | ΔШДмток | | ΔШДмтмк | | ΔША аз ИФ | | $КЗИК_{ққ}$ |
| | I | % | I | % | I | % | I | % | |
| **2016** | 195,9 | -3,97 | 186,9 | 5,89 | 76,7 | 11,32 | 2384 | 0,16 | 0,19 |
| **2017** | 192,0 | -1,99 | 195,7 | 4,70 | 82,4 | 7,43 | 2407 | 0,96 | 0,19 |
| **2018** | 198,3 | 3,28 | 209,8 | 7,20 | 86,5 | 4,97 | 2426 | 0,78 | 0,20 |
| **2019** | 200,8 | 1,26 | 229,6 | 9,43 | 90,4 | 4,50 | 2463 | 1,52 | 0,21 |
| **2020** | 200,4 | -0,19 | 245,9 | 7,09 | 97,7 | 8,07 | 2506 | 1,74 | 0,21 |
| **2021** | 177,4 | -11,47 | 239,5 | -2,60 | 95,5 | -2,25 | 2534 | 1,11 | 0,20 |
| **2022** | 200,4 | 12,96 | 218,1 | -8,93 | 87,2 | -8,69 | 2545 | 0,43 | 0,19 |
| **2023** | 217,9 | 8,73 | 214,4 | -1,69 | 89,6 | 2,75 | 2625 | 3,14 | 0,19 |

**Эзоҳ:** ΔШАТА -тағйирёбии шумораи афзоиши табиии аҳолӣ; ΔШДмток -шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; ΔШДмтмк -тағйирёбии шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ; ΔША аз ИФ - тағйирёбии шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол; $КЗИК_{ққ}$ - зариби захираи иқтидори креативии қувваи корӣ; I-нишондиҳандаҳо (ҳазор нафар): %-нисбати соли базавӣ.

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [20], [22], [28], [163]

Таҳлили маълумоти дар ҷадвали 2.4 овардашуда нишон медиҳад, ки дар давраи аз солҳои 2016-2017, 2022-2023 коэффитсиенти захираи динамикаи иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста аз динамикаи теъдоди аҳолии машғул дар иқтисодиёт 0,19 буда, солҳои 2018-2021 то 0,21 афзудааст. Ҳисобкуниҳои ҷадвали мазкур шаҳодат медиҳад, ки дар умум тамоми солҳои таҳқиқшуда аз 1 хурд буда, афзоиши шумораи захираҳои ИКҚК вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолии машғул дар иқтисодиёт, ҳиссаи пастро дар кишвар нишон медиҳад[20, с.60-90], [22, с.46-66], [163, с.46-66].

Ҳамин тавр, нишондиҳандаи аз як хурди зариби додашуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар солҳои охир сарфи назар аз суръати афзоиши табиии аҳолӣ дар

мамлакат, балки таъсири шумораи ками донишҷӯёни МТОК ва МТМК ба назар расида метавонад, ба коҳиш ёфтани захираи ИКҚК дар бозори меҳнат вобаста аз шумораи умумии аҳолии машғул дар иқтисодиёт расонад. Новобаста ба ин нишондиҳандаҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираи иқтидори креативии қувваи кории барзиёди иқтидори инсонии меҳнатӣ тавсиф карда мешавад.

Тавре, аз таҳлили маълумоти дар ҷадвали 2.4 овардашуда маълум гашт, ки зиёд шудани теъдоди захираи иқтидори креативии қувваи корӣ бо АТА, шумораи донишҷӯёни МТОК ва МТМК вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ ҳисобкунии зариби захираи ИКҚК бо мақсади мушаххас гардонидани таъсири АТА ба теъдоди неруи корӣ муайян карда шудааст. Яъне, то чӣ андоза афзоиши шумораи аҳолӣ ба афзоиши теъдоди қувваи корӣ ва аҳолии машғул дар иқтисодиёт таъсир мерасонад, ҳисоб карда шудааст.

Ҳамин тавр, бояд таъкид кард, ки авомили асосии мусоидат ба рушд ва ташаккулёбии иқтидори эҷодии неруи корӣ, аввалан, афзоиши табиии аҳолӣ, беҳтар кардани вазъи саломатӣ, сатҳ ва сифати зиндагӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуснокӣ, малака ва маҳорати касбӣ, азхудкунии технологияҳои нав, таҷриба, қобилият ва сифатҳои роҳбарӣ, инчунин, сифатҳои ахлоқӣ ва сатҳи баланди шуғлнокӣ дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

## 2.2. Арзёбии сатҳи рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат

Дар шароити модернизатсиякунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили арзёбии дараҷаи рушд ва ташаккули рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат аҳамияти махсус дорад. Дар робита ба ин, рушди устувори иқтисодиёти креативӣ аз рақобаттавонии синфи созанда вобаста аст. Яъне, рақобатпазирии иқтидори эҷодии қувваи корӣ дар бозори озоди меҳнат аз рӯи хусусиятҳои равонӣ, демографӣ-иҷтимоӣ, ҳавасмандгардонӣ, муайян кардани сатҳи дониш, таҷриба, малака, салоҳияти касбӣ ва қобилияти

ташкилии корманд, инчунин, афзалиятҳои корфармоёнро дар қувваи корӣ ва сифати меҳнати эҷодии онҳо инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯзаи бозори меҳнат рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ аз хусусиятҳои ҳамаҷонибаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, сатҳи талаботи бозор ба сифати миқдории аҳолии қобили меҳнат, сатҳи зудҳаракатии қувваи корӣ вобаста ба иҷрои қобилияти корӣ, чандирӣ, қобилияти ташкилӣ ва таъмини қувваи корӣ бо ҷойҳои корӣ ва дигар унсурҳои сифатӣ мушаххас карда мешавад, ки на танҳо рақобаттавонии онҳо аз рӯи сегментҳои иқтидори эҷодӣ, балки рақобаттавонии онҳо бояд ҳамчун мутобиқати иқтидори креативии қувваи корӣ ба тақозои бозори озоди меҳнат дар муддати муайян баррасӣ карда шавад. Маҳз барои ҳамин соҳаҳои креативӣ маҷмӯи фаъолияти иқтисодии марбут ба эҷод, истифода, табдил, паҳн ва тиҷоратикунонии иттилоот ва дониш мебошанд, ки натиҷаҳои назарраси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд (масалан, ҳавасмандгардонии рушди устувор ва фароҳам овардани имкониятҳои васеи шуғл).

Бояд таъкид кард: “...Ташаккул ва таҳкими Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил ва воруди он ба арсаи ҷаҳонӣ, аз як тараф, таҳия ва татбиқи стратегияи шуғлро на ба таври худмухтор, балки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт тақозо мекунад. Аз тарафи дигар, таҳияи консепсия ва сиёсати шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, интихоби самтҳои афзалиятноки он бояд бо дарназардошти хусусиятҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва демографии ҷумҳурӣ ба амал бароварда шавад. Ислоҳоти борабту судманди муносибатҳои меҳнатӣ метавонад яке аз шартҳои зарурии рушди иқтисодии кишвар бошад”[73, с.20].

Ҳамин тавр, аз таҳлили илмӣ-назариявӣ маълум гашт, ки мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва пешрафтаи ҷаҳон ба рушди сиёсати иҷтимоӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамоянд, ки ин масоили муҳим ва саривақтӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Агар ба ҷаҳони имрӯза нигоҳ кунем, мебинем, ки кишварҳои тараққикарда ба сиёсати иҷтимоӣ барои таъмин ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд, мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ба коҳиш додани сатҳи бекорӣ тамаркуз

мекунанд, ки мақсади асосии он коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат ба шуғли босамар ва дараҷаи некӯаҳволии умумии аҳолии худ мебошад, нигаронида шудааст. Бинобар ин, дар ҷадвали 2.5 динамикаи бозори меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ вобаста ба шуғлнокӣ аз рӯи намуди моликият, оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.5.-Тамоюли тағйирёбии аҳолии машғул аз рӯи намуди моликият дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2015-2023 (ба ҳисоби миёна дар як сол, ҳаз. нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | Фарқияти соли 2023/2015, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Қувваи корӣ | 2437 | 2514 | 2557 | 2587 | 2600 | 2675 | **109,76** |
| ***бо % нисбат ба соли гузашта*** | ***100,0*** | ***103,15*** | ***101,71*** | ***101,17*** | ***100,5*** | ***102,88*** | **2,88 б.ф.** |
| **Аз онҳо:** | | | | | | | |
| Аҳолии машғул | 2380 | 2463 | 2506 | 2534 | 2545 | 2625 | **110,29** |
| ***бо % нисбат ба соли гузашта*** | ***100,0*** | ***103,48*** | ***101,74*** | ***101,11*** | ***100,43*** | ***103,14*** | **3,14 б.ф.** |
| **Аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият (ҳаз.нафар)** | | | | | | | |
| давлатӣ | 441,5 | 490,7 | 497,5 | 509,9 | 502,4 | 498,3 | **112,86** |
| ***бо %*** | ***18,6*** | ***19,9*** | ***19,9*** | ***20,1*** | ***19,7*** | ***19,0*** | **0,4 б.ф.** |
| хусусӣ | 1588,6 | 1733,1 | 1770,5 | 1775,5 | 1784,9 | 1857,7 | **116,93** |
| ***бо %*** | ***66,8*** | ***70,4*** | ***70,6*** | ***70,1*** | ***70,1*** | ***70,7*** | **3,9 б.ф.** |
| коллективӣ | 323,8 | 216,0 | 216,2 | 226,2 | 235,5 | 247,1 | **-23,68** |
| ***бо %*** | ***13,6*** | ***8,7*** | ***8,6*** | ***8,9*** | ***9,3*** | ***9,4*** | **-4,2 б.ф.** |
| омехта бо иштироки хориҷиён | 18,5 | 4,3 | 4,8 | 4,9 | 5,1 | 5,1 | **72,43** |
| ***бо %*** | ***0,8*** | ***0,2*** | ***0,2*** | ***0,2*** | ***0,2*** | ***0,2*** | **-0,6 б.ф.** |
| омехта бе иштироки хориҷиён | 7,3 | 19,3 | 17,2 | 16,9 | 17,1 | 17,1 | **234,24** |
| ***бо %*** | ***0,2*** | ***0,8*** | ***0,7*** | ***0,7*** | ***0,7*** | ***0,7*** | **0,5 б.ф.** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [27, с.81-83], [28, с.83]

Таҳлили ҷадвали 2.5 муайян мекунад, ки дар нӯҳ соли охир (2015-2023) теъдоди умумии қувваи корӣ дар ҷумҳурӣ аз 2 437 000 нафар то ба 2 675 000 нафар, ё ин ки 109,76% афзудааст. Шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол соли 2023-юм 2 625 000 нафарро дар бар гирифтааст, ки фарқият нисбат ба соли 2015-ум 245 000 нафарро ташкил намуда, 110,29% афзудааст[24, с.83], [27, с.82-83], [28, с.83], [166, с.37-38].

Тавре, аз рӯи маълумоти омори расмӣ маълум гашт, аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият дар солҳои таҳқиқшуда, аз ҷумла соли 2015 аҳолии машғули кор аз рӯи моликияти давлатӣ 441 500 нафарро дар бар гирифта, ин

нишондиҳандаи оморӣ дар соли 2023 ба 56 800 нафар, ё ин ки нисбат ба соли 2015-ум 112,86% афзудааст. Таҳлил нишон дод, ки соли 2015 бештари аҳолӣ фаъолияти худро дар ШМХ оғоз намуда, дар ин давра теъдоди онҳо ба 1 588,6 ҳаз. нафар ё нисбат ба шумораи аҳолии машғул дар иқтисодиёт 66,8%-ро ташкил додааст. Агар ба фарқияти бузургии мутлақи ин нишондод назар афканем, дидан мумкин аст, ки баъди нӯҳ соли таҳқиқ (2015-2023) шумораи онҳо ба 269,1 ҳаз. нафар, дар умум соли 2023 ба 1 857,7 ҳаз. нафар баробар гашта, нисбати соли 2015 16,93% суръати афзоишро нишон додааст[17, с.100], [28, с.83].

Ҳамин тавр, дар асоси маълумоти омори расмӣ ва ҳисобкунии нишондиҳандаҳо бармеояд, ки аксари шуғлварзидагон дар ҷумҳурӣ бо шакли моликияти коллективӣ (ШМК) низ фаъолият дошта, соли 2015 теъдоди онҳо 323 800 нафар 13,6%, омехта бо иштироки хориҷиён 18 500 нафар 0,8%, омехта бе иштироки хориҷиён 7 300 нафар 0,2%-ро дарбар гирифтанд. Агар соли 2023 фарқияти мутлақ нисбат ба соли 2015, аз рӯи ШМК ба 76 700 нафар 4,2 б.ф., омехта бо иштироки хориҷиён 13 400 нафар 0,6 б.ф. коҳиш ёфта бошад, байни инҳо аҳолии машғул, ки омехта бе иштироки хориҷиён дар давоми таҳлил натиҷаи мусбӣ, яъне ба 9 800 нафар ё 0,5 банди фоизи нисбати аҳолии машғул доранд, афзудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои оварда шуда боиси таваҷҷӯҳ ба тағйирёбии тақсимоти аҳолии машғул аз рӯи намудҳои фаъолият ва бахшҳои иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ ва дар ин асно динамикаи бахшҳои воқеӣ ва хизматрасонии теъдоди аҳолии машғул дар бозори меҳнати кишвар гардид, ки сабабгори мушоҳида ва муқоисакунии таҳлилҳои минбаъда гашт. Чунончӣ, дар ҷумҳурӣ афзоиши шумораи аҳолии машғул дар иқтисодиёт аз рӯи бахши хизматрасонӣ дар тӯли солҳои 2015-2023 дар маҷмӯъ 114,1%, соли 2023 нисбат ба шумораи умумии қувваи корӣ 28,8%-ро ташкил медиҳад, ба чашм мерасад. Яъне, шумораи умумии бахши хизматрасонӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ аз 675,7 ҳаз. нафари соли 2015 ба 770,8 ҳаз. нафари соли 2023 баробар карда шудааст, аз ҷумла: соли 2023 шумораи шуғлдоштагон дар соҳаи маориф 251 700 нафар буда нисбати шумораи аҳолии

машғул дар ҷумҳурӣ 9,6% (соли 2015 - 8,8%), фаъолияти касбӣ ва илмию техникӣ 0,9%, соҳаи фарҳангу санъат ва дигар фаъолияти хизматрасонӣ 1,7%, дар соҳаи меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо 0,7% (соли 2015 - 0,4%), ҳамчунин соҳаи тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 4,6% (соли 2015 - 4,1%)-ро ташкил додааст, афзоиши нишондиҳандаҳоро дар солҳои таҳқиқ (2015-2023) дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.6.- Тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ барои солҳои 2015-2023 (ҳаз.нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Фарқияти соли 2023/2015, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғул** | 2380 | 2506 | 2534 | 2545 | 2625 | **110,3** |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | |
| **Дар бахши воқеӣ** | **1704,0** | **1754,4** | **1764,1** | **1839,5** | **1854,5** | **108,8** |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 1545,2 | 1525,6 | 1535,3 | 1608,8 | 1618,7 | **104,8** |
| Саноат | 72,6 | 98,9 | 101,9 | 102,5 | 106,3 | **146,4** |
| Сохтмон | 66,5 | 101,9 | 98,3 | 100,1 | 101,6 | **152,8** |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | |
| **Бахши хизматрасонӣ** | **675,7** | **751,8** | **769,4** | **705,5** | **770,8** | **114,1** |
| Маориф | 209,3 | 247,1 | 256,0 | 252,2 | 251,7 | **120,3** |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 98,3 | 116,7 | 120,9 | 119,9 | 120,0 | **122,1** |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | - | 17,2 | 23,5 | 22,7 | 22,5 | **100,0** |
| Санъат, вақтхушӣ ва истироҳат | - | 13,9 | 14,7 | 13,8 | 15,8 | **100,0** |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 9,8 | 16,4 | 17,1 | 17,0 | 19,6 | **200,0** |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | - | 61,3 | 58,6 | 51,0 | 58,3 | **100,0** |
| Маълумот ва коммуникатсияҳо | - | 12,4 | 12,1 | 11,7 | 11,8 | **100,0** |
| Дигар фаъолияти хизматрасонӣ | - | 25,4 | 24,8 | 19,6 | 27,3 | **100,0** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [28, с.81-86]

Муқоисакунии маълумоти омори расмӣ имкон медиҳад, ки бахши воқеии аҳолии машғул дар ҷумҳурӣ, ки дар тӯли солҳои 2015-2023 ба 1 854 500 нафар расида дар маҷмӯ 108,83% афзудааст. Ҳангоми таҳлил, метавон ба чунин хулосабарорӣ омад, ки дар бозори озоди меҳнати кишвар имрӯзҳо зиёд шудани қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт ба назар гирифта мешавад, ки соли 2023 нисбат ба соли 2015 фарқият ба 641 000 нафар расидааст[18, с.66-69], [164, с.61-63].

Дар ин росто бояд гуфт, ки дарача ва сатҳи динамикаи нишондиҳандаҳои бозори меҳнат дар минтақаҳои кишвар тафовут дорад. Дар рафти таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои бозори меҳнат[164, с.80-104] маълум гардид, ки тақсимоти шумораи кормандони кироя дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар тағйирёбӣ қарор дошта, афзоиши солҳои таҳқиқи (2015-2023) ин гуруҳи меҳнатӣ дар вилояти Суғд 9,03%, вилояти Хатлон 23,6%, ВМКБ 8,14%, шаҳри Душанбе 29,02% афзудааст, ки афзоиши табиӣ дар минтақаҳо мусбат арзёбӣ карда шуда, танҳо дар НТҶ ин нишондод камшавии мутлақро, яъне 11 300 нафар кам, ё ин ки 9,5 дарсад коҳиш ёфтааст, дар бар мегирад.

Пӯшида нест, ки тағйирёбии мусбии тақсимоти шумораи кормандони кироякор аз рӯи якчанд намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ҷумҳурӣ танҳо дар ҳамон лаҳза самаранокии худро нишон медиҳад, ки корфармо тарзи дуруст идоракунӣ ин гурӯҳи аҳолии қобили меҳнатро дошта бошад, коргари кироя ҳосилнокии корхонаро вобаста ба қобилияти эҷодии худ устувор мегардонад.

Дарвоқеъ, аз рӯи динамикаи тақсимоти теъдоди кормандони кироя дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт гуфтан бамаврид аст, ки шуғли эҷодӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар ҷаҳон, ки ба рушди ахлоқӣ ё фарсудашавии неруи фаъолияти хоҷагии эҷодӣ оварда мерасонад, зеро иқтидори креативӣ, дониш, малакаю маҳорати касбӣ ва таҷрибаи корӣ аз рӯи дараҷаи маълумотнокӣ, метавонад ба индикаторҳои макроиқтисодӣ, аз қабили бекорӣ аз рӯи сатҳи маълумотнокӣ таъсир расонад.

Таҳлил, мушоҳида ва муқоисакунии маълумоти омори расмӣ нишон медиҳад, ки шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнати машғул нестанд ва худро дар АМ ва ША ба қайд гузоштаанд соли 2023 шумораи онҳо ба 106 579 нафар, ё ин ки нисбати соли 2015-ум 47,0 дарсад афзудааст. Дар ин маврид метавон қайд кард, ки аз шумораи умумии нафарони дар қайд гузошташуда мақоми бекоронро доранд, шумораи онҳо соли 2023 ба 48 328 нафар ё нисбати соли 2015-ум 5,5 дарсад, аз онҳо 22 362 нафар занон, ки нисбати соли таҳқиқ

18,12% коҳиш ёфта бо шуғл фарогирӣ ин таркиби аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ба назар расидааст. Ҳамин тариқ, маълум аст, ки новобаста аз зиёдшавии ҳиссаи талаботи корхонаҳо ба корманд, ки соли 2023-юм 15 945 нафар ё 219,17% нисбати соли 2015 афзуда бошад дар баробари ин теъдоди зиёди ҷавонони синни 15-29 сола, ки мақоми бекориро доранд дар ҷумҳурӣ ҳиссаи онҳо ба 164,02% афзудааст[18, с.93], [164, с.137].

Бинобар ин, ҳаракати қувваи корӣ ва тақсимоти шумораи бекорон аз сатҳи маълумотнокӣ ва тахассуснокии онҳо вобастагии зич дорад. Мавриди қайд аст, ки дар бозори озоди меҳнат теъдоди зиёди бекорон, бештари ҷавонони синни 15-29 сола буда ба чашм мерасанд, ки дар айни замон шумораи бисёри онҳоро нафароне, ки соҳиби маълумоти олӣ, миёнаи касбӣ, ибтидои касбӣ ва миёнаи умумӣ ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 2.7.-Тағйирёбии тақсимоти бекорон аз рӯи дараҷаи маълумотнокӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ барои солҳои 2015-2023 (дар охири сол, ҳазор нафар)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | **Фарқияти соли 2023/2015, бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | | | | |
| **Шумораи бекорон** | 51,1 | 49,0 | 49,0 | 54,6 | 53,5 | 48,3 | **94,5** |
| **аз он ҷумла дорои маълумоти:** | | | | | | | |
| *Олӣ* | 4,1 | 4,0 | 4,0 | 5,1 | 4,8 | 4,5 | **109,8** |
| *миёнаи касбӣ* | 7,4 | 6,3 | 7,7 | 8,2 | 7,6 | 8,6 | **116,21** |
| *ибтидои касбӣ* | 8,7 | 6,9 | 6,6 | 8,0 | 8,4 | 9,3 | **106,9** |
| *миёнаи умумӣ* | 30,9 | 31,8 | 31,6 | 33,4 | 32,7 | 25,9 | **83,81** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [27, с.99-100], [164, с.142]

Аз маълумоти ҷадвали 2.7 метавон хулоса кард, ки сатҳи умумии бекорӣ дар кишвар, ки бо назардошти сатҳи саводнокӣ арзёбӣ мешавад, 5,5 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Ҳамзамон дар минтақаҳои ҷумҳурӣ коҳиши сатҳи бекорӣ бо назардошти нобаробарӣ мушоҳида мешавад. Масалан, дар соли 2023 сатҳи бекорӣ дар шаҳри Душанбе - 259,25% ва Ноҳияи тобеъи ҷумҳурӣ -125,6 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2015 афзоиш ёфта дар се минтақаи ҷумҳурӣ тағйирёбии манфии нисбии он мушоҳида карда шуд, аз ҷумла вилояти Суғд - 28,2%, вилояти Хатлон-31,0% ва ВМКБ-26,7%.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки таъмини ҷойи кор барои бекорон аз рӯи дараҷаи маълумотнокӣ, ки расман қайдшудаанд, тавассути Хадамоти шуғли аҳолӣ нишондодҳои муқоисавии мусбӣ ва суръати афзоиши ҳама соларо таъмин намуда, фаъолияти пурсамари сохтори мазкурро нишон дода истодааст. Агар тақсимоти аҳолии бо кор таъминшуда аз рӯи соҳаҳо дар ҷумҳурӣ солҳои 2015 ба 37 952 нафар баробар бошад, ин нишондод соли 2023 ба 72 798 нафар расида (191,8%)-и афзоиши солҳои таҳқиқро нишон дод. Чунончӣ, соли 2023 нисбати соли 2015 дар соҳаҳо: саноат 261,3%, кишоварзӣ 159,3%, нақлиёт ва алоқа 238,9%, сохтмон 145,03%, савдо 151,9%, хизмати маишии аҳолӣ 157,3%, маориф 16,3 маротиба (яъне соли 2015 аз 445 нафар дар соли 2023 ба 7238 нафар баробар аст), фарҳанг ва санъат 286,9%, мақомоти идоракунӣ 3,5 маротиба ва дигар соҳаҳо 313,1% афзоиш ёфта бошад танҳо дар соҳаи илм ва хизматрасонии илмӣ, ки соли 2015-ум 4104 нафар бо кор таъминшуда бошанд, ин нишондод соли 2023 ба 104 нафар, 97,5%, инчунин, соҳаи тандурустӣ ба 71,5 дарсад баробар карда шуд, ки дар сатҳи коҳишёбӣ қарор дорад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили омори муқоисавӣ аҳолии бо кор таъминшуда аз рӯи шакли моликияти давлатӣ, ки соли 2015 ба 21 012 нафар баробар карда шуда бошад, ин нишондод соли 2023 ба 38 700 нафар расидааст, ки 184,2% суръати афзоишро таъмин намуд. Агар аз рӯи шакли моликияти ғайридавлатӣ назар кунем, ин нишондиҳанда, яъне таъмини ҷойи кори аҳолии бекор соли 2023 нисбати соли 2015-ум 201,3% суръати афзоишро дар ҷумҳурӣ ташкил додааст[18, с.153], [164, с.149].

Дар робита ба ин, гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2021 гузориши "Cities Culture Creativity" - ро нашр кард, ки мутобиқи он: “...33 дарсади аҳолии ҷаҳон дар соҳаҳои креативӣ кор мекунанд”[160]. Тибқи арзёбии коршиносон, дар Амрикои Шимолӣ шумораи коргарони мустақил дар соҳаҳои креативӣ 1,6 миллион нафар, Аврупо 2,5 миллион нафар, Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи Кариб 1,05 миллион нафар, дар Африқо ва Шарқи наздик 792 000 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр ҳиссаи худиштиғол (self-employment) дар “...иқтисоди креативии 27 кишвари Иттиҳоди Аврупо (ИА) нисбат ба дигар намудҳои шуғл баландтар буда, тахмин меравад, ки он 32 дарсадро дар муқоиса бо 14 дарсад дар бахшҳои ғайрикреативии иқтисодиёт ташкил медиҳад”[160]. Инчунин, “...ҳиссаи худиштиғол дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ба монанди Коста-Рика, Колумбия, Мали, Покистон ва Шри-Ланка аз 50 дарсад зиёд аст”[161].




**Расми 2.2. - Тағйирёбии ҳиссаи аҳолии худиштиғоли ҷаҳон дар иқтисодиёти креативӣ барои соли 2021**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [160]

Аз расми таҳия гашта маълум мегардад, ки ҳиссаи зиёди аҳолии машғул дар ҷаҳон кормандони кироякор буда ҳиссаи онҳо ба 66 дарсад баробар аст. Ҳамин тариқ, аз таҳлили Бонки Ҷаҳонӣ маълум мегардад, ки кишварҳои Ғарб ва Иттиҳоди Аврупо (ИА) зери мафҳуми “шуғли креативӣ” мафҳуми “худиштиғол” (self-employment), ки дар он шуғли озод ё фрилансерӣ (freelance) дохил карда мешавад, мефаҳманд. Дар робита ба ин, зери мафҳуми боло зикр ҳамфикр буда бояд қайд кард, ки зери мафҳуми “худиштиғол” (self-employment) шахсонеро баррасӣ намудан лозим аст, ки фрилансер мебошанд, бо як ё якчанд фармоишгарон дар асоси шартномаи хизматрасонӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ (бе киро кардани кормандон), тавассути иҷрои кори фосилавӣ (моддаи 255 ва 256-и КМҶТ) бо истифодаи платформаҳои рақамаӣ, бо пешниҳодӣ хизматрасонӣ тавассути замимаҳои рақамӣ, ё дар шакли муошироти бевосита бо фармоишгар ва бе назардошти он, фаъолият мекунад. Вобаста ба гуфтаҳои боло мо метавонем ба гурӯҳи шуғли креативӣ (худиштиғол) дохил кунем:

✓ хизматрасонӣ дар соҳаи иттилоотию коммуникатсионӣ (ИК)-барномасозӣ, ҷойгир намудани реклама, идоракунии шабакаҳои иҷтимоӣ, таҳия ва дастгирии сомонаҳои интернетӣ ва дигар намуди хизматрасониҳои монанд (хариду фурӯши мол дар шакли ташкил ва амалисозии савдои электронӣ);

✓ хизматрасонии меъморӣ, дизайн, лоиҳакашӣ, банаворгирии видео, реклама, сурат, силсилафилмҳо ва кино, роҳбалад, рассом, навозанда ё дигар намудҳои санъат ва ҳунар;

✓ фаъолияти коршиносӣ ва консалтингӣ (машваратӣ) дар соҳаҳои гуногун;

✓ хабарнигорӣ, навиштани матнҳо, тарҷумаи матнҳо, ихтироот ва блогерӣ;

✓ фаъолияти репетиторӣ ва таълимии инфиродӣ (аз он ҷумла дар шакли фосилавӣ тавассути шабакаи интернетӣ);

✓ челонгар, таъмирчии асбобу анҷоми хонагӣ, бинокор, дуредгар;

✓ дастраскунии маҳсулоти хурока ва ғайрихурока ба мизоҷон дар асоси дархост тавассути истифодаи нақлиёти хурди инфиродӣ (дучарха, скутер, самокат, мотосикл ва ғайра) ё нақлиёти ҷамъиятӣ.

Дар робита ба ин, дар асоси шуғли креативии пешниҳодгардида соли 2023 ба таҳқиқоти Хазинаи Аврупоии Омӯзиш дар Тоҷикистон метавон назар кард.




**Расми 2.3. - Тағйирёбии шуғли креативӣ бо дарназардошти шуғли платформавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти таҳқиқоти Хазинаи Аврупоии Омӯзиш / Европейский Фонд Обучения / European Training Foundation

Таҳлили расми 2.3 нишон медиҳад, ки бештари аҳолии кишвар дар соли 2023 ба таҳияи нармафзор ва технология, ки 36%, эҷодкорӣ ва корӣ мултимедиявӣ

28%, навиштан ва тарҷумаи матнҳо 22 дарсадро ташкил доданд, ки нисбат ба кори офис ва вориди маълумотҳо, фурӯш ва маркетинг, инчунин, хизматҳои касбӣ ҳиссаи зиёдро дарбар гирифтааст.

Воқеан дар марҳилаи муосир яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти эҷодӣ, фарҳанги эҷодӣ низ ба ҳисоб меравад, ки мустақиман татбиқи сиёсат ва дастгирии давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, маданият ва рушду ташаккули он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хоса дорад ва барои баланд бардоштани сифати истеҳсол ва намоиши фарҳанги миллӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Дар баробари ин, мо тасмим гирифтем, ки дар ҷадвали минбаъда бо тағйирёбии нишондиҳандаҳои соҳаи фарҳанг, ки имрӯзҳо фаъолияти осорхонаҳо ва театрҳо сол то сол хуб арзёбӣ карда шуда истодааст, мавриди баррасӣ қарор диҳем.

**Ҷадвали 2.8.-Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии соҳаи фарҳанг дар мисоли осорхона ва театрҳои ҷумҳурӣ барои солҳои 2017-2023**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2023/2017, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **Осорхонаҳо** | | | | | | |
| Ҷамъи осорхонаҳо (аз ҷумла филиалҳо), дар охири сол, адад | 59 | 67 | 68 | 70 | 70 | 118,6 |
| кишваршиносӣ ва санъатшиносӣ | 48 | 54 | 55 | 57 | 57 | 118,8 |
| осори адабӣ | 9 | 10 | 10 | 10 | 10 | 111,1 |
| Соҳавӣ | 2 | 3 | 3 | 3 | 3 | 150,0 |
| Шумораи тамошобинон, ҳаз.нафар | 532,5 | 410,0 | 573,0 | 600,0 | 574,2 | 107,8 |
| **Театрҳо** | | | | | | |
| Адади театрҳо (касбӣ), дар охири сол, воҳид | 18 | 26 | 26 | 26 | 26 | 144,4 |
| Шумораи тамошобинон, ҳаз.нафар | 412,1 | 185,8 | 641,5 | 303,91 | 446,4 | 108,3 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [28, с.180-181]

Муқоисакунии нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.8 шаҳодат медиҳад, ки зери шуғли креативӣ бояд як навъи рушди фарҳанг фаҳмида шуда, дар он нақши технология ва кашфиёти нав баланд аст. Зеро, дар ин замина соҳаи истеҳсолот ва татбиқи навовариҳои рақобатпазирро ифода мекунад. Ин муносибат ба тафсири васеи консепсияи шуғли креативӣ асос ёфта, аз баҳодиҳии рушд ва ташаккулёбии соҳаҳое иборат аст, ки ҳуқуқи муаллифиро дар шакли моликияти зеҳнӣ, шаҳодатномаҳо, патентҳо, таҳияҳои аслӣ ва муассисаҳои

илмӣ-таҳқиқотӣ муайян мекунанд. Моликияти зеҳнӣ, ин фаъолияти “ғайриҷисмонӣ” як навъи махсуси моликияти хусусӣ мебошад, ки асосан ба сармояи табиии инсонӣ (генӣ) ва ба меҳнати шахсии фард асос ёфтааст. Ин падида дар давраи саноатикунонӣ ва баъдисанотикунонии рушд мансуб дониста шуда, ба ҷанбаи интеллектуалии меҳнат хос аст ва нақши муҳимро дорост[78, с.59]. Конвенсияи таъсиси Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (СУМЗ), ки 14 июли соли 1967 дар пойтахти Шветсия Стокголм қабул шудааст, рӯйхати зерини моликияти зеҳнӣ ироа гаштааст[75, с.118-119]: 1) асарҳои адабӣ-илмӣ ва санъат; 2) иҷрои фаъолияти ҳунармандон, рассомон, фонограммаҳо ва радиошунавонӣ; 3) ихтироот дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ; 4) кашфиётҳои илмӣ; 5) намунаҳои саноатӣ; 6) тамғаҳои молӣ, хизматрасонӣ ва номҳои тиҷоратӣ, инчунин, нишонаҳо; 7) барҳам додани рақобати бадсифатона; 8) моликияти зеҳнӣ дар мисоли “ноу-хау”.

Ҳамин тариқ, тибқи муқаррароти “СМРМЗ-2030” бояд қайд намуд, ки “...бо мақсади ҷалби шахсони болаёқат ба навоварию ихтироъкорӣ, таҳкими ҷараёни ихтироъкорӣ, беҳтарсозии сатҳ ва сифати дониш, маълумотнокии ҷомеа, азхудкунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои технологияҳои инноватсионӣ, ки иҷрои он ҳадафи чоруми миллии кишвар-саноатикунонии босуръат мебошад, пайвасти илм бо истеҳсолот ва рушди минбаъдаи низоми миллии моликияти зеҳнӣ”[8], дар сатҳи ҷумҳурӣ чорабиниҳо бештар гузаронида шуда истодааст, ки таҳлили нишондиҳандаҳои синнусолӣ ва ҷинсии ихтироъкорони кишвар аз он гувоҳӣ медиҳад.

**Ҷадвали 2.9.-Таҳлили нишондиҳандаҳои синусолӣ ва ҷинсии ихтироъкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2024**

| Таносуби ҷинсӣ ва синнусолӣ | Солҳо | | | | | | Фарқият бо адад | Фарқият бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | нисбат ба солҳои 2024/2017 | |
| **Мардҳо (нафар)** | | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ** | **234** | **407** | **354** | **410** | **405** | **316** | **+82** | **135,0** |
| **то синни 35- сола** | 90 | 161 | 137 | 135 | 152 | 102 | **+12** | **113,3** |
| **36-50 – сола** | 60 | 98 | 87 | 137 | 106 | 102 | **+42** | **170,0** |
| **аз 51- сола боло** | 84 | 148 | 130 | 138 | 147 | 112 | **+28** | **133,3** |

**Идомаи ҷадвали 2.9.**

| Занҳо (нафар) | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **33** | **77** | **73** | **84** | **73** | **70** | **+37** | **212,1** |
| **то синни 35- сола** | 18 | 36 | 28 | 37 | 29 | 27 | **+9** | **150,0** |
| **36-50 – сола** | 10 | 21 | 29 | 30 | 26 | 24 | **+14** | **240,0** |
| **аз 51- сола боло** | 5 | 20 | 16 | 17 | 18 | 19 | **+14** | **380,0** |
| **Дар маҷмӯъ** | **267** | **484** | **427** | **494** | **478** | **386** | **+119** | **144,6** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [169]

Таҳлили ҷадвали 2.9 имкон медиҳад, ки ҳамасола таносуби ҷинсӣ дар соҳаи ихтироот ва рақобатпазирии онҳоро мушоҳида кард. Фарқияти солҳои таҳқиқӣ, ки соли 2024 нисбат ба соли 2017-ро ташкил дод, миёнасолони ихтироъкор аз 36 то 50-сола барои мардҳо 42 нафар 170,0%, ҷавонони то 35-сола 12 нафар 113,3%, калонсолон-28 нафар 133,3%, ки дар маҷмӯъ шумораи мардони дорои иқтидори креатив ба 82 нафар расида, суръати афзоиши онҳо 135,0%-ро ташкил додааст. Инчунин, занҳои миёнасол-14 нафар 240,0%, ҷавонон-9 нафар 150,0%, калонсолон-14 нафар 380,0%, шумораи умумии онҳо дар солҳои охир (2017-2024) 37 нафар 212,1%-ро ташкил дод, афзудааст[31, с.166].

Тавре аз таҳияи ҷадвали мазкур бармеояд, дар солҳои охир диққати зиёди олимон, пажӯҳишгарон ва ҷавонони эҷодкору созанда, ба дастовардҳои зеҳнӣ дар соҳаҳои гуногун мебошанд, ба ингуна соҳаҳо: хизматрасонӣ, илмӣ-техникӣ, сохтмон, кимё, хоҷагии қишлоқ, тиб, металлургия, физика, муҳандисӣ, саноати бофандагӣ, гармидиҳӣ ва дигар соҳаҳои ихтироот, ки пайваста рушди соҳаи креативиро дар байни қувваи кории ҷумҳурӣ дидан мумкин аст, дохил мекунанд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки рушди иқтисодиёти креативии ҳар як кишвар, ки аз афзоиши истеҳсол ва истеъмоли молҳои ғайрианъанавӣ, инчунин, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ аст, боиси тағйиёрбии симои он тавассути навовариҳои илмӣ-техникӣ, навовариҳои миёна ва хурд дар фаъолияти инфиродию гурӯҳии меҳнати эҷодӣ мегардад, самаранокии онҳо одатан бо афзоиши функсионалии патентҳо ва ихтироот тақвият дода мешавад. Яъне, таълим+иттилоот + илми креативӣ+соҳибкорӣ+инноватсия+тиҷорат=иқтисодиёти креативӣ.

Дар шароити имрӯза, тибқи низоми ҳуқуқи амалкунанда, объектҳои моликияти зеҳнӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд[75, с.119-120]: 1) натиҷаҳои фаъолияти креативӣ, ки дар асоси қонун оид ба ҳифзи ҳуқуқи муаллиф (асарҳои илмӣ ва санъат, нармафзор, базаи иттилоотӣ, меъмории микросхемаҳои интегралӣ ва ғайра); 2) дастовардҳои фаъолияи эҷодӣ, ки ба муқаррароти қонунгузорӣ оид ба патенти ҳифозатшаванда-моликияти саноатӣ (ихтироот, амсилаҳои муфид, маҳсулот ва намунаҳои молҳои саноатӣ) мувофиқат мекунанд; 3) дастовардҳо оид ба фаъолияи эҷодии шахси ҳуқуқӣ, маҳсулот, корҳои ба итмом расида ё хизматрасониҳои пешниҳодшуда (номҳои ширкат, тамғаи молӣ, номи маҳали истеҳсоли мол, тамғаи фирмавӣ ва ғайраҳо).

Ҳамин тариқ, мувофиқи маълумоти Муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот" маълум гашт, ки дар соли 2024 аз тарафи муассиса ба аризадиҳандагон 1305 ҳуҷҷати муҳофизатии объектҳои моликияти саноатӣ супорида шудааст. Ин индикатори марбут нисбати соли 2017-ум 534 воҳид ё 169,3% зиёд аст. Аз шумораи умумии ҳуҷҷатҳои додашуда 1 патент ба ихтироъ, 4 шаҳодатномаи муаллифӣ ба ихтироъ, 2 патент ба намунаи саноатӣ, 3 гувоҳномаи муаллифӣ ба намунаи саноатӣ, 108 нахустпатент ба ихтироъ, 493 шаҳодатномаи муаллифӣ ба нахустпатент (228 адад ё 186,03 фоиз зиёд нисбат ба соли 2017) ва 694 ададро шаҳодатнома ба тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ (283 адад ё 168,85 фоиз зиёд нисбат ба соли 2017) ташкил медиҳад.

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол афзоиши шумораи кормандони худиштиғол ё ғайрикироя, чунончӣ, соҳибкорони инфиродии ба қайдгирифташуда тибқи патенту шаҳодатнома ба назар расидааст. Агар соли 2017 теъдоди онҳо дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ ба 485109 нафар баробар бошад, ин нишондиҳанда соли 2023 ба 141,4% ё 686046 нафар ва нисбат ба шумораи қувваи корӣ 25,6% афзоиш ёфтааст [23, с.214], [27, с.231], [28, с.231]. Бинобар ин, тасмим гирифтем, ки дар ҷадвали 2.10 шумораи соҳибкорони инфиродии ба қайд гирифташуда тибқи патент ва

шаҳодатнома дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва дар сатҳи минтақаҳои он фаъолияткунанда мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор диҳем.

**Ҷадвали 2.10.-Тағйирёбии соҳибкорони инфиродии ба қайд гирифташуда тибқи шаҳодатнома ва патент дар сатҳи минтақаҳо ва ҷумҳурӣ барои солҳои 2017-2023**

| Минтақаҳо | Ҳамаи намудҳои соҳибкорони инфиродӣ | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шаҳодатнома | | Хоҷагии деҳқонӣ | | Патент | | Ҳамагӣ | |
| | Солҳо | | | | | | | |
| | 2017 | 2023 | 2017 | 2023 | 2017 | 2023 | 2017 | 2023 |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 70324 | 95177 | 145905 | 192412 | 268880 | 328357 | 485109 | 686046 |
| **бо %** | 135,3 | | 131,9 | | 122,12 | | 141,4 | |
| **вилояти Суғд** | 17986 | 24213 | 58208 | 71858 | 92745 | 121630 | 168939 | 239702 |
| **бо %** | 134,6 | | 123,5 | | 131,1 | | 141,9 | |
| **вилояти Хатлон** | 11324 | 16117 | 56306 | 77330 | 63198 | 70656 | 130828 | 184717 |
| **бо %** | 142,3 | | 137,3 | | 111,8 | | 141,2 | |
| **ВМКБ** | 1549 | 2330 | 262 | 3435 | 5351 | 8445 | 7162 | 16380 |
| **бо %** | 150,4 | | 13,1 мар. | | 157,8 | | 228,7 | |
| **шаҳри Душанбе** | 25348 | 34345 | 18 | 736 | 61458 | 71400 | 86824 | 122051 |
| **бо %** | 135,5 | | 40,9 мар. | | 116,2 | | 140,6 | |
| **НТҶ** | 14117 | 18172 | 31111 | 39053 | 46128 | 56226 | 91356 | 123196 |
| **бо %** | 128,7 | | 125,5 | | 121,9 | | 134,9 | |
| ***Аз шумораи умумии соҳибкорон-фаъолияткунанда*** | | | | | | | | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 32096 | 35669 | 142044 | 176524 | 95951 | 46966 | 270091 | 316463 |
| **бо %** | 111,2 | | 124,3 | | 48,94 | | 117,2 | |
| **вилояти Суғд** | 10276 | 10762 | 57272 | 67294 | 31460 | 17981 | 99008 | 113847 |
| **бо %** | 104,7 | | 117,5 | | 57,2 | | 114,9 | |
| **вилояти Хатлон** | 5893 | 6954 | 54958 | 70085 | 25187 | 8740 | 86038 | 102472 |
| **бо %** | 118,0 | | 127,5 | | 34,7 | | 119,1 | |
| **ВМКБ** | 967 | 1421 | 259 | 3423 | 1894 | 1185 | 3120 | 7531 |
| **бо %** | 146,9 | | 13 мар. | | 62,6 | | 241,4 | |
| **шаҳри Душанбе** | 9509 | 10531 | 5 | 698 | 22911 | 12374 | 32425 | 37103 |
| **бо %** | 110,7 | | 139,6 мар. | | 54,0 | | 114,4 | |
| **НТҶ** | 5451 | 6001 | 29550 | 35024 | 14499 | 6686 | 49500 | 55510 |
| **бо %** | 110,1 | | 118,5 | | 46,11 | | 112,1 | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [23, с.214], [28, с.231]

Аз маълумоти ҷадвали 2.10 маълум мегардад, ки шумораи соҳибкорони фаъолияткунанда тибқи шаҳодатнома дар ҷумҳурӣ соли 2023 нисбати соли 2017-

ум 11,2%, вилояти Суғд 4,7%, вилояти Хатлон 18,0%, ВМКБ 46,9%, шаҳри Душанбе 10,7% ва НТҶ 10,1 дарсад афзудааст. Агар ба ҳиссаи соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият мекунанд назар кунем, тағйирёбии манфӣ дар солҳои таҳқиқ маълум мегардад. Чунончӣ, соли 2023 нисбати соли 2017 соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият мекунанд дар вилояти Суғд 57,2%, ВМКБ 62,6%, вилояти Хатлон 34,7%, шаҳри Душанбе 54,0% ва НТҶ 46,11 дарсад дар сатҳи коҳишёбӣ қарор дорад. Ҳамин тавр, қайд кардан лозим аст, ки новобаста аз тағйирёби мусбӣ ва манфии теъдоди умумии соҳибкорони инфиродӣ аз рӯи намуди фаъолият, имрӯзҳо занҳо низ бо фаъолияти худиштиғол фарогир ҳастанд дар кишвар дидан мумкин аст.

Таҳлили маълумотҳои омори расмӣ собит менамояд, ки нишондиҳандаи соҳибкорони инфиродии занҳо аз рӯи намуди фаъолият сол то сол дар тағйирёбӣ қарор дорад. Агар дар ҷумҳурӣ соли 2017 ҳиссаи занҳои соҳибкор нисбат ба теъдоди умумии соҳибкорони инфиродии фаъолияткунанда 22,68% бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 28,3% баробар гаштааст, аз ҷумла: вилояти Суғд соли 2023-юм 32,7% нисбати (соли 2017-ум 5,3 б.ф.), вилояти Хатлон соли 2023-юм 23,8% нисбати (соли 2017-ум 3,8 б.ф.), шаҳри Душанбе соли 2023-юм 30,3% нисбати (соли 2017-ум 11,5 б.ф.), НТҶ соли 2023-юм 26,9% нисбати (соли 2017-ум 6,84 б.ф.) суръати афзоиш дошта бошанд, аз рӯи намуди фаъолият дар ВМКБ суръати афзоиш мушоҳида карда шуда, танҳо дар умум, яъне соли 2023 нисбати банди фоизӣ аз рӯи муқоисаи маълумоти омории соли 2017-ум 3,4 дарсад коҳиш ёфтааст[23, с.215], [27, с.232], [28, с.232].

Ҳамин тавр, таҳлили маълумоти омори расмӣ моро водор намуд, ки новобаста аз зиёд шудани теъдоди умумии соҳибкорони инфиродии ба қайд гирифташуда тибқи патенту шаҳодатнома, имрӯзҳо мутаносибан ҷойи кори доимӣ вобаста ба фаъолияти бахши соҳибкорӣ бештар шуда истодааст, ки дар расми 2.4 (а,б) шумораи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ тибқи патент ва шаҳодатнома дар солҳои 2017 ва 2023 машғуланд, аз рӯи соҳаҳо чунин ҳиссаҳоро ташкил додаанд (ниг. ба расми 2.4.).




**Расми 2.4. а), б). - Тағйирёбии шумораи шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд (аз рӯи шумораи шаҳодатнома ва патентҳои додашуда) дар Ҷумҳурӣ барои солҳои 2017-2023**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [28, с.238]

Чуноне, ки аз маълумоти омори расмӣ бармеояд, ҳиссаи бештари шаҳрвандоне, ки ба фаъолияти меҳнати инфиродӣ машғуланд соли 2023 нисбат ба соли 2017 дар соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ 1%, хизматрасонии маишӣ 2%, дигар намудҳои фаъолият 21 дарсад афзоиш ёфта бошад дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ 22% коҳиш ёфтааст. Новобаста аз нишондиҳандаи ками фоизӣ динамикаи ҳиссаи теъдоди маҷмӯавии аҳолии машғул дар фаъолияти инфиродӣ ҳама сола суръати афзоишро нишон медиҳад. Яъне соли 2023 нисбати соли 2017 теъдоди онҳо ба 72 700 нафар ё 29,8%-ро ташкил додааст.

Дар робита ба ин, аз рӯи таҳлили зербоб гуфтан бамаврид аст, ки дар шароити кунунӣ Тоҷикистон мақомоти маҳаллии ҳокимият аз рӯи минтақаҳо дар асоси вазъи бозори меҳнат, ҳуқуқ доранд рӯйхати иловагии шахсонеро, ки ба гурӯҳҳои мақсаднок тааллуқ доранд, муқаррар намоянд. Дарвоқеъ, бояд қайд намуд, ки мақсади асосии сиёсати шуғли эҷодӣ мусоидат ба шуғли озодонаи интихобшуда ва худиштиғол қобили қабул дониста шуда, шуғли босамар ва пурмаҳсулии аҳолӣ мебошад, ки сиёсати шуғли креативӣ ташаккули талабот ба иқтидори креативии қувваи кориро дар бозори меҳнат дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, арзёбии сатҳи рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он, ки аз рӯи аҳолии машғулин дар иқтисодиёт ва тағйирёбии тақсимотӣ шумораи кормандони кироя, кори худиштиғол, динамикаи тақсимоти бекорон аз рӯи дараҷаи маълумотнокӣ ва бо кор таъминшудаи онҳо, инчунин, ба динамикаи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ равона карда шуда буд, метавон чунин хулосабарорӣ кард:

1. Дар нӯҳ соли таҳқиқ (солҳои 2015-2023) маълум гардид, ки шумораи қувваи корӣ ва аҳолии машғул дар иқтисодиёт ҳисса аз ҳисса зиёд гашта дар Тоҷикистон теъдоди ками онҳо ба назар гирифта нашудааст.

2. Таҳлилҳои муқоисавии нишондиҳандаҳои бозори меҳнат собит менамояд, ки тақсимоти шумораи кормандони кироя дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар тағйирёбӣ қарор дошта, афзоиши онро дидан мумкин аст. Илова бар ин қайд кард, ки дар шароити Тоҷикистон шумораи бештари аҳолии қобили меҳнат, ки худиштиғол ё ғайрикироя кор мекунанд манфиатовар буда метавонад ба паст шудани сатҳи бекорӣ мусоидат кунад.

3. Таҷдиди мафҳуми кори фосилавӣ дар қонунгузории меҳнат (моддаи 256-и КМҶТ). Инчунин, ба номгӯи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ворид намудани намудҳои кор ва мафҳумҳои худиштиғол, фриланс, фрилансер ба қонунгузории шуғл:

- тавсеаи дастгирии шаклҳои нави меҳнат тибқи муқаррароти қонунгузории соҳаи шуғл;
- дараҷаи пастари андозбандӣ бо имтиёзи андозӣ ва татбиқи системаи боздошти муваққатии амали патент, инчунин, шаҳодатнома дар мавриди набудани кор барои фаъолияти худиштиғол (соҳибкори инфиродӣ) ё муқаррар намудани мӯҳлати амал барои патент/шаҳодатнома – якмоҳа, шашмоҳа, яксола, панҷсола. Дар баробарин ин, арзиши нархи патентро барои фаъолияти худиштиғол бо назардошти имтиёзҳои дастгирикунандаи ин соҳаи нави шуғл муқаррар кардан лозим меояд, ки боиси ҳавасмандии онҳо мегардад;

- ташаккул ва татбиқи маълумоти омори расмии фаъолияти худиштиғол, бо таҳқиқотҳои мақсаднок.

4. Мусоидат ва такмили рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ; таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ҳифзи ҷойҳои кории мавҷуда; рушди худиштиғоли қувваи корӣ ва дастгирии сиёсати давлатӣ ба он.

Бинобар ин, ташаккул ва рушди ИКҚК дар бозори меҳнат дар садаи 21-ум бо ҷалби қувваи корӣ дар шуғли нави меҳнатӣ мувофиқи мақсад буда, сабаби зиёд шудани кормандони ғайрикироя, ки қобилияти эҷодӣ, навоварӣ доранд ва метавонанд барои худ ва барои дигар нафарон ҷойи кор ташкил намоянд. Яъне ҳадафи ягонаи мо истифодаи иқтидори инсонии баландихтисос дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ, инчунин, ҷалби қувваи корӣ дар иқтисодиёт машғулнабуда, ки ба коҳиш ёфтани дараҷаи бекорӣ дар кишвар оварда расонида барои ташаккул ва рушди босамари иқтисодиёти миллӣ инноватсионӣ мусоидат намояд ва ҳамчунин барои баланд намудани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ таъсири мусбӣ расонад.

## 2.3. Таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори меҳнат

Дар шароити модернизатсиякунонии иқтисодиёт, инчунин, амалии саноатикунонии босуръат ва давраи иқтисодиёти пасазсаноатӣ гувоҳӣ аз он дорад, ки иттилоот ва дониш асоси иқтисодиёти эҷодӣ буда, иқтидори креативии қувваи корӣ нақши муҳимеро мебозад ва бо ёрии қувваи кории баландихтисос, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар равона шудааст, ифода меёбад. Илова бар ин, марҳилаи рушди креативӣ-инноватсионии иқтисоди миллӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати мамлакат буда, чунин рушд метавонад таҳия ва татбиқи механизмҳои торафт ба технологияи баланд табдил додани донишҳои нав ва ҳамгироии онҳоро ба соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, фаъолияти эҷодӣ-инноватсионӣ таҳқиқот ва коркардҳои бунёдии илмиро дар бар мегирад ва самаранокии он аз рӯи меъёрҳои марбут ба корҳои илмӣ баҳо дода мешавад.




**Расми 2.5. - Таъсири рушди рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дастгирии рушди соҳаи креативӣ-инноватсионӣ яке аз қадамҳои муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирии иқтидори креативӣ буда, талаботи бозори меҳнат ба чунин таркиби аҳолии қобили меҳнат бештар аст. Бинобар ин, иқтидори креативии қувваи корӣ ба марҳилаи баъдисаноатии иқтисодиёт таъсир расонида, метавонад рақобатпазирии бозори меҳнатро таъмин намояд.

Дар робита ба ин, воқеияти кишвар аз мавҷудияти иқтидори креативии неруи кории рақобатпазир дар бозори меҳнат аст, ки зарурати он, аввалан аз зиёд шудани аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда ва ҳосилнокии меҳнат, андозаи шуғли устувори пурмаҳсул, таъмини ҳифзи босамари иҷтимоӣ, ки барои Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд, инчунин, асоси ташаккулёбӣ ва рушд дар соҳаи меҳнат ба ҳисоб меравонд, вобаста аст. Дар натиҷа таносуби иқтидори креативии қувваи корӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, ки бо мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ муайян карда мешавад, метавонад ба ташаккули сохтори истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар ҳар як давлат таъсир расонад.

Тағйирёбии ҳолат ва тамоюли рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ гувоҳӣ медиҳад, ки суръати афзоиши ММД - и соли 2023 нисбат ба соли 2015 256,6%, ба сари аҳолӣ 213,4% афзуда, даромади буҷети давлатӣ аз 16586,5 млн. сомонӣ ба 43903,4 млн. сомонӣ баробар гашт, ки суръати афзоиши он 264,7% ва ХБД ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, илмӣ-техникӣ ва ғайраҳо дониста мешавад, 264,4%, сармоягузорӣ 212,3%, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 140,3 фоиз афзудааст[25], [26], [27], [28, с.13-214].

Дар робита ба ин, солҳои охир ташаккул ва рушди рақобаттавонии иқтидори эҷодии қувваи корӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, самти КИТТК, таҳқиқоти фундаменталӣ ва амалӣ, ки ба манфиатҳои мухталифи иҷтимоӣ, эҳтиёҷоти иқтисодиёт ва амнияти мамлакат нигаронида шудааст, мушоҳида карда мешавад. Инчунин, маблағгузорӣ ба соҳаи креативӣ, ҳамчун хароҷоти давлатӣ барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ фаҳмида мешавад. Аз маълумоти оморӣ бармеояд, ки аз соли 2015 дар ҷумҳурӣ афзоиши хароҷоти давлатӣ барои таҳқиқот ва таҳияи илмӣ мушоҳида карда мешавад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки муқоисаи хароҷот барои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ бо дарназардошти ҷузъи сармоягузории рушди иҷтимоии иқтисоди Тоҷикистон бо пешгӯиҳое, ки дар имтидоди тамоюлҳои ҷорӣ дар соҳаи маблағгузории илм сохта шудаанд, ба таври назаррас фарқ мекунад. Қайд кардан лозим аст, ки буҷети давлатӣ ҳамчун сарчашмаи асосии маблағгузорӣ, барои корҳои илмӣ-таҳқиқоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад (ниг. ба ҷадвали 2.11.).

**Ҷадвали 2.11.-Хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2015-2023**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ММД бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо, млн. сомонӣ | Хароҷоти буҷети давлатӣ млн. сомонӣ | Хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм, ҳазор сомонӣ | Ба ҳисоби фоиз | |
| | | | | ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) | нисбат ба хароҷоти буҷети давлатӣ |
| **2015** | 50977,8 | 16277,4 | 52890,7 | 0,1 | 0,3 |
| **2019** | 79109,8 | 23806,6 | 76401,0 | 0,1 | 0,3 |
| **2020** | 83958,3 | 24812,5 | 82820,4 | 0,1 | 0,3 |
| **2021** | 101076,3 | 29342,7 | 99690,7 | 0,1 | 0,3 |
| **2022** | 115739,4 | 35338,9 | 119586,7 | 0,1 | 0,3 |
| **2023** | 130791,5 | 43034,8 | 143510,8 | 0,1 | 0,3 |
| **2023/ 2015 мар.** | **2,6** | **2,6** | **2,7** | **100,0** | **100,0** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [20, с.120], [21, с.99], [25, с.111], [28, с.13, 68, 214]

Тавре таҷрибаи давлатҳои хориҷа нишон медиҳад, дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳаҷми маблағгузории илм аз ММД 2 то 4 фоиз ва бештар аз он, ки 45 фоизи ҳаҷми умумиро ташкил дода, қисми боқимонда аз ҳисоби вазорату ташкилотҳо маблағгузорӣ карда мешавад[59, с.93].

Тибқи манбаъҳои расмӣ, дар соли 2023 ҳаҷми маблағгузории лоиҳаҳои илмӣ-техникӣ аз буҷети давлатӣ нисбат ба соли 2015-ум 2,7 маротиба афзудааст. Аз рӯи ҳиссаи ММД бошад дар соҳаи илм 0,1% нисбат ба ХБД, дар соли 2023-юм 0,3%-ро ташкил медиҳад, ки нисбати солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ чандин маротиба афзудааст.




**Расми 2.6. - Тағйирёбии ҳаҷми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ,таҷрибавӣ конструкторӣ барои солҳои 2015-2023 (ҳазор сомонӣ)**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [28, с.69]

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки монеаҳои назаррас дар роҳи рушди иқтидори креативӣ-инноватсионии қувваи кории бозори меҳнат, ки хусусияти системавӣ дорад, истифодаи самаранокии неруи илмию техникӣ, миқёси стратегиро пайдо карда, шумораи муассисаҳо ва ташкилотҳои илмӣ, ки бо КИТ машғуланд, ба таври назаррас ба даст меоранд. Ҳамчунин вобаста ба фаъолияти асосии муассисаҳое, ки корҳои илмӣ-техникиро дар ҷумҳурӣ анҷом медиҳанд бо назардошти кадрҳои илмӣ, ки сабаби пайваста такмил ёфтани иқтидори креативӣ аст, дарҷ мегардад.

**Ҷадвали 2.12.-Шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ ва кормандони он, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд, барои солҳои 2015-2023**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Теъдоди муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки КИТ иҷро мекунанд (адад) | 66 | 82 | 82 | 82 | 81 | 80 | 80 |
| доктори илм (нафар) | 328 | 325 | 362 | 337 | 322 | 320 | 336 |
| **бо % нисбати соли базавӣ (+;-100)** | **100,0** | **10,9** | **11,3** | **-6,9** | **-4,4** | **-0,6** | **5** |
| номзади илм (нафар) | 748 | 816 | 839 | 849 | 866 | 913 | 933 |
| **бо % нисбати соли базавӣ (+;-100)** | **100,0** | **11,6** | **2,8** | **1,2** | **2,0** | **5,4** | **2,2** |
| Ҳамагӣ | 3704 | 3923 | 4505 | 4269 | 4446 | 4496 | 7272 |
| Фарқият бо адад, нисбати соли 2015 | - | 2019 | 801 | 565 | 742 | 792 | 3568 |
| **Ҳиссаи шумораи умумии кормандони соҳаи илмӣ-техникӣ аз қувваи корӣ, бо %** | **0,15** | **0,16** | **0,18** | **0,17** | **0,17** | **0,17** | **0,3** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [27], [28]

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 2.12, соли 2023 дар ҷумҳурӣ 80 ташкилот ва муассисаҳое, ки бо корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғуланд, ин нисбат ба соли 2015 14 воҳид зиёд аст, ки 121,2%-ро ташкил медиҳад. Тағйирёбии шумораи кормандон дар соҳаи илмӣ-техникӣ, инчунин, гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамасола дар ҷумҳурӣ афзоиш ёфтани шумораи умумии онҳоро дидан мумкин аст, яъне соли 2023 нисбат ба соли 2015-ум 3568 нафар ё 196,3% афзуда, дар муқоиса бо шумораи қувваи корӣ дар соли 2023 0,3%-ро ташкил додааст.

Марҳилаи муосир имкон медиҳад, ки самаранокии КИТТК дар муассисаҳо ё ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар шароити тайёр кардани кадрҳои илмӣ, таҷҳизотҳои моддию техникӣ, маълумоти илмӣ, ки дар он аҳамияти самаранок истифодаи шабакаҳои интернетӣ ба назар мерасад ва

муҳимтарин авомили пайваста такмилдиҳии самаранокии неруи креативӣ ва ҳамчунин сарчашмаи даромад аз меҳнати баланд ба ҳисоб меравад, таъмин гардида истодааст.

Дар асоси маълумотҳои омори расмӣ самти нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилотҳое, ки барои омода кардани кадрҳои илмӣ фаъолият мекунанд, чунин арзёбӣ кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.13.-Тағйирёбии омодагии кадрҳои креативу навовар барои солҳои 2017-2023 (нафар)**

| Солҳо | Шумораи аспирант, докторант (анъанавӣ) ва доктори PhD | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | | | Қабули кадрҳои илмӣ | | | Хатми кадрҳои илмӣ | | | аз он ҷумла, бо ҳимоя | | | аз шумораи умумӣ – занон | | |
| | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III | I | II | III |
| **2017** | 1506 | 101 | 253 | 472 | 40 | 115 | 445 | 14 | 4 | 25 | 4 | - | 561 | 32 | 37 |
| **2019** | 758 | 43 | 1091 | 9 | 15 | 617 | 393 | 13 | 106 | 53 | 4 | 15 | 287 | 14 | 243 |
| **2020** | 339 | 35 | 1341 | 8 | 7 | 563 | 360 | 13 | 168 | 33 | 3 | 12 | 107 | 11 | 314 |
| **2021** | 219 | 50 | 1296 | 31 | 26 | 445 | 170 | 13 | 240 | 28 | 6 | 12 | 64 | 17 | 347 |
| **2022** | 142 | 64 | 1227 | 51 | 35 | 402 | 39 | 26 | 283 | 10 | 16 | 29 | 52 | 19 | 397 |
| **2023** | 173 | 95 | 1166 | 52 | 49 | 417 | 17 | 11 | 310 | 9 | 7 | 24 | 71 | 27 | 433 |
| **2023/ 2017, бо адад** | **-1333** | **-6** | **913** | **-420** | **9** | **302** | **-428** | **-3** | **306** | **-16** | **3** | **-** | **-490** | **-5** | **396** |
| **Эзоҳ: I-аспирант; II- докторант (анъанавӣ); III- доктор PhD** | | | | | | | | | | | | | | | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [20, с.121-135], [163, с.99-100, 112]

Дар асоси маълумоти дар ҷадвали 2.13 овардашуда, метавон хулоса кард, ки дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ аз 24 ташкилоти илмӣ мавҷуд буда, 5 адад институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва 19 адади онҳо бошад муассисаҳои таҳсилоти олӣ буданд. Дар баробари ин, соли 2017 теъдоди унвонҷӯён ба 1506 нафар баробар карда шудааст, ки 561 нафарашон занҳо мебошанд. Инчунин, дар ин давра, 472 нафар ба аспирантура дохил шуданд ва 445 нафар таҳсилро ба итмом расонидаанд. Аз ин шумора 25 нафар рисолаҳои худро бомуваффақият ҳимоя карда дараҷаи илмии номзади илм гирифтаанд. Ҳамин тавр, дар соли 2023 аз 25 ташкилоти ба фаъолияти илмӣ машғулбуда 5 воҳид институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва 20 воҳид ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохил мешаванд. Ҳамчунин, шумораи аспирантҳо, яъне соли 2023 нисбат ба соли 2017 (-88,5%) коҳиш ёфта, 173

нафарро ташкил додааст, ки аз онҳо 71 нафарашон занҳо, қабул 52 нафар, хатми аспирантҳо 17 нафар буда бо ҳимояи рисола 9 нафар комёб гаштааст[21, с.101-113], [163, с.99-112].

Дар идомаи таҳлили ҷадвали 2.13 бояд қайд кард, ки нишондиҳандаи фаъолияти дигари илмӣ, докторантура (анъанавӣ) буда, шумораи онҳо, агар дар соли 2017-ум 101 нафар занҳо 32 нафар бошад, пас дар соли 2023 рақамҳои дар маълумоти омори расмӣ асоснок кардашуда, ба самти манфӣ ҳаракат кардаанд, яъне шумораи докторантҳо 95 нафар, ки 27 нафарашон занҳо мебошанд, ташкил додаанд. Аз ҷумла, соли 2023 бо ҳимояи худ 7 нафар тавонистааст, комёб гардад. Таҳлилҳо дар самти дифои рисолаҳо дар шуроҳои диссертатсионии кишвар нишон медиҳанд, ки дар соли 2023 ҳимояи рисолаҳои илмӣ бештар ба бахши илмҳои тиббӣ, филологӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, педагогӣ ва техникӣ рост меоянд.

Дар низоми таълими кредитии Тоҷикистон барои омода кардани кадрҳои илмӣ, зинаи докторантураи PhD ташкил карда шудааст. Дар соли аввали таҳсил (2017) теъдоди докторанти PhD 253 нафарро ташкил дод, ки 37 нафарашон занҳо буданд. Дар соли 2023 теъдоди умумии онҳо ба 1166 нафар расид, ки 433 нафарашон занҳо мебошанд. Дар ин давра, дар муассисаҳои таълимӣ илмӣ-таҳқиқотӣ 417 нафар докторанти PhD ба қайд гирифта шуда, 310 нафари онҳо бомуваффақият таҳсилро ба анҷом расонида, 24 нафар хатмкунандагони дараҷаи илмии докторанти PhD бо дипломи дараҷаи илмӣ комёб гаштаанд. Махсусан, тақсимоти кадрҳои креатив аз рӯи соҳаи илм, дар асоси маълумоти омори расмӣ мушоҳида ва муқоиса карда шуд, ки чунин ҳолатро дорост.

Чӣ тавре аз рӯи таҳлилҳо маълум мегардад, бештари қабул дар соли 2023 аз рӯи соҳаҳои илм ба докторантҳо (PhD) мансуб дониста шуд, ки дар соҳаи иқтисодиёт 24,7% (соли 2018-23,9%), таърих 8,0% (соли 2018-8,2%), техникӣ 5,0% (соли 2018-4,3%), филология 15,0% (соли 2018-17,7%), ҳуқуқшиносӣ 8,0% (соли 2018-5,9%), биология 5,3% (соли 2018-7,2%), омӯзгорӣ 5,3% (соли

2018-3,3%), кишоварзӣ 2,0% (соли 2018-7,2%), кимиё 4,1% (соли 2018-2,6%), тиббӣ 3,1% (соли 2018-5,9%), сиёсӣ 6,0% (соли 2018-0,0%), физикаю математика 5,0%, санъатшиносӣ 2,0%, илм дар бораи замин 5,0%, фалсафа 2,2% ва дигар соҳаҳо ба монанди меъморӣ, равоншиносӣ, иҷтимоиёт, фарҳангшиносӣ ва байторӣ натиҷаи сифриро нишон доданд[20, с.128-136], [21, с.105-112], [22, с.106-113], [163, с.99-112].

Бинобар ин, вобаста ба қабул, дар соли 2023 хатмкунандагон низ дар соҳаҳои мазкур натиҷаҳои назаррасро нишон додаанд, аз ҷумла: иқтисодиёт 25,2% (соли 2018-9,3%), таърих 5,5% (соли 2018-9,3%), техникӣ 5,5% (соли 2018-1,5%), филология 17,1% (соли 2018-37,5%), ҳуқуқшиносӣ - 2,0% (соли 2018-1,5%) кишоварзӣ 2,0% (соли 2018-14,0%), фалсафа 2,0% (соли 2018-7,8%), кимиё 65% (соли 2018-0,0%), омӯзгорӣ 6,5% (соли 2018-0,0%), тиббӣ 8,1% (соли 2018-3,1%), сиёсӣ 3,0% (соли 2018-0,0%), физикаю математика 8,0%, биология 4,0%, санъатшиносӣ 1,3%, илм дар бораи замин 4,2%, ҷуғрофӣ 1,0% ва дигар соҳаҳо, ба монанди меъморӣ, равоншиносӣ, иҷтимоиёт, фарҳангшиносӣ ва байторӣ натиҷаи сифрӣ доранд, ки қабул ва хатми онҳо ба назар нарасидааст.

Дар асоси гузаронидани таҳлил ва таҳияи нишондиҳандаҳои омори расмӣ маълум мешавад, ки барои натиҷагирӣ кардани кори креативӣ гурӯҳи синнусолии олимону пажӯҳишгарон вобастагии калон дорад, ки бештари кадрҳои илмии креатив аз рӯи гурӯҳи синнусоли 40-49-сола барои докторантҳо (анъанавӣ) ва то 30-сола докторантҳо PhD бештар буда, барои аспирантон синнусоли 27-30 бештар аст[22, с.107-114], [163, с.114].

Ҳамин тариқ, дар ҷараёни таҳлили иқтидори илмию-техникӣ (ИИТ) дар сатҳи ҷумҳурӣ маълум гашт, ки дар айни замон соҳаи илмию техникӣ ба тамоюлҳои асосии инкишофи фаъолияти илмию техникӣ, сатҳи гузаронидани корҳои илмӣ, шумораи хайати кадрҳои илмӣ, самаранокӣ ва самарабахшии таҳқиқоти илмӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст. Таъкид кардан муҳим аст, ки яке аз шартҳои асосии рушди иқтисодӣ дар ҳар як давлат раванди рушди

инноватсионӣ ва технологӣ (ПИТ) мебошад. Ин раванд истифодаи технологияҳои пешрафтаро ҳавасманд мекунад ва ба рушди истеҳсоли молҳо ва хизматҳои нав мусоидат мекунад.

Бинобар ин, талабот дар бозори меҳнат аз рӯи таъминоти МТОК, ки бо кадрҳои дорои дараҷаи илмӣ: доктори илм ва номзоди илм аст, мисол шуда метавонад. Таҳлили маълумоти омори расмӣ, гувоҳӣ медиҳад, ки шумораи омӯзгорони дорои дараҷаи илмӣ дар МТОК сол аз сол дар ҳолати тағйирёбии мусбӣ қарор дорад. Чунончӣ, агар дар аввали соли таҳсили 2019-2020 шумораи умумии омӯзгорони дорои иқтидори креативӣ дар МТОК ба 11 681 нафар баробар бошад аз онҳо 25,2% номзади илм (занҳо, аз шумораи умумӣ 23,3%), доктори илм 5,4% (занҳо, аз шумораи умумӣ 2,4%)-ро ташкил додааст, ин нишондод тамоюли мусбӣ дар аввали соли таҳсили 2023-2024, ки шумораи умумии омӯзгорон ба 13 989 нафар, номзади илм 29,78% (занҳо, аз шумораи умумӣ 37,2%), доктори илм 5,6% (занҳо, аз шумораи умумӣ 2,3%) баробар буда, зиёдшавиро нишон медиҳанд.




**Расми 2.7. - Тағйирёбии талаботи МТОК бо кадрҳои дорои дараҷаи илмӣ: номзад ва доктори илм барои аввали солҳои таҳсили 2019-2020 ва 2023-2024**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [163, с.97]

Ҳангоми таҳлили маълумоти оморӣ, муқоиса карда шуд, ки давоми панҷ соли аввали таҳсил (2019/2020-2023/2024) дар МТОК шумораи дорои дараҷаи илмӣ дар мисоли номзади илм ба 1 227 нафар, 141,7%, доктори илм 151 нафар, 123,9% суръати афзоишро нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ шумораи онҳо нисбат ба соли аввали таҳсили 2019-2020 ба 1378 нафар расидааст[22, с.98; 163, с.97]. Агар ба таҳлили дар боло оварда шуда назар кунем, дидан мумкин аст, ки таъмини МТОК яъне талаботи имрӯзаи онҳо, ки зиёд шудани теъдоди олимони дорои дараҷа аст, меафзояд.

Бояд таъкид кард, ки муҳимтарин омили нишондиҳандаҳои навоварӣ ва рақобаттавонии илм ҳолати иқтидори илмӣ-техникӣ, яъне иқтидори креативии кадрҳои дорои тахассуси олию миёна ва бо таҷҳизотҳои замонаи илмӣ таъмин намудани МИТ, теъдоди кормандони илмӣ, ки ба КИТТК ҷалб шудаанд, инчунин, андозаи маблағгузорӣ дар КИТ ташаккул ва рушди иқтидори эҷодиро устувор мегардонад, маҳсуб меёбанд.

**Ҷадвали 2.14.-Нишондиҳандаҳои асосии иқтидори эҷодии соҳаи фарҳанг дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2023**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | 2023/2015, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2019 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| **Чопи китоб, маҷалла ва рӯзномаҳо** | | | | | | |
| адади китобу ҷузвҳо (воҳиди чоп) | 800 | 1600 | 1720 | 1730 | 1760 | **220,0** |
| адади нашр, млн. нусха | 1,2 | 2,5 | 3,4 | 6,5 | 6,2 | **516,7** |
| адади маҷаллаҳо ва дигар нашрияҳои даврӣ, воҳид | 39 | 79 | 64 | 82 | 73 | **187,2** |
| адади нашр, млн. нусха | 0,4 | 0,4 | 0,7 | 0,6 | 0,7 | **175,0** |
| адади рӯзномаҳо, воҳид | 88 | 199 | 232 | 240 | 240 | **272,7** |
| адади нашр, ҳазор нусха | 465,0 | 1197,0 | 1065,4 | 990,5 | 1100,9 | **236,8** |
| адади нашри солона, млн. | 31,6 | 58,3 | 43,2 | 48,0 | 43,7 | **138,3** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [28, с.182]

Аз маълумоти ҷадвали 2.14 маълум мегардад, ки суръати афзоиши мусбии чопи китоб, маҷалла ва рӯзномаҳо ба назар расидааст, ки мутаносибан ба фаъолияти фаолонаи илмӣ-техникии кормандони соҳа алоқаманд мебошад. Ҳамин тавр, дар рафти таҳқиқот таҳлил ва арзёбии ҳолат ва тамоюлҳои бахши воқеӣ ва соҳаи хизматрасонӣ бо мақсади пурра ошкор кардани сатҳ ва шумораи

аҳолии машғул аз рӯи намудҳои фаъолият гузаронида шудааст, мавриди қайд мебошад.




**Расми 2.8. - Динамикаи тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёт аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ барои солҳои 2015-2023 (бо фоиз нисбати ҷамъи умумӣ)**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [164, с.62-64]

Чӣ тавре аз расми 2.8 маълум аст, агар дар соли 2015 ҳиссаи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ ба 28,4% баробар бошад, ин нишондод соли 2023 ба 29,4%, ё ин ки 1 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Дар бахши кишоварзӣ мисли ҳарвақта шумораи зиёдро, яъне соли 2015 аз 64,9% ба 61,7%-и соли 2023 баробар карда шудааст, ки ин камшавӣ таъсири бештар ба зиёдшавии теъдоди бахши хизматрасонӣ дар соли таҳқиқшударо нишон надод.

Ҳамин тавр, лозим ба ёдоварист, ки дар илми иқтисодӣ, мулоҳизаҳое мавҷуданд, ки тибқи он байни иқтидори эҷодии қувваи корӣ ва рушди иқтисодиёти инноватсионӣ алоқамандии сифатию миқдорӣ вуҷуд дорад, ки дар айни замон алоқамандии миқдорӣ бо афзоиши талабот ба кадрҳои дорои сатҳи баланди қобилияти эҷодӣ дар бозори озоди меҳнат буда барои таъмини рушди иқтисодиёти креативӣ намоён мегардад. Инчунин, алоқамандии сифатӣ бошад, дар мадди аввал бо талаботи соҳаҳои иқтисодиёти креативӣ-инноватсионӣ, ки ба малакаву маҳорат, таҷрибаи корӣ, қобилияти созандагӣ, эҷодкорӣ, сохтори касбӣ, дараҷаи тайёрӣ ва азнавтайёркунии кадрӣ ва ҳосилнокии меҳнат, инчунин, дар дигар нишондиҳандаҳо ба назар мерасад. Дар баробари ин, таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори меҳнат, аз рӯи фаъолияти

иқтисодиёти креативӣ-инноватсионӣ ва бо истифода аз индикаторҳои мушаххас суръат мегирад.

Дар натиҷа, мо тавонистем таҳлил ва муқоисаи вобастагии сифатӣ, ки дар аксари вақт аз рӯи шумораи аҳолии дар иқтисодиёт, яъне дар бахши хизматрасонӣ машғул, аз қабилӣ: аҳолии машғул дар соҳаи тандурустӣ, аҳолии машғул дар соҳаи маориф, аҳолии машғул дар фаъолияти илмӣ-техникӣ суръат мегиранд, баробарии зеринро истифода барем:

$$\text{ЗҲТИК}_{\text{Қ.К.}} = \frac{\sum \text{ТАМТ}+\text{ТАММ}+\text{ТАМИТ}}{\text{ТАИ}} * 100\%; \qquad (2.6.)$$

дар ин ҷо $\text{ЗҲТИК}_{\text{Қ.К.}}$ зариби ҳиссиёти тағйирёбии иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста аз тағйирёбии аҳолии фаъол дар иқтисодиёт;

ТАМТ теъдоди аҳолии машғул дар соҳаи тандурустӣ;

ТАММ теъдоди аҳолии машғул дар соҳаи маориф;

ТАМИТ теъдоди аҳолии машғул дар фаъолияти илмӣ-техникӣ;

ТАИ теъдоди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол.

Илова бар ин барои муайян кардани зариби ҳиссиёти тағйирёбии теъдоди умумии ИКҚК низ ҳисоб карда мешавад:

$$\text{ЗҲТИК}_{\text{Қ.К.}}{}^{\text{ТАМ}}_{\text{ТЗМ}} = \frac{\Delta\text{ТАМ}\%}{\Delta\text{ТЗМ}\%}; \qquad (2.7.)$$

дар ин ҷо $\text{ЗҲТИК}_{\text{Қ.К.}}{}^{\text{ТАМ}}_{\text{ТЗМ}}$ зариби ҳиссиёти тағйирёбии иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста аз тағйирёбии теъдоди захираҳои меҳнатӣ;

ΔТАМ тағйирёбии теъдоди аҳолии машғул дар иқтисодиёт фаъол, бо фоиз;

ΔТЗМ тағйирёбии теъдоди захираҳои меҳнатӣ, бо фоиз;

Бо истифода аз формулаи 2.6 ва 2.7 дар ҷадвали 2.15 зариби ҳиссиёти тағйирёбии иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста аз тағйирёбии аҳолии аз

ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва тағйирёбии шумораи захираҳои меҳнатиро дар сатҳи бозори меҳнат муайян намудем.

Дар асоси таҳлил ва ҳисобкунииии ҷадвали 2.15 дидан мумкин аст, ки зариби ҳиссиёти тағйирёбии иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи захираҳои меҳнатӣ аз 1 хурд ва ба 1 баробар аст. Барои эзоҳ метавон чунин шарҳ дод, ҳангоми нишондиҳандаи зариби мазкур дар вазъи аз як хурд будан ҳиссиёти пасти динамикаи теъдоди ИКҚК дар иқтисодиёт фаъол вобаста аз динамикаи теъдоди захираҳои меҳнатӣ буда ҳангоми аз як калон будан ҳиссаи баланди шумораи ИКҚК дар иқтисодиёт фаъол вобаста аз тағйирёбии шумораи захираҳои меҳнатӣ ва рақобатпазирии онро дар бозори меҳнат ташкил медиҳанд.

**Ҷадвали 2.15.-Нишондиҳандаҳои зариби ҳиссиёти тағйирёбии ИКҚК вобаста аз тағйирёбии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва тағйирёбии шумораи захираҳои меҳнатӣ дар кишвар барои солҳои 2015-2023**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ТАМТ | | ТАММ | | ТАМИТ | | ТАМ | ТЗМ | $ЗҲТИК_{Қ.К.}$ | $ЗҲТИК_{Қ.К.}{}^{ТАМ}_{ТЗМ}$ |
| **2015** | 98,3[2] | 100,0 | 209,3[2] | 100,0 | 3704 | 100,0 | 102,3 | 103,0 | 13,08 | 0,99[1] |
| **2019** | 115,4[2] | 100,4 | 242,1[2] | 103,0 | 4505 | 114,8 | 101,5 | 102,0 | 14,7 | 0,99 |
| **2020** | 116,7[2] | 101,1 | 247,1[2] | 102,0 | 4269 | -5,23 | 101,7 | 101,2 | 14,6 | 1,0 |
| **2021** | 120,9[2] | 103,6 | 256,0[2] | 103,6 | 4446 | 104,1 | 101,2 | 101,2 | 15,0 | 1 |
| **2022** | 119,9[2] | 99,2 | 252,2[2] | 98,5 | 4496 | 101,1 | 100,4 | 102,0 | 14,8 | 0,98 |
| **2023** | 120,0[2] | 100,1 | 251,7[2] | 99,8 | 7272 | 161,7 | 103,1 | 104,1 | 14,4 | 0,99 |

**Эзоҳ**: ТАМТ-теъдоди аҳолии машғул дар соҳаи тандурустӣ (ҳаз. нафар); ТАММ-теъдоди аҳолии машғул дар соҳаи маориф (ҳаз. нафар); ТАМИТ-теъдоди аҳолии машғул дар фаъолияти илмӣ-техникӣ (нафар); ТАМ -теъдоди аҳолии машғул дар иқтисодиёт фаъол, бо фоиз**;** ТЗМ-теъдоди захираҳои меҳнатӣ, бо фоиз; $ЗҲТИК_{Қ.К.}$- зариби ҳиссиёти тағйирёбии иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста аз тағйирёбии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол; **[1]** зариби ҳиссиёти тағйирёбии иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста аз тағйирёбии теъдоди захираҳои меҳнатӣ**; [2]** ҳазор нафар;

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [28, с.81-86]

Чӣ тавре аз ҷадвали 2.15 маълум мегардад, солҳои 2020-2021 нишондоди мазкур ба як баробар буда солҳои дигари таҳқиқ аз як хурд мебошад, ки ҳиссаи пасти аҳолии машғул дар иқтисодиёт вобаста аз тағйирёбии захираҳои меҳнатиро нишон медиҳад. Воқеъан, маълум гашт, ки зариби ҳиссиёти динамикаи иқтидори эҷодии қувваи корӣ вобаста аз динамикаи аҳолии фаъол дар иқтисодиёт, яъне ҷамъӣ ҳосили се нишондиҳандаи соҳаи хизматрасонӣ: маориф, тандурустӣ ва фаъолияти илмӣ-техникӣ вобаста аз теъдоди умумии аҳолии машғул, ки дар нӯҳ

соли таҳқиқ (солҳои 2015-2023) аз 13,08% то 14,4% афзудааст, мавриди қайд мебошад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлил ва арзёбии шумораи аҳолии машғул дар бахши хизматрасонӣ ва воқеи маълум гашт, ки новобаста аз зиёдшавии шумораи аҳолии доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба солҳои қаблӣ теъдоди ками аҳолии машғул ба назар расида, ин бо сабаби зиёдшавии теъдоди бекорон ва муҳоҷирати оилавии синни аҳолии қобили меҳнат умуман қувваи корӣ қарор дошта ва пеш аз ҳама дар кишвар сини ғайриқобили меҳнат аз синни 0 то 15 сола зиёд аст, баҳогузорӣ карда мешавад.

Аз ин рӯ, коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии иқтидори креативии неруи корӣ вобаста аз тағйирёбии аҳолии фаъол дар иқтисодиёт нишон медиҳад, ки то ҳол дар кишвар шумораи бештари аҳолии машғул дар соҳаи хоҷагии қишлоқ буда тавсия дода мешавад, ки барои баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ҷалб намудани қувваи корӣ дар бахши хизматрасонӣ ва саноати коркарди маҳсулот, ки ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ба ин соҳаи мазкур аст, тақозо менамояд.

Ҳамин тавр, аз рӯи гуфтаҳои боло, маълум мегардад, ки таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори меҳнат, метавонад бо теъдоди кормандони соҳаи илм, яъне бо кадрҳои илмӣ-техникӣ (омӯзгорони дорои дараҷаи илмӣ) дар МИТ ва МТОК ва фаъолияти устувори доимии онҳо баҳогузорӣ карда шавад. Бо дарназардошти солҳои охир нисбатан кам шудани теъдод ва ҳиссаи кормандони илмӣ-таҳқиқотӣ, ин мушкилот дар тайёр кардани кадрҳои иқтисодӣ ва шуғли он барои рушди бахши хизматрасониву воқеӣ ба ҳисоб меравад, дар кишвар зарур ҳисобида мешавад:

- баланд бардоштани сатҳи маблағгузории давлатӣ ба соҳаи илм;
- такмил ва вусъат додани низоми идоракунии таълими кадрҳои илмӣ иқтисодӣ;
- баланд бардоштани самаранокии низоми истифодаи захираҳои мавҷудаи кадрӣ (таълимӣ);

- ҷалби секторҳои хусусӣ бо мақсади баланд бардоштани низоми таълим ва тайёр кардани кадрҳои илми иқтисодӣ;

- беҳтар намудани базаи моддию техникии соҳаи маориф.

Дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки тағйиротҳое, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба амал меоянд, пешрафти иҷтимоӣ ва илмию техникӣ ба низоми таҳсилоти касбӣ, аз ҷумла ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ талаботи мураккабтар ва гуногунтар доранд. Бинобар ин, дар шароити кунунии Тоҷикистон, талаботи бозори меҳнат ба малакаи илмӣ-техникӣ ва дониши тахассусии кормандони эҷодкору навовар дар заминаи иқтисодиёти креативӣ аст.

Маҳз барои ҳамин таваҷҷӯҳи бештари мамлакат дар тӯли даҳсолаҳо, дар соҳаи маориф ва илм, ки бо ҳуқуқи комил ифтихор карда метавонем. Яъне, солҳои охир барои омода кардани кадрҳои дорои дараҷаи илмӣ бо дастури бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва фаъолият карда истодааст, ки имрӯзҳо теъдоди олимону муҳаққиқони дорои дараҷаи илмӣ меафзояд. Ингуна тағйирёбӣ бояд ба олимон имкон диҳад, ки дар воқеиятҳои зудтағйирёбандаи иқтисодиёти креативӣ озодона ҳаракат кунанд ва иқтидори донишҳои илмиро ба таври креативӣ истифода баранд.

Аз ин рӯ, бояд низоми нави таълимии омодакунии кадрҳои илмӣ-техникӣ сохта шавад, ки ба таври мақсаднок сегменти бозори меҳнатро таъмин карда ба ҳалли як қатор вазифаҳои ба ҳам алоқаманд мусоидат кунад:

- ✓ иқтисод санъати бомуваффақият пешбурди истеҳсолот бо истифода аз иқтидори эҷодии неруи корӣ;
- ✓ соҳаи иҷтимоиёт дар пешгирӣ ва ҷуброни афзоиши бекорӣ;
- ✓ дурнамо-омода кардани контингенти (доираи) мутахассисони соҳибихтисос барои ташаккул ва рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт.

## Хулоса оид ба боби дуюм

1. Таҳқиқоти зербоби 2.1 имкон медиҳад, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба тараққӣ, инчунин, дорои захираи воҳидан барзиёди неруи инсонӣ дошта, тавсиф карда шавад. Таъсири омилҳои демографӣ ба вазъи ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста аз шумораи афзоиши табиии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ, инчунин, бо омилҳои моддӣ-маънавӣ мушаххас карда шуд, метавонад ба суръати афзоиши шумораи захираҳои неруи эҷодии қувваи корӣ дар бозори озоди меҳнат оварда расонад, ки бо шумораи маҷмӯи аҳолии машғул дар фаъолияти хоҷагидорӣ, арзёбӣ мегардад. Аз рӯи ҳисобҳои коэффитсиенти захираи неруи эҷодии қувваи корӣ маълум гардид, ки афзоиши шумораи захираи неруи эҷодӣ бо АТА, шумораи донишҷӯёни МТМК ва МТОК вобастагии миқдорӣ дорад ва ҳамзамон ҳолати воқеии ИКҚК таҳлил, баррасӣ ва пешниҳод карда шудааст.

2. Барои баҳо додани вазъи бозори меҳнат ба сатҳи ташаккулёбӣ ва рушди неруи креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем: якум, солҳои таҳқиқ маълум мегардонад, ки теъдоди қувваи корӣ ва аҳолии машғул дар иқтисодиёт ҳисса аз ҳисса зиёд гашта дар Тоҷикистон шумораи ками онҳо ба назар гирифта нашудааст; дуюм, индикаторҳои қиёсии бозори меҳнат маълум менамояд, ки тақсимоти теъдоди коргарони кироя дар минтақаҳои кишвар дар ҳоли тағйирёбӣ қарор дошта, зиёд шудани онҳо ба назар мерасад; сеюм, илова бар ин бояд қайд кард, ки дар шароити кунунии Тоҷикистон теъдоди зиёди нафароне, ки ғайрикироя кор мекунанд манфиатовар буда метавонад ба дараҷаи пасти бекорӣ ва баланд бардоштани дараҷаи шуғлнокӣ таъсир расонад. Бинобар ҳамин, мавриди қайд аст, ки сиёсати давлатӣ барои фаъолияти пурсамари худиштиғол, инчунин бо фаъолияти соҳибкорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ бо дарназардошти саҳми синфи креатив мусоидат мекунад, ки ин авомили такмили доимии соҳаи креативӣ мебошад.

3. Зербоби 2.3 боиси мулоҳиза аст, ки таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори меҳнат ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва самаранок

идоракунии онҳо, инчунин, муассисаҳое, ки корҳои илмӣ-техникӣ ва бо фаъолияти илмӣ машғуланд, вобаста мебошад. Дар робита ба ин, зиёд шудани теъдоди аҳолии ғайриқобили меҳнат дар соҳаи илмӣ-педагогӣ боиси тартиб додани нақшаи дурнамо оиди омодакунӣ ва ҳавасмандгардонии кадрҳои ҷавон дар самти илмӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад, аз нуктаи назар дур нест. Дар баробари ин, коэффитсиенти ҳиссаи тағйирёбии иқтидори креативии неруи корӣ вобаста аз тағйирёбии аҳолии фаъол дар иқтисодиёт маълум мекунад, ки то ҳол дар кишвар теъдоди бештари аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ машғул буда, барои баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон ҷалби қувваи корӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ва саноати коркарди маҳсулот, муфиднок аст, тавсия дода мешавад.

# БОБИ 3. РОҲҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛДИҲИИ РУШДИ ИҚТИДОРИ КРЕАТИВИИ ҚУВВАИ КОРӢ ДАР ШАРОИТИ МОДЕРНИЗАТСИЯКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

## 3.1. Рушди сармояи инсонӣ ва ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ҳамчун омили навкунии иқтисодиёт

Таҳлил ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат собит менамояд, ки авомили муҳими сатҳ ва сифати зиндагии иқтисодӣ ва иҷтимоии иқтидори эҷодии неруи корӣ ба ҷараёни нигоҳдорӣ ва идоракунии босамари захираҳои инсонӣ дар соҳаҳои фаъолияти гуногуни иқтисодӣ таъсири зиёд дорад. Агар ба вазъи солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон назар андозем, маълум мегардад, ки дар саноати кишвар танҳо таҷҳизоти кӯҳнаву фарсуда истифода мешуд.

Дарвоқеъ, мавриди қайд аст, ки дар даҳсолаи охир, бо дастури бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, иқтисодиёти мамлакат як ҷаҳиши бузургеро аз сар гузаронида истодааст, ки дар айни замон роҳи ҳалли мушкилоти маҷмӯи фаъолияти хоҷагидорӣ ба ташаккул, беҳтарсозӣ ва рушди иқтидори инсонӣ алоқаманд буда ҳамчун як сегменти иқтисодиёт метавонад, ба соҳаҳои воқеӣ-хизматрасонии мамлакат таъсир расонад.

Ҳамин тариқ, дар остонаи ҳазораи сеюми таърихи инсоният тамаддуни муосири техногенӣ ба марҳилаи баъдисаноатии рушд ворид мешавад ва мазмуни онро дар тамоми соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, бо ҷорӣ намудани навгониҳои гуногун муайян мекунад. Дар шароити иқтисоди пас аз саноатӣ ба рушди тамаддунии ҷомеаи иҷтимоию иқтисодӣ диққати махсус дода мешавад. Он ба баланд бардоштани сармояи инсонӣ ва рушди иқтидори эҷодии кормандон равона шудааст.

Дар робита ба ин, дар марҳилаи кунунии рушди Тоҷикистон ба такрористеҳсоли инкишофи сармояи инсонӣ ва рушди иқтидори эҷодии неруи корӣ диққат додан зарур аст. Дар солҳои охир санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор

дар соҳаи маориф ва илм шаҳодат медиҳад, ки теъдоди зиёди онҳо барои беҳтарсозӣ ва тамоюлҳои рушди соҳа буда ба татбиқи шаклу усулҳои нави ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, инчунин, миёнаи умумӣ, пешбарӣ мекунад.

Бинобар ин, тибқи муқаррароти "СМР-2030", авомили инкишофи сармояи инсонӣ бо хусусиятҳои зерин, мушаххас карда мешаванд: "...аввалан, аз рӯи теъдоди аҳолии доимӣ (суръати афзоиши аҳолии доимӣ); фарогирии бештари ҳиссаи аҳолии калонсоли дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ; фарогирии аҳолии машғул дар тамоми фаъолияти хоҷагидорӣ; давомнокии миёнаи умр; афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, инчунин, таъмини бехатарии фаъолияти меҳнатӣ; дуюм, аз рӯи тафриқабандии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, ба монанди: тандурустӣ, дараҷаи некӯаҳволии моддии аҳолӣ; ҳиссаи бештари сатҳи шуғл; баробарии гендерӣ; бехатарӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ; сеюм, дастгирии сатҳи зарурии инкишофи қувваи корӣ, ки ба эҳтиёҷоти бахши хизматрасонии иқтисодиёти миллӣ ҷавобгӯ буда; ташаккул ва рушди шуғли пурмаҳсули кормандон ва ҳосилнокии меҳнати қувваи корӣ бо мутахассисони баландихтисоси дорои донишҳо ва ихтисосҳои зарурӣ, яъне бо кормандони салоҳиятнок; чорум, ташаккул ва рушди равандҳои фардикунонии хидматҳо, нигоҳ доштани гуногунрангӣ ва интихоб дар соҳаи маориф ва тиб тавассути ҳавасмандгардонии рақобат ва ислоҳоти институтсионалӣ"[12, с.46-47].

Дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки рушди сармояи инсонӣ, мазмуну мундариҷаи раванди таълим, усулҳои ташкили ҷараёни таълим, тағйироти таркиби таълим дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар, ки ниёз ба беҳтарсозӣ ва тамоюли рушди соҳа дорад, бо роҳи ҳавасмандгардонӣ дар соҳаи таълим метавонад такмил ёбад. Мавриди қайд аст, ки ҳоло сухан доири такмили рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ меравад: дониш, маҳорат, навоварӣ, таҷрибаи амалии инсон ва ташаккули фарҳанг, ки ҳамчун як муҳаррики махсуси қобилиятҳо ё имкониятҳои калидӣ барои инсон дониста мешавад. Албатта дониш захираи ҷудонашавандаи ҳар як фард, ки ҳамчун натиҷаи фаъолияти креативӣ дониста мешавад. Рушди сармояи инсонии ташакули

иқтидори креативӣ, моро водор месозад, ки бо раванди таълим, технологияи таълим, сатҳи дониши махсусро баланд бардошта, равишҳои ташкилиро барои ноил шудан ба ҳадафҳои ниҳоии худ ҳамоҳанг созем. Истифодаи самаранок ва мақсадноки донишҳои такмилёфта дар бисёр ҳолатҳо сифати афзоиши тадриҷӣ ва тавсеаи рушди сармояи инсониро муайян мекунад.

Ба ин васила, метавон чунин афзалиятҳоро дар рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ аз ҳамдигар фарқ кард:

- навсозии низоми маориф ва илм, барои баланд бардоштани сифати тамоми сатҳҳои таҳсилот;
- беҳтар кардани меъёрҳои фарҳангии рафтор тавассути навсозии низоми дастгирии давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат;
- таҳкими устувории молиявӣ ва самарабахшии соҳаи маориф;
- таъмини тандурустии аҳолӣ дар заминаи беҳтар кардани сифати зиндагӣ, инчунин самаранокии хизматрасониҳои тиббию санитарӣ;
- тақвияти тадбирҳои дастгирии ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, додани пардохтҳои яквақта ба оилаҳои камбизоат дар кишвар.

Агар аз рӯи афзалиятҳои дар боло овардашуда нутқ ронем, муайян мегардад, ки ислоҳоти ҷараён ва технологияи таълим дар муассисаҳои олию миёнаи касбӣ дар ҳолати таъсир расонидан, самаранокии худро барои омода кардани кадрҳои эҷодкор мерасонад. Масоили дигари мубрамияти рӯз, ин даъвати олимон ва пажӯҳишгарони дорои дараҷаи илмӣ ҳамчун ҳамкори берунӣ мебошад, ки метавонад ба сифати таълим таъсири мусбат нарасонад, баръакс, метавонад таъсири манфӣ расонад, чунки аксари онҳо дар ҳолати зиёд будани сарборӣ дар кори асосӣ наметавонанд иштироки фаъол ба дарс дошта бошанд ва саҳми худро барои баланд бардоштани рушди сармояи инсонии донишҷӯёни муассисаҳо расонанд. Дар асоси маълумоти омори расмии соҳаи маориф бармеояд, ки соли аввали таҳсили 2019 теъдоди умумии омӯзгорони дуҷоякор дар МТОК ба 1179 нафар ё ин ки нисбати шумораи умумии омӯзгорон дар ҳамин давра 10,1% бошад, ин нишондиҳанда соли аввали таҳсили 2023 ба 1564 нафар, 11,2% ё нисбат ба

соли таҳсили 2019 ба 132,7 фоиз зиёд гардидааст. Аз ин рӯ, дар навбати сармоягузории ташаккул ва рушди соҳаи маориф, сохтори таълим, ки як муҳаррики инкишофи сармояи инсонӣ ва иқтидори он дар МТОК аст, тағйир бояд дод.

Дар робита ба ин "...барои фаъол гардонидани эҷодкорӣ, навоварии қувваи коргарӣ дар бозори меҳнат, пайвандгари илм ва истеҳсоли маҳсулоти нави саноатӣ мебошад, шароит фароҳам оварда шавад, то соҳаи креативии инноватсионӣ ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёт пайваста афзоиш ёфта, ба устувор гардонидани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар соҳаи мазкур мусоидат намояд"[10].

Таҳлил ва таҳқиқоти кори диссертатсионӣ собит менамояд, ки бештари муҳаққиқони ватанӣ оид ба масоили сармоягузорӣ ба такрористеҳсоли сармояи инсонӣ ва нақши захираҳои инсонӣ дар маҳсулнокии меҳнати корхона диққати махсус зоҳир кардаанд, аз қабили: Р.К.Раҳимов, Т.Б.Ғаниев, С.Ҷ.Комилов, Ю.Р.Юсуфбеков, Р.М.Бобоҷонов ва дигарон ба ҳисоб мераванд, ки мавриди қайд мебошад. Чӣ тавре, қайд кардем манбаъи асосии масъалаи рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ хароҷоти давлатӣ дар соҳаи маориф аст, ки имкон медиҳад захираи креативию зеҳнии қувваи корӣ ташкил дода шавад ва инкишоф ёбад. Ҳамин тариқ, дар рафти мушоҳидаҳо ва муқоисаи маълумоти омори расмӣ маълум гашт, ки афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ дар соҳаи маориф давра ба давра ҷиддияти масоили молиявии соҳаро бартараф карда, ба тағйир додани низоми маорифи кишвар шароит фароҳам меорад.

Дар робита ба ин, бояд қайд намуд, ки маблағгузории ташаккули сармояи инсонӣ ва рушди неруи эҷодӣ сармоягузории мақсаднок дар минтақаҳо ва соҳаҳое мебошад, ки ин ҷараён ба беҳтаргардонии сифати иқтидори инсонӣ, аз ҷумла сатҳи таҳсилот, рушди креативӣ ва интеллектуалӣ, солимии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ, инчунин, низоми ҳавасмандгардонӣ ва дигар ҷанбаҳое, ки ба баланд бардоштани арзиши инсон мусоидат мекунанд, равона шудааст.

**Ҷадвали 3.1.-Тағйирёбии хароҷотҳои буҷети давлатӣ барои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2023**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023[1] |
| **Хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф, млн. сомонӣ** | 2539,3 | 4338,6 | 4311,4 | 5259,9 | 6240,8 | 7110,9 |
| | *ба ҳисоби фоиз: ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД)* | | | | | |
| | 4,9 | 5,5 | 5,2 | 5,2 | 5,4 | 5,4 |
| | *нисбат ба хароҷоти буҷети давлатӣ, бо фоиз* | | | | | |
| | 15,6 | 18,2 | 17,4 | 17,9 | 17,7 | 17,2 |
| **Эзоҳ:**[1] аз рӯи маълумоти пешакӣ | | | | | | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [163, с.9]

Таҳлили ҷадвали 3.1 нишон медиҳад, ки ХБДБМ дар тағйирёбист ва ҳама шароиту имкониятҳо бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос равона шудаанд[30, с.38]. Ҳамин тавр, ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳои омори расмӣ маълум гашт, ки агар хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф соли 2015-ум 2539,3 миллион сомонӣ, нисбат ба ММД 4,9 ва нисбат ба ХБД 15,6% баробар бошад, ин нишондиҳанда соли 2023 ба 7110,9 миллион сомонӣ, нисбат ба ММД 5,4 ва нисбат ба ХБД 17,2 дарсад зиёд гаштааст[17, с.12], [24, с.335], [25, с.67], [163, с.9].

Дар асоси натиҷаҳои бадаст оварда шуда чунин ба хулоса омад, ки “...гузаштан ба иқтисодиёти эҷодӣ, ба шакли эҷодӣ-инноватсионии тараққиёт, танҳо дар сурати фароҳам овардани муҳити мусоид барои эҷодии қувваи корӣ муҳим ҳисобида мешавад. Имрӯз, раванди касбии эҷодӣ ба он нигаронида шудааст, ки чӣ гуна соҳаи иттилоотии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, дигар муассисаҳои таълимӣ ба ташаккули шахсият таъсир мерасонанд. Ин муассисаҳо якчанд вазифаҳои муҳими равонӣ доранд, аз ҷумла: а) рушди устувори неруи зеҳнӣ, эҷодӣ-инноватсионӣ, ки ба таъмин ва таҳкими вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, миёна, ибтидоӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ нигаронида шудааст; б) барои беҳтарсозӣ ва баланд бардоштани самараи фаъолияти муассисаҳои олии касбӣ фароҳам овардани шароити мусоид, ки минбаъд сафи кадрҳои дорои иқтидори креативидошта дар бозори меҳнат зиёд гашта, дар муносибатҳои иқтисодиёти бозаргонии миллӣ рақобатпазир бошанд”[30, с.38-39].

Дар ҳақиқат, дар шароити имрӯза барои баланд бардоштани рушди сармояи инсонӣ, нерӯи зеҳнӣ, эҷодӣ, ихтироъкорӣ ва умуман, навоварӣ нақши муассисаҳои таълимӣ беҳамтост. Вақте ки доир ба фароҳам овардани шароити муосид ба муассисаҳои олии касбӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисос сухан ироа намоем, бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият равишҳои гуногуни инноватсионӣ, ки ба беҳтар намудани сифати таълим равона шудаанд, амалӣ гардиданд. Ин тадбирҳо ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ буда, ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтидори креативии қувваи корӣ дар соҳаҳои гуногун мусоидат мекунанд.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳлили маълумоти оморӣ, дар давоми соли аввали таҳсили 2015-2016 теъдоди МТОК дар кишвар дар якҷоягӣ бо филиалҳои онҳо 38 ададро ташкил дод, ки шумораи донишҷӯёни онҳо ба 176,5 ҳаз. нафар баробар карда шудааст. Дар оғози соли таҳсили 2023-2024 адади муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар маҷмӯъ бо филиалҳо ба 46 адад мерасад. Шумораи донишҷӯён дар аввали соли таҳсили 2023-2024 214,4 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба аввали соли таҳсили 2015-2016 121,5% зиёд аст. Инчунин, қабули донишҷӯён ба МТОК 117,0% ва хатм 138,6% афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин тағйирёбии мазкурро дар МТМК низ дидан мумкин аст, чунончӣ, соли аввали таҳсили 2023 нисбат ба соли аввали таҳсили 2015 ҳиссаи донишҷӯён ба 130,0%, қабул 109,0% ва хатми онҳо ба 183,1% зиёд гардидааст.

Дар баробари мушоҳидаи оморӣ доир ба воҳиди муассиса ва теъдоди довталабони он маълум гардид, ки тақсимоти донишҷӯён дар самтҳои гуногуни МТОК дар нӯҳ соли охир (аз соли таҳсили 2015 то 2023) чунин арзёбӣ карда шудааст: агар дар соли таҳсили 2015-2016 шумораи донишҷӯён дар соҳаи маориф 67,7 ҳаз. нафарро ташкил дода бошад, соли таҳсили 2023-2024 ба 131,3 ҳаз. нафар, ё 193,9%, фарҳанг ва санъат 154,5%, тарбияи ҷисмонӣ дар якҷоягӣ бо соҳаи тандурустӣ 131,4% афзудааст. Аз рӯи таҳлили тағйирёбӣ, вазъ ва ҳолати шумораи донишҷӯён ва тақсимоти онҳо аз рӯи соҳаҳо дар МТМК қайд кардан бо маврид аст, ки танҳо теъдоди умумии шумораи донишҷӯён дар аввали соли таҳсили 2023-2024 ба 89,5 ҳаз. нафар ё нисбати соли таҳсили 2015-2016-ум 20 670 нафар зиёд

шуда бошад, аз рӯи якчанд соҳаҳо коҳиш ёфтани ҳисса ва теъдоди онҳо ба назар расидааст (ниг. ба расми 3.1.).

Таҳлили маълумоти омори расмӣ имкон дод, ки дар ҷумҳурӣ то ҳол тағйирёбии хатми донишҷӯён вобаста ба шумораи умумии донишҷӯён буда, дар соли таҳсили нав бо ҳамон миқдор оғоз мекунанд, чунин мебошанд: яъне дар аввали соли таҳсили 2015-2016 хатмкардагони МТОК нисбати теъдоди умумии қабули донишҷӯён дар ҳамин давра 76,6%, дар аввали соли таҳсили 2023-2024 нисбат ба соли таҳсили 2015-2016-ум 91,2 дарсадро ташкил дод ва ин натиҷаи нӯҳ соли охир (солҳои таҳсили 2015-2023), нишондиҳандаи ниҳоӣ буда эътироф карда мешавад[22, с.52,97], [26, с.57-58], [163, с.95].

Чӣ тавре, маълум гашт, дар аввали соли таҳсили 2023-2024 аз рӯи соҳаи маориф теъдоди маҷмӯи хатмкунандагон дар кишвар 25 226 нафар, 242,5% (соли таҳсили 2015-2016 10 400 нафар), санъат ва фарҳанг - соли таҳсили 2023-2024-ум 811 нафар, 202,8% (соли таҳсили 2015-2016 400 нафар), тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш - соли таҳсили 2023-2024 3 216 нафар, 128,7% (соли таҳсили 2015-2016 2 500 нафар) суръати афзоишро нишон дода бошанд, дар соҳаи иқтисодиёт - соли таҳсили 2023-2024-ум 4 992 нафар, 56,7% (соли таҳсили 2015-2016-ум 8 800 нафар), саноат ва нақлиёт - соли таҳсили 2023-2024-ум 4 011 нафар, 80,2% (соли таҳсили 2015-2016 5 000 нафар), инчунин, кишоварзӣ - соли таҳсили 2023-2024-ум 1 583 нафар, 87,9% (соли таҳсили 2015-2016 1 800 нафар), дар ҳолати коҳишёбӣ қарор дорад. Дар асоси таҳлили вазъи МТМК вобаста ба хатми донишҷӯён дар солҳои таҳқиқ муайян гашт, ки соли таҳсили 2023-2024 нисбат ба соли таҳсили 2015-2016 дар тағйирёбӣ қарор дошта 83,9 банди фоизиро ташкил дод, аз рӯӣ як қатор соҳаҳо бошад, ҳолат чунин аст: маориф - 159,3%, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш - 215,9%, саноат ва сохтмон - 100,0%, иқтисодиёт 250,0%-ро ташкил додаанд, ки ҳамасола афзоиши нишондодҳои мазкур ба чашм мерасад. Дар алоқаманди бо ин дар расми 3.1 тақсимоти донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои соҳавии муассисаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.




**а) Сохтори омодакунии донишҷӯёни МТОК аз рӯи ихтисосҳои соҳавӣ барои соли таҳсили 2015-2016, бо %**




**а) Сохтори омодакунии донишҷӯёни МТОК аз рӯи ихтисосҳои соҳавӣ барои соли таҳсили 2023-2024, бо %**




**б) Сохтори омодакунии донишҷӯёни МТМК аз рӯи ихтисосҳои соҳавӣ барои соли таҳсили 2015-2016, бо %**




**б) Сохтори омодакунии донишҷӯёни МТМК аз рӯи ихтисосҳои соҳавӣ барои соли таҳсили 2023-2024, бо %**

**Расми 3.1. - Тағйирёбии тақсимоти донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои соҳавии муассисаҳо барои солҳои таҳсили 2015-2023**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [19, с.46, 85], [163, с.52, 94]

Чӣ тавре, қайд гардидааст: “...Ҳукумати мамлакат то соли 2026 бо истифода аз тамоми имкониятҳо дар бобати ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд ва саросар соҳибкасб гардонидани аҳолӣ чораҷӯӣ намояд”[15, с.32].

Ҳамин тариқ, аз расми 3.1 бармеояд, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ сол то сол шумораи ками довталабон ва қабули онҳо аз рӯи тақсимоти соҳаҳо мушоҳида карда мешавад. Ин пеш аз ҳама бо фирори муҳоҷирони зеҳнӣ, яъне тарк кардани кишвар дар синну соли аҳолии неруи меҳнатӣ ҳаждаҳ-бисту чор сола ба назар расида истодааст.

Дар муносибат ба ин, таҳлили омори расмӣ гувоҳӣ медиҳад, ки теъдоди умумии донишҷӯёни МТОК дар синни ҳаждаҳ сола, соли таҳсили 2015-2016-ум 22,5%, соли таҳсили 2019-2020-ум 18,25%, соли таҳсили 2021-2022-юм 16,36%, соли таҳсили 2022-2023-юм 17,3% ва соли таҳсили 2023-2024-ум ба 17,8 дарсад расида, нисбати соли таҳсили 2015-2016-ум 4,7 банди фоизӣ ҳиссаи камро нисбат ба шумораи умумии донишҷӯён нишон додааст, ки ба гуфтаҳои боло метавон, арзёбӣ кард. Дар МТМК бошад соли таҳсили 2023-2024 аз шумораи умумии донишҷӯён 24,6% синни 18-сола буда, ин нишондод нисбати соли таҳсили 2015-2016 ба 0,6 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст[22, с.52,71], [163, с.50,71].

Чӣ тавре, аз Паёми 28-уми декабри соли 2024, ба мо маълум гашт “...дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 117 ҳазор нафар ҷавонони боистеъдоди мамлакат барои таҳсил ба донишгоҳҳои бонуфузи 42 кишвари пешрафтаи ҷаҳон фиристода шудаанд. Имрӯз 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд”[168].

Дар робита ба ин, имрӯзҳо дар мамлакат аҳамияти зиёд ба соҳаи маориф ба чашм мерасад, ки соли таҳсили 2023-2024 аз теъдоди маҷмӯи донишҷӯёни МТОК 43 375 нафар 20,2% донишҷӯёни ихтисоси педагогикаи умумӣ-синнусолӣ буда, қабули онҳо 9 265 нафар 20,6%, хатмкунандагон 8 181 нафар 20,0%, аз ҷумла, занон 27 325 нафар 31,4% - ро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, ПИТ омили асосии тараққиёти ҷамъият буда, ҳаракати пешравии онро дар асоси инкишофи илму

техника мебинанд. Дар робита ба ин, суръати афзоиши иқтидори баланди меҳнати креативии мутахассис комилан дар раванди таълим, такмили ихтисос ва пешравӣ дар хатти таҷриба сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, вазифаҳои креативии қувваи корӣ ҳамчун дороии мушаххасе амал мекунанд, ки дар бозори меҳнат арзиши баланд дорад.

Масоили рушди босамари захираҳои инсонӣ ва истифодаи сармояи инсонӣ ба нафъи афзоиши соҳаи доништалаб дар сохтори иқтисоди эҷодӣ-инноватсионӣ ва баҳодиҳии рақобаттавонии мамлакат бо масоили неруи эҷодӣ ва сармояи интеллектуалӣ мушаххас ва баҳогузорӣ карда мешавад. Бинобар ин, дар шароити муосир рушди сармояи инсонӣ, ки иқтидори эҷодкоронаи субъектони хоҷагидорро афзун карда, метавонад ба фаъолияти пурсамари меҳнати креативии қувваи корӣ таъсир расонад (ниг. ба расми 3.2.).




**Расми 3.2. - Ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ ва таъсири он ба инкишофи иқтидори креативии қувваи корӣ**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда

Ҳамин тавр, аз расми 3.2 робитаҳои синфии моҳияти неруи инсонӣ, такрористеҳсоли рушди сармояи инсонӣ ва неруи эҷодӣ-зеҳнии қувваи корӣ, инчунин, ҷараёнӣ идоракунии онҳо мушаххас карда шудаанд. Ташаккулёбӣ ва рушди самтҳои мазкур метавонанд, таъсири мусбӣ ба самаранокии моликияти

зеҳнӣ, ки ҳуқуқи муайянкунанда ва истиснои истифодаи натиҷаҳои фаъолияти креативӣ мебошад, расонанд.

Воқеан ҳам бояд гуфт, ки давлат дар таҷдиди сармояи инсонӣ нақши муҳим дорад, ки сиёсати танзимро тавассути санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амалӣ менамояд. Пӯшида нест, ки таҳия ва татбиқи маҷмӯи тадбирҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ, ки ба идоракунии рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудаанд, ҷанбаҳои муҳимтарини фароҳам овардани шароити беҳтарин барои баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ, рушди малакаҳои эҷодӣ ва инноватсионии он, инчунин, таҳкими рақобатпазирии бозори меҳнат мебошанд.

Бинобар ин, ба маълумоти "СМР-2030" ки дар саҳифаи 116-и кори илмӣ оварда шудааст, такя ба марҳалаи навини биниши ташаккули сармояи инсонӣ ва рушди иқтидори эҷодӣ кард, ки аз рӯи шумораи аҳолии доимӣ, таркиби он, давомнокии умр дар вақти таваллуд, теъдоди хонандагон, захоири меҳнатӣ, неруи корӣ, аҳолии дар иқтисодиёт фаъол, қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олию миёнаи касбӣ, рушди макроиқтисодӣ (дар мисоли суръати афзоиши ММД дар ҷумҳурӣ ва ба ҳар сари аҳолӣ), музди миёнаи меҳнати номиналии ҳармоҳаи корманд, даромади аҳолӣ, инчунин, дараҷаи касбомӯзии калонсолон, дараҷаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва дигар омилҳои марбутаи соҳа аст, метавон арзёбӣ кард.

Дар афкори иқтисодӣ андешаҳое вуҷуд доранд, ки вобаста ба он ҳосилноки корхона ва пурмаҳсулии аҳолӣ бо ёрии сармояи инсонии коргари креатив ба даст оварда мешавад. Аз ин рӯ, тасмим гирифтем, ки дар ҷадвали 3.2 якчанд нишондиҳандаҳои интихобшудаи омори расмӣ барои рушди сармояи инсонии коргари креатив оварда шудааст бо ёрии усули функсияи хаттии экстраполятсионӣ таҳлил ва баррасӣ намоем, ки формулаи ҳисобӣ намуди зеринро дорад:

$$P_t = (P_0 + (\Delta * t)) \quad (3.1.)$$

дар ин ҷо $P_t$-индикатори дурнамо то давраи соли 2030; $P_0$-индикатори дар соли таҳқиқӣ (соли 2023); $\Delta$-суръати

афзоиши миёнаи мутлақи солона (индикатор); t-теъдоди солҳои таҳқиқ (солҳои таҳқиқ барои стратегияи овардашуда, аз соли 2024 то соли 2030).

Таҳлили ҷадвали 3.2 имкон медиҳад, ки тамоми нишондиҳандаҳои солҳои оварда шуда хуб баҳогузорӣ карда шавад, чунки тамоюли зиёдшавиро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 3.2.-Нишондиҳандаҳо ва рақамҳои интихобшуда барои рушди дурнамои сармояи инсонии коргари креатив дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, то аввали соли 2030**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | **РДСИКК то давраи соли 2030** | |
|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2023** | $P_t = (P_0 + (\Delta * t))$ | **2030** |
| Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳазор нафар | 8551,2 | 10288,3 | $P_{2030}$ = 10288,3 + (193,01*7) | **11 639,4** |
| Мардҳо | 4329,2 | 5215,4 | $P_{2030}$ = 5215,4+(98,5*7) | **5904,9** |
| Занҳо | 4222,0 | 5072,9 | $P_{2030}$ = 5072,9+ (94,5*7) | **5734,4** |
| Дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд (миқдори сол) | 73,6 | 76,5 | $P_{2030}$ = 76,5+ (0,32*7) | **78,8** |
| ММД бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо, млн.сомонӣ | 50977,8 | 130791,5 | $P_{2030}$ = 130791,5+ (8868,2*7) | **192 868,9** |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ | 6031,7 | 12868,8 | $P_{2030}$ = 12868,8+ (759,7*7) | **18 186,7** |
| Даромади аҳолӣ, ҳамагӣ, млн.сомонӣ | 25569,8 | 120715,1 | $P_{2030}$ = 120715,1+ (10571,7*7) | **194 717** |
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии кормандон, сомонӣ; | 878,91 | 2013,11 | $P_{2030}$ = 2013,11+ (126,02*7) | **2 895,25** |
| Захираҳои меҳнатӣ, ҳазор нафар | 5111 | 5990 | $P_{2030}$ = 5990 + (97,7*7) | **6673,9** |
| Қувваи корӣ, ҳазор нафар | 2437 | 2675 | $P_{2030}$ = 2675 + (26,4*7) | **2859,8** |
| Аҳолии машғул дар иқтисодиёт, ҳазор нафар | 2380 | 2625 | $P_{2030}$ = 2625 + (27,2*7) | **2815,4** |
| Хонандагон, ҳазор нафар | 602 | 725 | $P_{2030}$ = 725 + (13,7*7) | **820,9** |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф, млн. сомонӣ | 2539,3 | 7110,9 | $P_{2030}$ = 7110,9+ (507,96*7) | **10666,62** |
| Донишҷӯёни МТОК, ҳазор нафар | 176,5 | 214,4 | $P_{2030}$ = 214,4 + (4,21*7) | **243,87** |
| Донишҷӯёни МТМК, ҳазор нафар | 68,9 | 89,6 | $P_{2030}$ = 89,6+ (2,3*7) | **105,7** |

**Сарчашма:** ҳисобкунии муаллиф дар асоси маълумоти [28], [163], [164]

Агар аз рӯи ҳисобкунии ҷадвали 3.2 ҳарф занем маълум мегардад, ки дар ҳафт соли давраи пешгӯишаванда, яъне то давраи соли 2030, шумораи доимии аҳолӣ ба 11 639,4 ҳаз. нафар (муқоиса бо “СМР-2030”-11580 ҳаз. нафар) баробар

гашта, 113,13% суръати афзоиши нисбати омори соли 2023-ро дорад, ки дигар нишондиҳандаҳо чунин арзёбӣ карда шудаанд: таркиби аҳолӣ аз рӯи ҷинс мардҳо 113,22%, занҳо 113,1%, давомнокии умри аҳолӣ аз 76,5 соли 2023 ба 78,8 соли давраи пешгӯи (муқоиса бо "СМР-2030"- 80,0 сол) баробар гашт, ки 103,0% суръати афзоиши миёнаи мутлакро дорост.

Ҳангоми таҳлили рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули иқтидори креативӣ маълум гардид, ки омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ низ тамоюли ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти хоҷагиро дорост, аз қабили: маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои амалии мутобиқи солҳо, соли дурнамо нисбати соли 2023 147,5%, ММД ба ҳар сари аҳолӣ 141,3% (муқоиса бо "СМР-2030"-195,89%) даромади аҳолӣ 161,3%, МММҲНК 143,8% афзоиш ёбад, метавонад ҳолати бозори меҳнатро низ бо зиёдшавии ҳиссаи бо шуғл фарогирии аҳолии машғул ва кам гаштани дараҷаи бекорӣ низ оварда расонад. Захираҳои меҳнатӣ аз 5990 ҳаз. нафари соли 2023 ба 6673,9 ҳаз. нафари соли 2030 баробар гашт, ки суръати афзоиши қувваи корӣ ва аҳолии машғул дар иқтисодиёт ба ҳисоби миёна ба 107,1% баробар гашта аз ҳисоби афзоиши аҳолии машғул, ки ҷадвали мазкур нишон дод, теъдоди бекорон аз 50 ҳаз. нафари соли 2023 ба 44,4 ҳаз. нафар дар соли 2030 коҳиш меёбад.

Дар бахши хизматрасонӣ низ суръати афзоишро дар мисоли хароҷоти маориф дидан мумкин, яъне соли 2030 нисбати соли 2023 ба 150,0% баробар шавад, дар ҳамон давра теъдоди хонандагон ба 820,9 ҳаз. нафар ё 113,2%, донишҷӯён дар МТОК ва МТМК ба ҳисоби миёнаи солона ба 113,74% ва 117,96% баробар аст.

Ҳамин тариқ, мо боварии комил дорем, ки дастовардҳои омории ҳисобҳои рушди сармояи инсонӣ ва ташаккули иқтидори эҷодӣ на танҳо ба рушди омилҳои шуморавии демографӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, таъсир мерасонанд, мо мехоҳем, ки чунин ҳисобҳо ба рушди минбаъдаи омилҳои сифатии индикаторҳои дар боло оварда шуда, инчунин, фарогирии устувории аҳолии фаъол дар ҳамаи намудҳои фаъолияти хоҷагидории бозори меҳнат ва рақобаттавонии неруи корӣ оварда расонад.

Дар ин мазмун пӯшида нест, ки рақобатпазирии қувваи корӣ ҳангоми идоракунии пурсамари аввалиндараҷаи давлатӣ бо мақсади шароити мусоид ва фароҳам овардани таҷҳизот ва дастгоҳҳо, илова бар ин, танзими давлатии андоз барои вусъат бахшидан ба фаъолияти соҳибкорӣ, ташкил ва таъмини қувваи корӣ бо ҷойҳои нави корӣ, ки аз рӯи ҷадвали таҳия гашта маълум аст, то аввали давраи соли 2030 теъдоди қувваи корӣ ба 2859,8 ҳаз. нафар ва аҳолии машғул 2815,4 ҳаз. нафар баробар мегардад, то ки ба дараҷаи бекорӣ таъсири манфӣ нарасонад.

Дар робита ба ин, самтҳои афзалиятноки рушди сармояи инсонӣ, ки ба ташаккули ИКҚК таъсир мерасонад, чунин баҳогузорӣ кардан мумкин аст:

- ташкили механизми самарабахши омодасозии касбии мутахассисони баландихтисос ва баланд бардоштани сатҳи тахассусии онҳо бо дарназардошти талаботи бозори муосири меҳнат;
- беҳтарсозии заминаи ҳуқуқӣ барои фароҳам овардани шароит барои такрористеҳсол ва рушди самараноки сармояи инсонӣ;
- беҳтарсозии сиёсати инноватсионӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва самаранок истифодаи воситаҳои рушди нававарии сармояи инсонӣ бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ;
- баланд бардоштани аҳамияти муколамаи иҷтимоӣ ва шарикии иҷтимоӣ;
- рушд ва ташаккули модели нави фаъолияти меҳнатӣ, ки ба рушди шаклҳо ва намудҳои креативии шуғл асос ёфтааст;
- танзими давлатии омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ;
- паҳншавии васеи муҳити мусоиди ниҳодӣ ва татбиқи барномаҳои инноватсионии рушди иқтидори инсонӣ;
- танзими давлатӣ дар соҳаи тайёр кардани мутахассисон аз рӯи самтҳои санъати тасвирӣ, санъати мусиқӣ, санъати саҳнавӣ ва экранӣ, санъати ороиши амалӣ, эҷодиёти халқӣ ва дизайн дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ.

Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки татбиқи муқаррароти пешниҳодшуда метавонад ба баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ, ки сарчашмаи асосии

рушди неруи эҷодии қувваи корӣ ва баланд бардоштани рақобаттавонии бозори озоди меҳнат мебошад, мусоидат намояд. Маҳз аз ҳамин сабаб аҳамияти баланд бардоштани сармояи инсонӣ дар марҳалаи рушди устувори иқтисодиёти эҷодӣ, истифодаи равишҳои нави баҳодиҳӣ, ки рушд ва ташаккули онро талаб менамояд, бо маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ арзёбӣ карда мешавад. Омили инсонӣ дар шароити баъдисаноатикунонии иқтисодиёт ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ баромад мекунад. Дар асоси гуфтаҳои боло ва усули эмперикию экстраполятсионӣ дақиқ карда шудаанд, ки дар рушди сармояи инсонӣ ва ташаккулёбии ИКҚК самти идоракунии пурсамари қувваи корӣ, аҳолии машғул дар иқтисодиёт нақши давлатӣ ниҳоят муҳим дониста шуда бо танзими сиёсати иқтисодии худ метавонад пеши роҳи бекорӣ ва сатҳи камбизоатӣ гардад, ки то як андоза дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ хуб гашта, ҳосилнокии корхона ва даромаднокии аҳолӣ қаноаткунандаи эҳтиёҷоти худ бошанд.

## 3.2. Таҳсилоти креативӣ ва таъсири он ба рушди рақобатпазирии иқтидори меҳнатӣ

Нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи нави ҷаҳонишавӣ, ки суръати баланди рушди иқтисодиро дар асоси ташаккули фаъолияти эҷодкоронаи қувваи корӣ ва бештари маблағгузорӣ мебинад, ифода мегардад. Рушди босуръати иқтисодии кишвар дар заминаи ташаккули низоми таҳсилоти креативӣ, ки ба баланд шудани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад, арзёбӣ карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонуну қарорҳо[1], [2], [3], [4], [5], [6], [7]қабул ва мавриди амал қарор доранд, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии кадрҳои дорои неруи эҷодӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла: “...эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ, баланд бардории завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, ҷустуҷӯи чеҳраҳои нави сухандону суханвар, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, рушди иқтидори креативӣ, беҳтарсозии захираи луғавӣ, арзишҳои равонӣ, ки мардуми кишварро муттаҳид мекунанд, ба монанди тарбиягирандагон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, унвонҷӯён, докторантҳо) калонсолон ва намояндагони касбу кори мухталиф (омӯзгорони ҳамаи сатҳи таҳсилот, кормандони фарҳангу санъат ва дигар таркиби аҳолии мамлакат)”.

Дар айни замон таваҷҷӯҳи бештар ба инкишоф додани қобилияти креативии талабагон, донишҷӯён, унвонҷӯён ва кормандони соҳаи илмӣ-техникӣ аст, ки яке аз кафолатҳои асосии муваффақияти ҳар як инсон, захираи меҳнатӣ ва қувваи корӣ дар ҷомеаи муосир, иқтидори инсонӣ мебошад. Зеро тафаккури эҷодӣ қодир аст, роҳҳои ғайримуқаррарии ҳалли мушкилотро пайдо кунад ва аз қолабҳои маъмулӣ берун равад. Ин ба шахс имкон медиҳад, ки дониши назариявӣ ва таҷрибаи амалии худро самараноктар истифода барад, ки ба пешбурди ҷомеа, илм ва фарҳанг саҳми васеътар гузоранд.

Шароити муосир гувоҳи он аст, ки имрӯзҳо мафҳумҳои “фаъолияти креативӣ”, “иқтидори креативӣ”, “таҳсилоти креативӣ” дар тафаккури илмӣ васеъ истифода шуда, моҳияти хеле мушаххас дорад.

“Таҳсилоти креативӣ - таълимест, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодии шахс, дар тафаккури касбии ӯ мустаҳкам намудани муносибат ба навоварӣ, аз ҷумла таҳлили мушкилот ва роҳҳои имконпазири фаъолият нигаронида шудааст”[64]. Ҳамчунин, гуфтан бамаврид аст, ки таҳсилоти креативӣ ба дарки мустақилонаи воқеият, худшиносии шахсият, табдил додани дониш ба иқтидори тафаккур ва рушди худ мебошад.

Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки унсурҳо ва нишонаҳои таҳсилоти креативӣ: ташкил, технология ва методикаи раванди таълим дар МТОК, метавонад ба сифати таҳсилоти креативӣ дар низоми маорифи ҷумҳурӣ таъсири худро расонад (ниг. ба расми 3.3.).




**Расми 3.3. - Унсурҳои баландбардории сифати таҳсилоти креативӣ дар низоми маорифи ҷумҳурӣ**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси маълумоти [64]

Дар асоси расми 3.3 бояд қайд кард, ки таҳсилоти креативӣ дар Тоҷикистон мавқеи худро ҳамчун як намуди инноватсионии таълим мустаҳкам карда истодааст. Ин соҳаи дониш ҷанбаҳои гуногуни марбут ба рушди тафаккури эҷодӣ, инкишофи захираҳои инсонӣ, ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли инноватсионии вазифаҳои муҳимро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дар солҳои охир дар кишвар ба омӯзиши касбии кадрҳо, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ дар корхонаҳо ва ташкилотҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ диққати бештар дода мешавад.

Ҳамин тавр, таҳлили вазъи омодакунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ дар байни солҳои 2015 ва 2020 нишон медиҳад, ки ҳар сол беҳбудӣ ба назар мерасад. Дар соли 2020 нисбат ба соли 2015

шумораи кормандоне, ки аз такмили ихтисос, тайёрии касбӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар гузаштаанд, 13 225 нафар зиёд шуда, 160,4%-ро ташкил медиҳад. Аз рӯи якчанд сохтори он бошад, аз ҷумла: занон 0,95%, ҷавонони то 30 сола 34,1%, коргарон 16,1%, хизматчиён 10,7%, мутахассисон 15,1 дарсад тағйирёбии манфӣ низ мушоҳида карда шуд, ки ин албатта ташвишовар аст[18, с.155], [164, с.153].




**Расми 3.4. - Сохтори омодагии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ аз рӯи як қатор соҳаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ барои солҳои 2015-2020 (бо %)**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [164, с.153]

Тавре аз расми 3.4 дида мешавад, дар кишвар ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори эҷодии қувваи корӣ тавассути таълими касбӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаҳосилкунӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ сурат мегирад, аммо дар як қатор дигар соҳаҳо ин кор чандон хуб ба роҳ монда нашудааст, ки боиси нигаронӣ мегардад. Ҳамин тавр, таҳлили расми сохтори дар боло оварда шуда нишон медиҳад, ки соли 2020 ҳиссаи бештар ба соҳаи тандурустӣ 11,2%, маориф 65%, саноат 6,3%, кишоварзӣ 1%-ро нисбат аз теъдоди умумӣ ташкил дода бошад, аз ҳама ҳолати нигарон дар соҳаҳои сохтмон, савдо, нақлиёт ва алоқа, ки аз як ҳисса низ поён мебошанд.

Вобаста аз таҳлили гузаронидашуда доир ба тайёрии касбии кадрҳо, баланд бардоштани тахассусҳо ва таҷрибаҳосилкунӣ, бояд қайд кард, ки тайёркунӣ ва азнавтайёркунии мутахассисон барои инкишофи вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии

аҳолии машғул дар фаъолияти иқтисодӣ муҳим ҳисобида мешавад. Бинобар ин, барои иштирок, назорат ва шароити фарогирии мутахассисон дар ин раванди таҳсилот корхонаҳо, институтҳо, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло ва аз мушоҳидаю муқоисакунии маълумоти омори расмӣ дар заминаи тайёр кардани кадрҳои эҷодкор дар бозори меҳнат, аз нигоҳи мо чунин чораҳо зарур ҳисобида мешавад:

- такмили курсҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамӯҳлат доир ба тайёркунӣ ва азнавтайёркунии таҳсилоти касбии бекорон, муҳоҷирони баргашта бо мусоидати Хадамоти шуғли аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар;
- ташкил ва ҳавасмандгардонии раванди ҷалби ҷавонони то 18-сола барои ба даст овардани малакаҳои касбӣ бо назардошти дархостҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт. Таҳияи усулҳои таълими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- ҷалби донорҳои хориҷӣ бо мақсади таҳсилоти калонсолон дар тамоми фаъолияти ташкилот ва сохторҳои амалкунанда дар иқтисоди миллӣ (диққати бештар на ба миқдори тайёркунии мутахассис балки сифат низ ба инобат гирифта шавад);
- ташкил, амалӣ ва роҳҳои такмили тайёркунӣ ва азнавтайёркунии таҳсилоти касбии занҳои хонашин аз рӯи ихтисосҳои барои шуғли инфиродӣ зарур буда.

Таъсис ва роҳҳои беҳтарсозӣ, омодагии касбии неруи корӣ эҳтимолияти рушди эҷодкорӣ ва таъмини ҷойҳои корӣ, ба эътидол овардани шуғли инфиродӣ ва ба шуғли самараноки ин гурӯҳи синфи эҷодӣ оварда мерасонад.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки новобаста аз тайёрии касбии кадрҳо дар корхонаву ташкилотҳо, дар мамлакат ва манотиқи он имрӯз низоми хуб инкишофёфтаи таҳсилоти касбии бекорон мавҷуд аст. Ин тавассути Хадамоти шуғли аҳолӣ, ки ба тайёр кардани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат мусоидат мекунанд, ба даст оварда мешавад.

**Ҷадвали 3.3.-Динамикаи таҳсилоти касбии бекорон бо мусоидати Хадамоти шуғли аҳолӣ барои солҳои 2015-2023 (нафар)**

| Солҳо | Ҳамагӣ таҳсил карданд | аз ҷумла | | занон нисбати шумораи умумӣ, бо фоиз | ҷавонони то синни 29-сола нисбати шумораи умумӣ, бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Занон | ҷавонони то синни 29-сола | | |
| **2015** | 18397 | 13532 | 12130 | 73,6 | 65,93 |
| **2019** | 17900 | 14105 | 10878 | 78,8 | 60,77 |
| **2020** | 17958 | 13362 | 10457 | 74,4 | 58,23 |
| **2021** | 21207 | 15870 | 10964 | 74,1 | 51,69 |
| **2022** | 22384 | 19718 | 12379 | 88,1 | 55,30 |
| **2023** | 20700 | 15362 | 10172 | 74,2 | 49,14 |
| **2023/2015, бо %** | **112,5** | **113,5** | **83,9** | **0,6 б.ф.** | **-16,8 б.ф.** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [164, с.155]

Таҳлили маълумоти ҷадвали 3.3 собит менамояд, ки ҳамагии таҳсил кардагони шумораи бекорон дар соли 2023 нисбати соли 2015 ба 112,5%, занон - 113,5% суръати афзоишро дошта бошад, ҷавонони то синни 29-сола 83,9 дарсад коҳиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти расмии оморӣ, ҳолати қиёсии таҳсилоти бекорон дар ҷумҳурӣ нисбати теъдоди бекорони расмӣ, ки динамикаи мусбат ба назар мерасад чунин мебошад, яъне дар соли 2015 ин нишондиҳанда 36,0%-и шумораи умумии бекорони ба қайд гирифташударо ташкил медод, пас ин нишондод соли 2023 ба 42,8%, занон аз 26,5 фоизи соли 2015 ба 31,8 фоизи соли 2023 суръати афзоиши мусбӣ дошта бошад, танҳо дар ҷавонони то синни 29-сола коста шавии нишондиҳандаи мазкур ба вуҷуд омадааст[164, с.155].

Албатта, вазифаи аввалиндараҷаи кишвар ба рушди ин самт дар ташаббуси соҳаи маориф оид ба рушди таҳсилоти олии креативӣ, ки ташаккули шахсияти эҷодкор ва ба воя расонидани ҷавонони ихтироъкор ҳамчунин навоваронеро, ки қобилияти рушди пайвастаи эҷодӣ ва худтакмилдиҳӣ доранд, равона карда шудааст.

Дар ин росто, бояд ба ин гуфтаҳо таваҷҷӯҳ кард: “Давлатро кӣ обод мекунад? Ватанро кӣ обод мекунад? Мутахассис. Мо бояд меъмору ихтироъкор ва кадрҳои донишманди сатҳи байналмилалӣ тарбия кунем”[16, с.9].

Маҳз барои ҳамин, имрӯзҳо нақши сармоягузории мустақими хориҷӣ барои тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ ва таҷрибаҳосилкунии касбӣ муҳим ҳисобида шуда, таъсири худро барои такмил додани салоҳиятнокӣ ва иқтидори креативии шахс оварда мерасонад. Маълумотҳои омори расмӣ нишон медиҳад, ки тайи солҳои охир дар ҷумҳурӣ бештари сармояи мустақими хориҷӣ ба самти таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти гимназиявӣ, таҳсилот барои калонсолон ва ҳаргуна таҳсилот, таҳсилот барои калонсолон ва таҳсилоте, ки ба дигар категорияҳо дохил карда нашудааст, фаъолият оид ба ҳифзи саломатии инсон ва таҳсилоти олӣ равона карда шудааст ва бештари сармоягузории мустақими хориҷӣ ба самти таҳсилоти олӣ рост меояд. Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки соли 2019 ва то аввали соли 2020 ҳаҷми умумии сармоягузории мустақими хориҷӣ ба таҳсилоти олӣ, ба 88 226,3 ҳазор доллар баробар карда шуда бошад ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 89 692,3 ҳазор доллар баробар гардидааст. Инчунин, дар давоми сол, (соли 2021 ба 90 865,3 ҳазор доллар) баробар гаштааст, ки нисбат ба солҳои қаблӣ (яъне нисбати соли 2017, то аввали сол, андӯхтшуда - 5,7 маротиба ва дар давоми сол, воридшуда - 103,2%) суръати афзоишро дорад[23, с.253], [24, с.262-263], [25, с.389], [26, с.244], [28, с.244].

Яке аз ҳадафҳои асосии рушди инноватсионӣ, ин фароҳам овардани шароит барои ташаккули салоҳиятҳои зерини фаъолияти инноватсионӣ дар байни шаҳрвандон ба ҳисоб мерафт[11]: 1) қобилият ва омодагӣ ба таҳсилоти муттасил, такмили доимӣ, бозомӯзӣ ва худидоракунии ҳаракати касбӣ, саъй кардан ба чизи нав; 2) қобилияти тафаккури танқидӣ; 3) қобилият ва омодагӣ ба таваккалии оқилона, креативӣ ва соҳибкорӣ, қобилияти мустақилона кор кардан, омодагӣ ба кор дар як даста ва дар муҳити шадидии рақобат; 4) донистани забонҳои хориҷӣ, ки қобилияти озоди муоширати ҳаррӯзаи корӣ ва касбиро дар назар дорад.

Таҳсилоти креативӣ ба рушди қобилиятҳои эҷодии шахс дар тафаккури касбии ӯ мустаҳкам намудани муносибат ба навоварӣ тавассути табдил додани дониш ва маҳорат ба нерӯи рушд нигаронида шудааст. Ин илм ва санъати омӯзиши эҷодӣ аст. Таҳсилоти креативӣ доираи назари проблемаҳои тараққиёт ва тартиб додани вариантҳои ҳалли онҳоро васеъ мекунад. Дар идома, ин бояд

мақсади аввалиндарачаи фаъолияти муҳаққиқии муосир чизи асосӣ бошад ва натиҷаи ӯро дар муборизаи рақобат бо тағйирёбии вазъи фаъолияти хоҷагӣ дар раванди тезонидани ПИТ дар шароити модернизатсиякунонии иқтисодиёт таъмин намояд.

Ҳамин тавр, таълими эҷодӣ як равиши муосир ва ҳамаҷонибаи омӯзиш аст, ки такя ба дарсҳои амалӣ карда, дар шакли ҳалли масоили воқеии касбӣ, таҳлил ва тағйирёбии вазъияти муайян, фаъолияти муштараки гурӯҳи таълимӣ, ки бо кори инфиродӣ амалӣ карда мешавад. Ин таҳсилоти креативии фундаменталӣ, баландтехнологӣ, ояндадори амалӣ (пешбар), тағйирёбандаи инфиродӣ дар асоси лоиҳавӣ, ки барои баланд бардоштани иқтидори креативии таҳқиқотии як навовари муоссирро муттаҳид мекунад, ифода мегардад. Таҳсилоти креативӣ ба ҳалли мушкилоти омодагии касбии мутахассисоне, ки таъсир ба рақобатпазирии бозори меҳнат мерасонанд ва қодиранд суръати афзоиши натиҷаҳои инноватсионии худро дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар муайян кунанд.

Дар робита ба ин, бояд таъкид кард, ки аҳолии дорои қобилият ва маълумоти олӣ дар шароити глобалии иқтисодиёти креативӣ набояд бо дониши соҳаи муайяни техникаю технология, методҳои таъсиси меҳнат, истеҳсолот ва идоракунии кори эҷодии худ баста шаванд. Зеро, онҳо бояд иқтидори эҷодӣ ва созандагии худро барои истеҳсол ва хизматрасонии инноватсионӣ, ки самараи фаъолияти эҷодӣ аст, дар ҷараёни фаъолияти худ дошта бошанд ва дар раванди навоварӣ истифода бурда, инкишоф диҳанд.

Бинобар ин, таҳсилоти эҷодӣ ба рушди қобилияти созандагӣ ва мотиватсионии креативии донишҷӯёни МТОК ва МТМК бо ёрии истифодаи методҳои мухталифи таълим, аз ҷумла принсипҳои ҳалли масъалаҳо ва муттасилӣ, таъмини таносуби зарурии назария ва амалия нигаронида шудааст. Дар баробари ин, майлу хоҳиши донишҷӯён, ки бо ақидаи коршиносон асоснок ва санҷида шудааст, бояд дар ташаккул ва рушди барномаҳои таълимӣ, албатта пас аз баҳси ҳаматарафаи онҳо ба инобат гирифта шавад, инчунин, барои ташкили муҳити таҳсилоти эҷодӣ, як қатор принсипҳоро ба назар гирифтан лозим аст, ки аз инҳо иборат мебошанд[60, с.30-35]:

1) таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа ба дастгирии ҳавасмандгардонии раванди таълим ва худомӯзӣ;

2) зудтар васеъ намудани доираи мустақилияти донишҷӯён ва кам кардани ҳиссаи роҳнамоии педагогӣ ба онҳо;

3) такя ба равандҳои рушди худшиносӣ ва фардикунонии таҳсилот;

4) таъмини донишҷӯён дар ҷараёни таълим, ки нақши мушаххасро қабул намоянд: омӯзонидани усулҳои оқилонаи фаъолияти таълимӣ ва худ аз худ намудани дониш;

5) дастури донишҷӯ барои таҳлилу муқоисаи натиҷаҳо ва дастовардҳои худ;

6) самти пешбарандаи эҷодӣ дар омӯзиш ва муаррифӣ;

7) фаъол намудани фаъолияти муштараки донишҷӯён;

8) тамаркуз ба ноил шудан ба мақсадҳои мушаххаси таълимӣ ва аз худ намудани амалҳои мушаххас.

Принсипҳое, ки дар боло қайд кардем, албатта бо сифатҳои мутахассисони баландихтисоси МТОК-и имрӯза, метавонад такмил ёбад. Чӣ тавре, аз вазифаҳои Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълум аст[13]: “...таҳсилоти олии махсус дар мадди аввал, ба донишҷӯ, зеҳни инсонӣ, сифатҳои олии инсонӣ, дониши конкретӣ, тафаккури креативӣ, маҳорати махсуси истеҳсолӣ, маҳорати роҳбариро дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодӣ мебахшанд, мусоидат мекунад. Самтҳои тавсифшуда на фақат барои муайян кардани кӯдакону наврасони лаёқатманд, балки ба муайян кардани ҳудуди он равона карда шудаанд, ки донишҷӯён дар доираи он ба таври креативӣ фикр карда метавонанд, инчунин муайян кардани он, ки чӣ гуна ин қобилият бо хусусиятҳои раванди таълим, бо амалияҳои таълимӣ, фаъолияти таълимӣ ва дигар хусусиятҳои низомҳои ҳозираи таълим мувофиқат мекунад”, арзёбӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки хоҳиши дониш барои ҳар яки мо ниёзи асосӣ аст. Мо ин ниёзро ҳамеша ва бештар аз ҳама чиз эҳсос кунем. Маҳз барои ҳамин, таҳсилоти креативӣ ҳамчун васоити мубрами омода кунии кадрҳои касбии созандаю эҷодӣ ва тарбияи кадрҳои ҷавон, ки шарти ҷудонашавандаи ташаккулёбӣ ва рушди сармояи инсонӣ мебошад. Ғайр аз он, барои ҳар як шахс,

мувофиқи эҳтиёҷоти психологӣ, иҷтимоӣ ва интеллектуалии худ малакаҳои мушаххас ва донишҳои касбии азхуд карданро бо беҳтарин имкониятҳо фароҳам меорад.

Бинобар ин, барои инкишофи шаклҳои креативӣ тафаккури индивидуалии иқтисодӣ, пеш аз ҳама аз самти “аз нав интиқолдиҳии иттилоот” ба самти “инноватсиони” - и таълим гузаштани стратегиро ба амал баровардан лозим аст, ки принсипҳои он аз нуктаи назари профессор С.Ҷ.Комилов чунинанд[75]:

- ташаккули малакаи моделсозии инфиродии падидаҳо ва ҷараёнҳо;
- омӯхтани ҳалли мақсадҳои ғайристандартӣ, ки ҷустуҷӯи мустақилонаи иттилоотии иловагӣ, таҳияи равишҳои нави таҳлили вазъияти мушкилотиро дар бар мегиранд ва ба ташаккули мунтазами объектҳои таҳқиқот мусоидат мекунанд;
- таҳия ва ташаккули хулосабарории малакаҳои мантиқӣ ва инфиродии мафҳум ва таърифҳо;
- мустақилона азхуд ва ташкил кардани асосҳои муҳими таснифҳо ва типологияҳо.

Дар натиҷаи баррасии принсипҳои пешниҳодшуда, олими тоҷик, профессор С.Ҷ.Комилов ҳамчунин иброз намудаанд, ки “... шуури иқтисодиёти креативӣ ин низоми ақидаҳо, намунаҳо, муносибатҳо, ҷобаҷогузорӣ ва мулоҳизаҳоест, ки ба воситаи он фард донишҳои навро дар соҳаи амалияи иқтисодии худ инкишоф медиҳад. Субъекти фаъолият ҳангоми қабул ва коркарди маълумот онро ба шароити муайяни муҳити беруна мутобиқ месозад, амиқ ва умумӣ мекунад, такмил медиҳад ва месанҷад. Ҳамин тавр, шуури инсонӣ барои рушди сифати иттилооте, ки аз берун меояд, дар заминаи он мушкилоте, ки ҳалли худро аз одам талаб мекунад, миқдори муайяни энергияро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, шуури креативӣ мукаммал аст, зеро бе эҷодкорӣ вай инкишофи пурра ва қонеъ гардондани талаботи инсонро таъмин карда наметавонад”[74, с.15].

Дар ташкили таҳсилоти креативӣ омили муҳим, ин тағйир додани мазмуни таълим, мазмуни нави он ва аз тазаккури оммави ба фаъолияти фаъол гузаштан

мебошад, ки имкон медиҳад барои ошкор ва ташаккули фарди эҷодии мутахассиси оянда шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад. Дар натиҷаи таҳқиқ маълум гашт, ки аксари олимони соҳа якчанд муносибатҳои раванди таълимро муайян кардаанд, ки инҳоро дарбар мегирад[90, с.356-359]: 1) муносибати маърифатӣ ба тафаккури донишҷӯён таъсир мерасонад, то дар онҳо қиёфаи устувор ба вуҷуд ояд, ки минбаъд онҳоро ҳамчун намуна истифода бурдан мумкин аст; 2) рафтори фаъолият ба донишҷӯён дар дастрасии дониш мусоидат мекунад; 3) фаъолияти фард, хусусиятҳои шахсии дараҷаи бештари донишҷӯёнро ба назар мегирад; 4) муносибати сохторию функсионалӣ таъсири омилҳои гуногуни муҳити зистро ба натиҷаҳои кори донишҷӯ ба назар мегирад; 5) муносибатҳои салоҳиятнокӣ ташаккули рафтори мунтазам ба азхудкунӣ, ташаккул ва рушди салоҳиятҳои дахлдорро дар илмҷӯ мутобиқи тақозои замон ва иқтисоди бозоргонӣ дар назар дошта, инчунин, иқтидори ҳалли ҳамагуна ҳолатҳои сатҳи баландро босамар ташаккул медиҳад; 6) муносибати фарҳангшиносӣ ба асоси раванди таълим ҷузъи психоэмосионалиро медиҳад; 7) тақсимоти фардикунонӣ ба эътирофи шахсияти хонанда ҳамчун омили асосии омӯзиш асос меёбад.

Модернизатсияи таълими инноватсионӣ, ки натиҷаи маҳсули кори креативӣ ба ҳисоб меравад, имрӯзҳо тақозои замон аст, бинобар ин, барои татбиқи бозомӯзии ҳамаҷонибаи донишҷӯён дар равандҳои таълими инноватсионӣ шароити зарурирo фароҳам меоранд. Таҳсилоти креативӣ қодир аст, ки донишҳои навро барои истифода дар фаъолияти иқтисодиёти бозоргонӣ (амали ҳама гуна фаъолияти иқтисодии фаъол) интиқол диҳад (ниг. ба расми 3.5.).




**Расми 3.5. - Унсурҳои ташкилӣ ва натиҷаҳои таҳсилоти креативии иқтисодӣ**
**Сарчашма:** коркарди муаллиф дар асоси назарияҳои омӯхташуда

Дар низоми маорифи кишвари мо зарур аст, дониш ва малакаҳои муосир ҷорӣ карда шаванд, ки ба мутахассисони оянда имкон медиҳанд, то ки бо мушкилоти дар назди иқтисодиёт, истеҳсолот ва ҷомеа қарордошта бомуваффақият мубориза баранд.

Тавре сухан рондем, дар шароити нави иқтисодиёти дониш, таҳсилоти эҷодӣ, қобилияти эҷодии шахс, баъдан инноватсия ва технологияҳои олӣ омили асосии истеҳсолот ва хизматрасонии эҷодӣ гардида, имкон медиҳанд, ки даромади зеҳнӣ зиёд ба даст оварда шавад ва тавассути афзоиши арзиши иловашуда ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат кунад.

Аз ин рӯ, сухан дар бораи нақши рӯзафзуни дониш дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва имкониятҳои неруи эҷодии қувваи корӣ меравад, гуфтан бамаврид аст, ки шахсони дониши мукаммал дошта, ки дар амал татбиққунанда мебошанд, хуб баҳогузорӣ карда шаванд. Аз ин рӯ, дониш ба неъмати иқтисодӣ баробар карда мешавад, ки он барои қонеъ гардонидани талаботи одамон ба рушд пешбинӣ шудааст.

Чӣ тавре олими рус Е.В.Конова дар кори илмии худ иброз доштааст, "...барои амалӣ намудани имкониятҳои муҳити креативии таълими донишгоҳ, фаъолияти он бояд ба принсипҳои зерин асос ёбад: якум, демократикунонӣ, ки мустақилияти муассисаҳои таълимиро дар интихоби дурнамои рушд, ҳадаф, мазмун ва методҳои кори онҳо, мустақилияти ҳуқуқӣ, молиявию иқтисодии онҳо, озод намудани муносибатҳои педагогӣ, иваз кардани мафҳуми ин муносибатҳо, гузаштан аз низоми тобеъият ё мухолифат ба низоми робитаи омӯзгор ва донишҷӯ, инчунин, омӯзгор ва роҳбарро дар назар дорад; дуюм, минтақавӣ, яъне барои донишгоҳ бо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои интихоби стратегияи рушди худ, барномаи таълимии худро мутобиқи хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, демократӣ ва миллии ҳудудии махсусро муайян кардан лозим аст; сеюм, ошкорбаёнӣ, яъне дарки афзалияти арзишҳои умумибашарӣ нисбат ба арзишҳои синфӣ ва гурӯҳӣ; чорум, инсондӯстӣ, яъне эҳтиром ба шахсияти донишҷӯ, шаъну эътибори ӯ, боварӣ ба ӯ, қабули мақсад, дархост ва манфиатҳои шахсии ӯ ба назар гирифта шаванд; панҷум, давомнокии таълим, ки пайдарпайии зинаҳои таълимро дар ҳаракати бисёрҷанбаи фазои таълим таъмин менамояд"[76, с.21].

Ҳамин тариқ, барои ташаккул ва рушди салоҳияти касбӣ ва босамарии иқтидори эҷодии қувваи корӣ, барои ҳар як донишҷӯ ва хонанда бояд раванди дурусти таъсиси таҳсилоти креативӣ ба роҳ монда шавад, ки як қатор хусусиятҳои фарққунандаи таҳсилоти эҷодӣ инҳо шуда метавонанд:

якум, ташаккулёбӣ ва рушди таҷрибаи фардии донишҷӯён дар креативии маҳсулоти нави таълимӣ барои донишҷӯ, ки ба таҳияи стратегияи рушд, тарҳрезии оянда нигаронида шудааст. Аз ин лиҳоз, таълими проблемавӣ, ки ҳамчун як намуди таҳсилоти креативӣ ба ҳисоб меравад, бо ҳалли вазифаҳои

таълимии маърифатӣ аз ҷониби донишҷӯён алоқаманд аст, ки дар он унсурҳои креативӣ мавҷуданд. Масалан, ҳалли вазифаҳои эҷодӣ, ки як роҳи ҳалли ё як роҳи ба даст овардани натиҷаро дар бар намегирад. Таҳсилоти креативӣ бо ноил шудан ба натиҷаи номаълум ё раванди он алоқаманд аст[98, с.152-153];

дуюм, бояд ба фаъолияти креативии донишҷӯён қобилияти пешакии амал кардан аз рӯи намуна алоқаманд набошад ва метавонад ба фаъолияти тазаккур ва ба раванди эҷодкорӣ таъсири манфӣ расонад. Пеш аз ҳама, муҳим аст, ки донишҷӯён малакаҳои тафаккури умумиро азхуд кунанд. Ин қобилияти эҷодкорона фикр кардан, тавлиди ғояҳо, рушди тафаккури мантиқӣ ва мутобиқ шудан ба шароити нав, аз ҷумла даст кашидан аз дониши қаблии худро дар бар гирад. Аз ин лиҳоз, марҳилаи муосир талаби даст кашидан аз раванди интиқоли дониш ва иттилооти омодаро дорад;

сеюм, дар соҳаи таҳсилоти креативӣ яке аз вазифаҳои асосии донишгоҳҳо ташаккули ҳавасмандгардонии донишҷӯён ба амалӣ намудани фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ равона карда шудааст. Дар ҷараёни таълим бояд на ба омӯзиши дубораи иттилоот, балки ба таҳқиқи объектҳо, ҳолатҳо ва рӯйдодҳои воқеӣ, яъне ба объектҳои таълимии таҳқиқот бештар диққат дода шавад;

чорум, ҳамчунин, дар заминаи нави техникӣ (рақамикунонӣ), ки принсипи муошироти байнишахсӣ ва робитаи бевоситаи омӯзгор бо донишҷӯро пурзӯр мекунад, таваҷҷӯҳ бояд зоҳир намуд, яъне вусъат додани технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои олии ҷумҳурӣ. Ин масъала дар давраи гузаштан ба низоми зинаи дуюми таҳсилоти олӣ, махсусан ҳангоми таҳсил дар магистратура ва давраи унвонҷӯӣ муҳим ҳисобида мешавад. Ҳамин тавр, шароити муосири рушди ПИТ, ки бо афзоиши босуръати иттилооти илмию техникӣ, технологияҳои компютерӣ, инчунин шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дар арсаи глобалӣ тавсиф мешавад, метавонад ба авомили тайёр ва омода кардани кадрҳои дорои қобилият дар марҳилаи нави зиндагӣ ва фаъолияти корӣ равона карда шуда, ба таъмини таълими креативӣ ва роҳҳои ташаккули он мувофиқа кунонида шавад;

панҷум, таҳсилоти креативӣ ҳамчун як намуди фаъолият бештар универсалӣ аст, зеро он метавонад на танҳо дар омӯзиши мавзуҳо ва фанҳои таълимӣ, ки муносибати зеҳнӣ талаб карда мешавад, балки дар ҳамаи фанҳое, ки бартариятҳои эмотсионалии хаёлоти фаъолият доранд, истифода бурдан мумкин аст. Донишҳои бадастомада бояд гуногунҷабҳа бошанд, тафаккурро ба ҷустуҷӯи ҳалли гуногун, ки ба ҳалли вазифаҳои гузошташуда мусоидат мекунанд, равона созанд. Аксар вақт, роҳи васеътар ва гуногунтари омӯзиши мушкилот дар сатҳи байнисоҳавӣ беҳтар аст. Аз ин рӯ, дар ташаккули салоҳияти креативӣ бояд дар раванди таълим робитаи байнифаннӣ вуҷуд дошта бошад.

Фаъолияти креативӣ ё таҳсилоти креативӣ аз як тараф агар камбудиву норасогиҳои кадрҳои дорои иқтидорро бартараф кунад, аз тарафи дигар аҳолӣ ва корхонаҳоеро, ки қобилияти дарк ва истеъмоли навовариҳои эҷодшударо доранд, талаб мекунад. Бо ибораи дигар, таҳсилоти креативӣ барои тавлид ва истеъмоли маҳсулоти инноватсионӣ омода карда мешавад.

Ҳамин тавр, мо моҳияти иқтидори креативии қувваи кориро ҳамчун падидаи мустақил дар раванди истифодаи сармояи инсонӣ, таҳсилоти креативӣ, навоварӣ ва интеллектуалӣ мушаххас намудем, ки дар истифодабарии пуршиддатии дониш дар фаъолияти хоҷагидорӣ бо ҳадафи баланд бардоштани арзиши истеҳсоли маҳсулоти нави эҷодӣ дар иқтисодиёти муосири кишвар аст. Маълум мешавад, ки давлат ба зиёд кардани фонди сармояи креативии инсонӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғли пурмаҳсули қувваи корӣ манфиатдор мебошад.

## 3.3. Такмили низоми ҳавасмандгардонии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ

Дар ҷаҳони муосир, ки саноат босуръат рушд мекунад ва гузариш ба ҷомеаи пас аз саноатӣ сурат мегирад, иқтисоди Тоҷикистон ба эҷодкорӣ, навоварӣ ва иттилоотии ҷомеа нигаронида шудааст. Дар робита ба ин, вазъи иҷтимоию иқтисодии кишварро метавон ҳамчун имконият барои рушди иқтидори эҷодии қувваи корӣ, инчунин, истифодаи технологияҳои зеҳнӣ, илмӣ ва иттилоотӣ баррасӣ кардан мақсаднок аст. Дар робита ба ин, бояд таъкид кард, ки яке аз

роҳҳои рушд ва ҳавасмандгардонии иқтидори креативии қувваи корӣ дар Тоҷикистон фароҳам овардани шароит барои нигоҳдорӣ ва рушди фаъолияти кормандоне мебошад, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани ғояҳо ва технологияҳои нав ҷалб шудаанд.

“...Низоми ҳавасмандгардонии меҳнати зеҳнии кормандон дар корхонаву ташкилотҳо бояд ба баланд бардоштани салоҳияти корманд, муоширати муассир ва афзоиши сармояи зеҳнии корхона нигаронида шавад”[9].

Бинобар ин, сатҳи дониш, маҳорати касбӣ иқтидори эҷодӣ ва навоварии фард, метавонад дараҷаи ҳосилнокии меҳнатро дар тамоми соҳаи эҷодӣ, вобаста ба қобилият ва салоҳиятнокии худ, зиёд намояд.

Дар ҳақиқат, имрӯзҳо маълум мегардад, ки майли кишвар ва сохтору ташкилотҳои зертобеъияти он барои баланд бардоштани сатҳи пардохти меҳнати аҳолии машғул, беҳтар гардонии сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҷалби кадрҳои баландихтисос ва роҳ надодан ба муҳоҷирати зеҳнӣ аён мегардад.

Боиси қайд аст, ки солҳои охир “...музди миёнаи меҳнат дар кишвар беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гаштааст”[16, с.4].

Дар робита ба ин, Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул то давраи соли 2040 якчанд самтҳои асосии сиёсати миллиро дар соҳаи шуғл ва ҳифзи иҷтимоӣ дар бар мегирад: якум, баланд бардоштани сатҳи дониш, малака, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта ва васеъ кардани доираи имкониятҳо барои шуғли пурмаҳсул; дуюм, ниҳодҳо ва лоиҳаҳое, ки ба рушди бозори меҳнат ва таҳкими робитаҳои иҷтимоӣ нигаронида шудаанд; сеюм, фаъолияте, ки ба ташаккулёбӣ ва рушди соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул нигаронида шудаанд, асоси онро роҳҳои ҳавасмандгардонии ИКҚК таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, маълум мегардад, ки низоми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ сохтори табақавӣ дошта, ду сатҳи ҳавасмандгардонии иқтисодиро дар бар мегирад, ки дараҷаи таъсири ин авомил ба ҳавасмандкунӣ метавонад мухталиф бошад: аввалан, ҳавасмандгардонии институтсионалӣ дар сатҳи тамоми ҷомеа зоҳир мешавад. Он ба арзишҳо, талабот ва манфиатҳои шахсӣ, ки ба кор нигаронида шудаанд, асос ёфтааст; сониян, ҳавасмандгардонӣ дар сатҳи

фаъолияти амалиётӣ ё дохилиташкилотӣ буда, дар сатҳи фирмаву корхона амалӣ мегардад. Он маҷмӯи чораҳоеро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани ҳавасмандии кормандон дар шароити мушаххаси истеҳсолӣ, инчунин сохтори ҳавасмандии ҳақиқии меҳнатӣ равона карда шудаанд.

Аз ин ҷо, маълум мегардад, ки ҳавасмандгардонии ниҳодӣ аз як тараф бо амалиётӣ ба таврӣ табиӣ ба ҳам алоқаманд буда, ба таври дигар, институтҳои иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангие, ки дар ҷамъият расмӣ ва ғайрирасмӣ фаъолияти хоҷагии субъектҳои иқтисодиро мушаххас мекунанд ва ин одатан ҳавасмандгардонии кадрҳои лаёқатмандро низ ифода мекунад.

Дар шароити имрӯза, яке аз функсияҳои афзоиши захираҳои инсонии ботаҷриба дар корхона ва ташкилотҳои иқтисодиёти миллӣ, маҳсулнокии меҳнат ба ҳисоб меравад, ки таркиби онҳоро чунин тавсиф намудан мумкин аст:

якум, беҳтар кардани ташкил ва шароити меҳнат;

дуюм, рухсатии иловагии меҳнатӣ (бо дастгирии моддии ташкилоти амалкунанда);

сеюм, мусоидат ба чандирӣ дар истифодаи вақти корӣ (ҷадвали кории чандир);

чорум, пардохти хароҷотҳои нақлиётӣ ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоии корманд;

панҷум, ташкил ва таъмини кормандон ба сафарҳои кории хориҷӣ, инчунин, сайёҳатномаҳо;

шашум, дастгирии корманд бо мақсади дастрасии қарзёҳои имтиёзнок (мисол, барои харидории амволи ғайриманқул ва дигар лавозимотҳои зарурии бино);

ҳафтум, иловапулӣ, ёрдампулӣ (мукофонидани корманд боиси рақобати дохилии корхона мегардад) (ниг. ба расми 3.6.).

**ҲАВАСМАНДГАРДОНӢ**

**МОДДӢ**

- ✓ музди меҳнат;
- ✓ фоида аз даромад;
- ✓ иловапулӣ;
- ✓ ёрдампулӣ;
- ✓ ҷубронпулӣ;
- ✓ қарзҳои имтиёзнок.

**ИҶТИМОӢ:**

- ✓ хизматрасонии тиббӣ;
- ✓ суғуртавӣ;
- ✓ сайёҳатнома;
- ✓ ниёзҳои физиологӣ;
- ✓ пардохти хароҷотҳои нақлиётӣ.

**ФУНКСИОНАЛӢ:**

- ✓ беҳтар кардани ташкили меҳнат;
- ✓ беҳтар кардани шароит ба меҳнат.

**ҒАЙРИМОДДӢ**

**ПСИХОЛОГӢ-ИҶТИМОӢ:**

- ✓ қабули рафтори ҷомеа;
- ✓ баланд шудани обрӯю эътибор.

**КРЕАТИВӢ:**

- ✓ баланд бардоштани сатҳи тахассуснокӣ;
- ✓ таҷрибаомӯзӣ;
- ✓ сафарҳои корӣ.

**ВАҚТИ ХОЛӢ:**

- ✓ рухсатии иловагии меҳнатӣ;
- ✓ ҷадвали кории чандир.

**Расми 3.6**. - **Намудҳои асосии ҳавасмандгардонии иқтидори креативии қувваи корӣ**
**Сарчашма:** [32]

Ҳамин тавр, аз расми 3.6 бармеояд, ки дар шароити набудани дигар сарчашмаҳои назарраси даромад, ба ғайр аз музди меҳнат, мукофоти пулӣ барои меҳнат аҳамияти ниҳоят муҳим дорад. Бо рушди низоми кӯмаки иҷтимоӣ нақши дигар шаклҳои ҳавасмандгардонӣ меафзояд. Чӣ тавре, маълум мегардад, даромад аз меҳнати ҳармоҳа, дар мадди аввал, воситаи қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асосии корманд мебошад. Ғайр аз он, даромад аз меҳнат метавонад манбаи қонеъ кардани бисёр эҳтиёҷоти олӣ бошад, агар андозаи он аз сатҳи зарурӣ барои таъмини эҳтиёҷоти асосии корманд ва оилаи ӯ зиёд бошад.

Бо афзоиши андозаи мукофоти пулӣ, “майдони таъсири ҳавасмандкунӣ” васеъ мешавад. Аз ин рӯ, аҳамияти мотиватсионии даромад аз меҳнат мустақиман аз системаи арзёбии ҳиссаи меҳнатии кормандон ва коллективи онҳо ва принсипҳои ташкили низоми мотиватсионӣ алоқаманд аст. Арзёбии дуруст ва вобастагии иловапулӣ, ёрдампулӣ, мукофоти пулӣ бо дастовардҳои фаъолияти меҳнатии корманд афзалиятҳои муҳимтарини баланд бардоштани нақши ҳавасмандгардонии мукофотҳои иқтисодӣ мебошанд.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки низоми ҳавасмандгардонии фаъолияти креативии қувваи корӣ бояд чор самтро дар бар гирад:

1) таҳкими иқтидори эҷодӣ, зеҳнӣ ва маънавӣ;

2) самаранокии муошират аз фаъолияти корӣ дар ҷомеа;

3) рушди малакаҳои касбӣ мувофиқи самти фаъолияти меҳнатӣ;

4) таҳкими самаранокии фаъолияти меҳнатӣ ва баланд бардоштани даромаднокӣ, инчунин, омилҳои дигари рушди соҳа бо маблағгузорӣ низ метавонад ҳалли худро ёбанд.

Дар робита ба ин, тавре ки мегӯянд, барои касе пӯшида нест, арзиши ҳавасмандгардонии мукофоти дохилӣ барои корманд нисбат ба ҳама гуна мукофоти беруна баландтар аст. Дар асл, пул муҳимтарин намуди ҳавасмандгардонӣ аст. Аммо таъсири ҳавасмандгардонии он маҳдуд буда, ба ҷойгоҳи пул дар низоми арзишҳои иҷтимоӣ ва фардӣ, ки (мубодилаи пулро мушаххас мегардонад) алоқамандӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳавасмандии ахлоқӣ низоми танзими рафтори кормандро дар асоси арзишҳо ва падидаҳое ифода мекунад, ки эътирофи ҷомеаро инъикос ва ба худбаҳодиҳии корманд мусоидат мекунад.

Дар ҳақиқат имрӯзҳо сохтори ниёзҳои инсонӣ ва қонеъгардонии онҳо дараҷаи беҳтарини некӯаҳволии аҳолиро тавсиф мекунад, ки муҳаққиқ, профессор Д.Б.Қодирзода чунон таъкид дошт: “...ниёзҳои инсонӣ номаҳдуд буда ҳамеша гуногун ҳастанд, дар баробари ниёзҳои моддӣ ниёзҳои маънавӣ низ мавҷуданд, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ҷузъҳои муҳими дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ, албатта дараҷаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, озодии интихоби фард, беҳбудии муҳити иҷтимоӣ, муносибатҳои фарҳангӣ, миллӣ ва динӣ мебошанд”[79, с.170-175].

Чӣ тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз санаи 23-юми декабри соли 2023) иброз доштанд: “...ҳадди ақали музди меҳнат аз 1-уми июли соли 2024-ум зиёд карда, андозаи он дар ҳаҷми 800 сомонӣ муқаррар карда шавад”[16]. Аз ин рӯ, дар солҳои охир, бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ, имкон дод, ки дар кишвар нисбат ба давраҳои қаблӣ ҳадди ақалли музди меҳнат зиёд шавад.

**Ҷадвали 3.4.-Тағйирёбии музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо аз рӯи як қатор намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, барои солҳои 2015-2023,** сомонӣ

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | **2023/2015** |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2020** | **2021** | **2023** | **бо %** |
| - *Ҳадди ақали музди меҳнат* | **250** | **400** | **400** | **600** | **240,00** |
| - *Ҳамаи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ* | **878,91** | **1393,78** | **1540,84** | **2013,11** | **229,1** |
| - *Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ* | 278,18 | 572,79 | 633,91 | 811,73 | **291,8** |
| - *Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо* | 1900,57 | 2546,63 | 2840,75 | 3646,93 | **191,9** |
| - *Саноати коркард* | 962,77 | 1698,28 | 1995,53 | 2373,39 | **246,5** |
| - *Сохтмон* | 2017,16 | 2403,84 | 2452,67 | 3004,25 | **148,9** |
| - *Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо* | 888,44 | 1073,96 | 1079,09 | 1079,09 | **121,5** |
| - *Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа* | 1871,35 | 1557,65 | 1922,47 | 2778,72 | **148,5** |
| - *Маълумот ва коммуникатсияҳо* | - | 2706,94 | 3175,51 | 4250,41 | **100,0** |
| - *Фаъолияти молиявӣ* | 2320,60 | 3580,17 | 4296,47 | 5679,65 | **244,8** |
| - *Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ* | - | 1319,92 | 1915,65 | 2388,0 | **100,0** |
| - *Маориф* | 710,69 | 1117,60 | 1247,46 | 1645,79 | **231,6** |
| - *Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ* | 677,96 | 977,22 | 1023,12 | 1344,74 | **198,4** |
| - *Санъат, вақтхушӣ ва истироҳат* | **-** | 1158,55 | 1259,21 | 1678,11 | **100,0** |
| - *Дигар фаъолияти хизматрасонӣ* | 984,42 | 3314,66 | 3952,80 | 4746,11 | **482,12** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [26, с.131-132], [27, с.133-134], [164, с.175-176]

Таҳқиқоти динамикаи музди миёнаи меҳнати моҳонаи номиналии пардохтшудаи кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт дар давраи аз соли 2015 то 2023 афзоиши баъзе соҳаҳои фаъолиятро нишон медиҳад. Ҳамин тавр, дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ 291,8%, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо 191,9%, сохтмон 148,9%, меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо 121,5%, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 198,4%, саноати коркард 246,5%, нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа 148,5%, соҳаи маориф 231,6%, фаъолияти молиявӣ 244,8%, фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ, инчунин санъат, вақтхушӣ ва истироҳат 100,0% ва дигар бахши хизматрасонӣ 482,12%-ро ташкил доданд, аз мадди назар дур нест.

Таҳлили маълумоти дар боло овардашуда ба мо имкон дод, ки вазъ ва тағйирёбии музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандони бахши воқеиро дар минтақаҳои кишвар мавриди таҳлил қарор диҳем.

Ҳамин тариқ, аз муқоисаи маълумоти омори расмӣ маълум мегардад, ки дар солҳои охир музди миёнаи меҳнати кормандон дар соҳаи саноат вобаста ба сатҳи

минтақаҳо афзоиш ёфта, ба натиҷаҳои зерин оварда расонд. Чунончӣ, дар вилояти Суғд нисбат ба соли 2015, соли 2023-юм 1763,37 сомонӣ (238,3%), вилояти Хатлон 1175,61 сомонӣ (192,6%), ВМКБ 1582,04 сомонӣ (244,1%), шаҳри Душанбе 1038,02 сомонӣ (193,1%) ва НТҶ 1686,83 сомонӣ (266,5%) - ро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда натиҷаи мусбатест, ки ба ташаккул ва рушди фаъолияти кормандони сохторҳо ва муассисаҳои дохилӣ таъсир расонида ба рақобатпазирии ширкат ва кормандони он мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, таъкид кардан лозим аст, ки давраи гузариши Тоҷикистон ба самти саноатикунонӣ, ин маънои онро надорад, ки мо аз соҳаи кишоварзӣ рӯ гардонем. Агар дар даҳсолаи аввали даврони Истиқлолияти давлатӣ музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандони соҳаи кишоварзӣ дар кишвар 8,48 сомониро ташкил дода бошад, пас соли 2023 ба 811,73 сомонӣ, (нисбати соли 2000-ум 95,7 маротиба), ё ин ки нисбати соли 2015-ум 291,8 фоиз зиёд гаштааст. Дар минтақаҳои кишвар вазъӣ музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи кормандони соҳаи кишоварзӣ чунин аст: ВМКБ-1078,35 сомонӣ суръати афзоиш (нисбат ба соли 2015-211,8%), вилояти Суғд-895,46 сомонӣ (нисбат ба соли 2015-369,8%), вилояти Хатлон-680,21 сомонӣ (нисбат ба соли 2015-232,2%), шаҳри Душанбе-1492,49 сомонӣ (нисбат ба соли 2015-209,8%) ва НТҶ-940,93 сомонӣ (нисбат ба соли 2015-266,7%) афзудааст, ки боиси қайд аст[27, с.142], [28, с.183].

Аз рӯи муқоиса ва ҳисобкунии маълумоти овардашуда бармеояд, ки таъсиси грантҳои президентӣ доир ба густариш ва пайваста фаъол гардонии бахши креативии соҳибкории занону бонувон дар ҷумҳурӣ бештар мусоидат карда, ҳоло теъдоди онҳо дар тамоми бахшҳои фаъолияти хоҷагӣ, аз ҷумла “...дар соҳаи маориф 73 дарсад, тандурустӣ 71 дарсад, фарҳанг 47 дарсад, бонкдорӣ 39 дарсад, алоқа 25 дарсад ва дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ тақрибан 40 дарсад мебошанд”[15, с.38]. Чӣ тавре, маълум аст: “...ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳад”[15].

Тибқи маълумоти манбаъҳои расмӣ, маълум мегардад, ки давоми шаш (2018-2023) соли таҳқиқ ва таҳлил таносуби музди меҳнати миёнаи номиналии

ҳармоҳаи занҳо нисбат ба мардҳо ба миқдори назаррас кам аст. Чунончӣ, агар соли 2018 музди меҳнати миёнаи занҳо 1020,38 сомонӣ бошад, ин нишондод соли 2023 ба 1690,39 сомонӣ ё 165,7 фоиз афзудааст, аммо агар ба таносуби ҷинсӣ назар кунем, соли 2018 музди меҳнати миёнаи мардҳо нисбати занҳо 167,7 фоиз ва соли 2023 бошад 156,2 фоиз зиёд мебошад, ки фарқият бо адад ба 949,5 сомонӣ буда, мардҳо нисбати занҳо дар ҳама давра музди меҳнати миёнаи баланд мегиранд.

Дар ин асно иброз дошт, ки ҳамаи таҳлил ва натиҷагирӣ кардани маълумотҳои омори расмӣ дар самти мазкур, ин пеш аз ҳама хароҷотҳо барои таъмин ва такмили низоми ҳавасмандгардонии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат аст (ниг. ба ҷадвали 3.5.).

**Ҷадвали 3.5.-Тағйирёбии арзиши хароҷот барои таъмини қувваи корӣ дар кишвар барои солҳои 2018-2023 (млн. сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | **2018** | **2023** | **Фарқият бо адад** | **Фарқият бо %** |
| **Маблағи умумии масраф барои таъмини қувваи корӣ-ҳамагӣ (1-7)** | | 11743,8 | 20041,6 | **8297,8** | **170,7** |
| **1.** | Фонди музди меҳнат-**ҳамагӣ** | 9260,1 | 15968,2 | **6708,1** | **172,4** |
| **1.1.** | музди мустақими пулии кор | 8015,6 | 13640,0 | **5624,4** | **170,2** |
| **1.2.** | музд барои вақти бекорӣ | 703,0 | 1179,0 | **476** | **167,7** |
| **1.3.** | мукофот ва мукофотпулӣ | 500,1 | 1010,4 | **510,3** | **202,1** |
| **1.4.** | музди кор дар шакли маҳсулот | 41,4 | 138,8 | **97,4** | **335,3** |
| **2.** | Хароҷоти корхона барои манзили кормандон | 3,5 | 9,6 | **6,1** | **274,3** |
| **3.** | Хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон | 2227,1 | 3785,8 | **1558,7** | **170,0** |
| **3.1.** | пулгузоронии ҳатмӣ ба хазинаҳои давлатӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои суғуртаи иҷтимоӣ | 36,5 | 9,3 | **-27,2** | **25,5** |
| **4.** | Хароҷот барои тарбия ва аз нав тайёркунии кадрҳо (аз ҷумла стипендияи донишҷӯён, хароҷот барои таълими пулакӣ ва ғайра) | 17,7 | 22,2 | **4,5** | **125,4** |
| **5.** | Хароҷот барои хизмати маданӣ-маишӣ | 14,6 | 20,7 | **6,1** | **141,8** |
| **6.** | Дигар хароҷот | 94,8 | 155,5 | **60,7** | **164,1** |
| **7.** | Андозҳое, ки ба харажоти қувваи корӣ ҳамроҳ карда мешаванд | 89,5 | 70,3 | **-19,2** | **78,6** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [164, с.210]

Ҳамин тавр, ҷадвали 3.5 шаҳодат медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ арзиши хароҷотҳо барои таъмини қувваи корӣ дар бозори меҳнат аз рӯи гурӯҳи сохторҳои он дар тағйирёбӣ қарор дорад. Чунончӣ, соли 2023 фонди музди меҳнат нисбати

соли 2018-ум, 172,4%, хароҷот барои таъминоти иҷтимоии кормандон 170,0%, дигар хароҷотҳо, ки 164,1% суръати афзоишро нишон дода бошанд, аз рӯи якчанд нишондод аз ҷумла: хароҷоти корхона барои манзили кормандон 274,3%, хароҷот барои тарбия ва аз нав тайёркунии кадрҳо 125,4%, хароҷот барои хизмати маданӣ-маишӣ 141,8%, инчунин, суръати афзоишро нишон диҳад, андозҳое, ки ба хароҷоти қувваи корӣ ҳамроҳ карда шудааст 78,6 дарсад нисбати соли 2018 манфӣ арзёбӣ карда мешавад.

Аз рӯи таҳлили дар ҷадвали боло овардашуда, бояд қайд кард, ки низоми ҳавасмандгардонӣ сатҳи нисбии музди меҳнатро вобаста ба миқдор, сифат ва натиҷаҳои меҳнат муқаррар мекунанд. Пӯшида нест, ки принсипи асосии фарқияти сатҳи музди меҳнат аз рӯи меъёрҳои ҳосилнокӣ ва самаранокии муассисаву ташкилотҳо сурат мегирад.

Бинобар ин, воситаи асосии фарқкунӣ низоми тарифӣ, инчунин, пардохтҳо дар асоси арзёбии самаранокии меҳнати кормандон ба вуҷуд меояд. Маҳз барои ҳамин, татбиқи функсияи ҳавасмандгардонии музди меҳнат бе назардошти татбиқи унсури такрористеҳсолӣ ғайриимкон аст.

Дар идомаи хулоса, бояд қайд намуд, ки унсури асосии беҳтарсозии низоми мотиватсионии ташаккул ва рушди иқтидори эҷодии неруи корӣ ҳамчун низоми даромад аз меҳнат барои таъмини иҷрои ҳадафҳои муҳими он пешбинӣ шудааст: 1) такрористеҳсоли иқтидори кории креатив; 2) мусоидат ба ҳифзи неруи эҷодии фаъолияти меҳнатӣ; 3) ташаккул ва рушди рафтори истеҳсоли маҳсулоти илмталаб, ки бо самаранокии баланд, масъулият ва навоварӣ хос аст; 4) мусоидат ба сарфаи ҳама намуди захираҳо; 5) мусоидат ба даъвати кадрҳои баландихтисос дар муассисаву ташкилотҳои кишвар.

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи шуғлнокӣ ва коҳиш додани сатҳи бекорӣ, ҳамагуна тадбирҳои давлатӣ амалӣ карда истодаанд. Чунончӣ, мутобиқи пешниҳоди Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон музди меҳнати кормандон дар тамоми фаъолияти бахшҳои

иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар баланд бардошта шудааст, ки "...сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд"[16, с.4].

Дар асоси чорабиниҳои давлатӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи шуғл ва паст кардани сатҳи бекорӣ, идоракунии ҳавасмандгардонии мутахассисон барои муассисаҳою ташкилотҳо ва корхонаҳои муосир ба яке аз авомили идоракунии самараноки кадрҳои соҳибихтисос табдил меёбад. Дар робита ба ин, дар ҷадвали 3.6 вобастагии нишондиҳандаҳо ва рақамҳои интихобшуда ва таъсири онҳо, ки бевосита ба шуғлнокӣ ва маҳсулнокии рушди иқтидори креативӣ оварда мерасонанд, муайян кард.

**Ҷадвали 3.6.-Нишондиҳандаҳо ва рақамҳои интихобшуда ва таъсири онҳо ба рушди ИКҚК дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои гузаронидани таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ дар солҳои 2012-2023**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | I | II | III | IV | V | VI |
| **2012** | 555,29 | 88,6 | 193,0 | 4,5 | 53,6 | 56,7 |
| **2013** | 694,89 | 90,6 | 201,3 | 7,4 | 55 | 59,9 |
| **2014** | 816,27 | 94 | 203,9 | 7,9 | 55 | 62 |
| **2015** | 878,91 | 98,3 | 209,3 | 9,8 | 56,8 | 66,6 |
| **2016** | 962,16 | 104,7 | 220,5 | 9,6 | 56 | 67,9 |
| **2017** | 1144,19 | 114,3 | 231,5 | 15,6 | 43,6 | 45,7 |
| **2018** | 1233,82 | 114,9 | 235 | 15,4 | 62,1 | 40,6 |
| **2019** | 1335,52 | 115,4 | 242,1 | 16,4 | 73 | 32,9 |
| **2020** | 1393,78 | 116,7 | 247,1 | 16,4 | 73,7 | 39,3 |
| **2021** | 1540,84 | 120,9 | 256,0 | 17,1 | 70,7 | 39,5 |
| **2022** | 1760,29 | 119,9 | 252,2 | 17,0 | 62,7 | 33,4 |
| **2023** | 2013,11 | 120,0 | 251,7 | 19,6 | 70,1 | 43,1 |

**Эзоҳ: I-**Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии кормандон (сомонӣ); **II-**Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ (ҳаз.нафар); **III-**Маориф (ҳаз.нафар); **IV-**Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо (ҳаз.нафар); **V-**Нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа (ҳаз.нафар); **VI** – Санъат ва дигар фаъолияти хизматрасонӣ (ҳаз.нафар).

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [26, с.84-85, 131-132], [28, с.86, 134]

Ҳамин тавр, ба сифати нишондиҳандаи вобаста Y-МММҲНК (**I**)-ро интихоб карда, ба сифати омилҳои новобаста, аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯи якчанд намуди фаъолиятро баррасӣ мекунем. Пеш аз таҳия ва баҳодиҳии модели риёзӣ-иқтисодӣ (эконометрӣ) чӣ гуна байни ҳам алоқамандии маълумотҳои дар ҷадвали боло оварда шуда муайян карда мешавад, ки барномаи Microsoft Excel-ро истифода мебарем. Дар натиҷа,

матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияро муайян кардем, ки онҳо алоқамандии Y-МММҲНК (I)-ро аз омилҳои зикршуда нишон медиҳанд.

**Ҷадвали 3.7.-Динамикаи музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии кормандон ва таъсири он ба зиёдшавии теъдоди аҳолии машғул**

| | **Y-I** | **X1-II** | **X2-III** | **X3-IV** | **X4-V** | **X5-VI** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Y-I** | 1 | 0,910872082 | 0,936945 | 0,936151 | 0,650821 | -0,74835 |
| **X1-II** | 0,910872082 | 1 | 0,984934 | 0,975898 | 0,589313 | -0,81749 |
| **X2-III** | 0,936945 | 0,984934 | 1 | 0,967241 | 0,683834 | -0,82751 |
| **X3-IV** | 0,936151 | 0,975898 | 0,967241 | 1 | 0,608101 | -0,82403 |
| **X4-V** | 0,650821 | 0,589313 | 0,683834 | 0,608101 | 1 | -0,61327 |
| **X5-VI** | -0,74835 | -0,81749 | -0,82751 | -0,82403 | -0,61327 | 1 |

**Эзоҳ:** **I**-Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии кормандон (сомонӣ); **II-** Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ (ҳаз.нафар); **III-**Маориф (ҳаз.нафар); **IV-**Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо (ҳаз.нафар); **V-**Нақлиёт,хоҷагии анбор ва алоқа (ҳаз.нафар); **VI** – Санъат ва дигар фаъолияти хизматрасонӣ (ҳаз.нафар).

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Чӣ тавре, ки аз ҷадвали 3.7 дида мешавад, дар байни МММҲНК ва аҳолии машғул дар иқтисодиёт аз рӯи соҳаи нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа, инчунин, санъат ва дигар фаъолиятҳои хизматрасонӣ алоқамандии зич мавҷуд нест. Бинобар ин, омилҳои зикршударо аз модел хориҷ кардем. Ҳамчунин, аз рӯи матритсаи коэффитсиенти коррелятсияи ҷуфт таъкид кардан бамаврид аст, ки дар байни омилҳои ба ҳам алоқаманди аҳолии фаъол дар соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва кормандони тарабхонаю меҳмонхонаҳо, ки қисми зиёди бахши хизматрасониро ташкил медиҳанд, робитаи хаттӣ коррелятсионӣ мавҷуд аст.

Ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳанд, ки дар алоҳидагӣ ҳар як омилро бо ёрии модели регрессионӣ арзёбӣ кунем. Бинобар ин, тасмим гирифтем, ки бо ёрии формулаи модели регрессияи хаттии содда, ки чунин намуд дорад $\mathbf{y=a_0+a_1x_1+a_2x_2+...a_nx_n}$ – истифода намоем, ки дар ин ҷо **y-**тағйирёбандаест, ки таъсири он бояд муайян карда шавад; **x-**омилҳое, ки ба тағйирёбанда таъсир мерасонанд; **a-**коэффитсиентҳои регрессия, ки аҳамияти омилҳоро муайян мекунанд; **n-** миқдори умумии омилҳои модел мебошанд. Натиҷаи моделҳо, ки бо ёрии барномаи Microsoft Excel таҳия ва баррасӣ карда шудааст ба мо имкон медиҳад, ки ҷадвали зеринро барои тавсифи умумии маҷмӯи моделҳо, тартиб диҳем.

**Ҷадвали 3.8.-Натиҷаи нишондиҳандаҳои таҳқиқшуда ва вобастагии онҳо ба афзоиши даромад аз меҳнат**

| Омилҳои новобаста | Модели алоқамандии МММҲНК | Коэф. Детерм. | Коэф. Коррел. Пирсон | **F-** Фишер **t-**Стюдент |
|---|---|---|---|---|
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ (ҳаз.нафар) | y = 25,355x1 + 77915 | $R^2$ = 0,8297 | $R_{xy}$= 0,8349 | F=48,71 t =6,97 |
| Маориф (ҳаз.нафар) | y = 47,521x2 + 171889 | $R^2$ = 0,8779 | $R_{xy}$=0,8588 | F=71,87 t =8,47 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо (ҳаз.нафар) | y = 10,413x3 + 623,95 | $R^2$ = 0,8764 | $R_{xy}$= 0,8581 | F=70,89 t =8,41 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Маълумоти бадастомада нишон медиҳад, ки ҳамаи моделҳои тартибдодашуда тавсифҳои хуби оморӣ доранд. Аз ин ҷо бармеояд, ки тамоми коэффитсиенти коррелятсия ба як наздиканд ва ин ҳолат маънои онро дорост, ки нишондиҳандаҳои таҳқиқшуда аз болоравии музди меҳнат алоқаманд буда, ба ҳамдигар вобастагии зич доранд. Ҳамин тавр, қайд кардан бамаврид аст, ки коэффитсиентҳои детерминатсия низ ба як наздик буда, сифати хуби моделҳои регрессиониро нишон медиҳанд. Баҳои омории F-критерияи Фишер ва t-критерияи Стюдент низ барои ҳамаи муодилаҳои регрессия ва коэффитсиентҳои омили овардашуда дар ин моделҳо аҳаммиятнок будани ин моделҳо ва коэффитсиенти регрессияро нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои овардашудаи зербоб ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем: коэффитсиентҳои баробар гашта, маънои онро дорад, ки ҳангоми ба андозаи як маротиба афзудани музди меҳнати номиналии солона дар кишвар имконияти афзудани аҳолии машғул дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ва паст шудани сатҳи бекорӣ, инчунин, танзими муҳоҷирони дорои иқтидори баланди зеҳнӣ мегардад.

Мо боварӣ дорем, ки барои он ки мутахассисони баландихтисос тавонмандии эҷодии худро дар бозори меҳнат пурра амалӣ гардонанд, бояд низоми мотиватсионӣ такмил дода шавад, ки он бояд ба рушди иқтидори эҷодӣ ва инноватсионии кормандон дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи илмию техникӣ мусоидат намояд:

• фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ барои кормандони дорои дараҷаи илмӣ дар МТОК;

• таъсис ва беҳтарсозии шароити мусоиди корӣ, аз ҷумла шароит барои гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва корҳои саҳроӣ барои аспирантон ва доктори PhD;

• ташкили гузаронидани тайёркунӣ ва азнавтайёркунии ходимони илмӣ, инчунин, таҷрибаҳосилкунии аспирантон ва доктори PhD дар хориҷи кишвар;

• баланд бардоштани даромад аз меҳнати ходимони илмии муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, яъне пажӯҳишгоҳҳои илмии назди вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• фароҳам овардани имкониятҳо барои баландбардории завқи ходимони илмӣ-таҳқиқотӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар;

• ташкил ва таъмини манзили ҷойи зисти аспирантон ва доктори PhD вобаста аз рӯи имкониятҳои молиявии муассисаҳои илмие, ки кадрҳои илмӣ тайёр мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми рушди устувории иқтисодиёти миллӣ ва хароҷоти буҷети давлатӣ дар мисоли баланд бардоштани даромад аз меҳнат имконият медиҳад, ки шумораи аҳолии машғул дар бахшҳои хизматрасонӣ ва воқеӣ бештар гардида, ҳосилнокии меҳнати кормандон ба маротиб афзояд. Дар айни замон, ҳар қадаре, ки корманд қобилияти эҷодии худро фаъолтар кунад, ҳамон қадар корхона ё ташкилот бояд нисбати чунин мутахассисон таваҷҷӯҳ ва ҳавасмандии бештар дошта бошад. Аз ин рӯ, омилҳои мотиватсионии неруи эҷодии қувваи корӣ ва афзоиши натиҷаҳои истеҳсолии корхона, инчунин истифодаи самараноки қувваи корӣ, бо ҳам алоқамандию вобастагӣ доранд. Вобаста ба ин, азхудкунии ҳамаҷонибаи робитаҳои байниҳамдигарии рушд ва такмили он ба натиҷаҳои беҳтарин дар раванди муайян кардани авомили асосӣ барои баланд бардоштани ин индикаторҳои рушд гардад.

## Хулоса оид ба боби сеюм

1. Дар бобати таҳлил ва таҳияи зербоби якуми боби мазкур бояд қайд намуд, ки рушди сармояи инсонии коргари креатив, на фақат ба рушди омилҳои миқдории демографӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, балки ба омилҳои сифатии он таъсир мерасонад. Дар ин ҷода самтҳои афзалиятноки рушди сармояи инсонӣ, ки ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ мусоидат мекунад, метавон чунин арзёбӣ кард: 1) дастрасии васеи хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар сатҳи ибтидоӣ, миёна ва олӣ, ки аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна, инчунин муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод карда шаванд; 2) тайёр кардани кадрҳои касбӣ бо назардошти пешниҳоди бештари бозори меҳнат (ба инобат гирифтани талаботи бозори меҳнат); 3) танзими давлатии омодакунии мутахассисон дар муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ.

2. Дар зербоби дуюми боби мазкур нақши таҳсилоти креативӣ ва таъсири он ба рушди иқтидори меҳнатиро чунин арзёбӣ кардан мумкин аст: якум, ташкил ва таъмини шароити мусоид барои омода кардани кадрҳои илмӣ: магистрҳо, аспирантҳо, доктори анъанавӣ ва доктори PhD; дуюм, ҷалби донорҳои хориҷӣ бо мақсади таҳсилоти калонсолон дар тамоми фаъолияти ташкилот ва сохторҳои амалкунанда дар иқтисоди миллӣ (диққати бештар на ба миқдори тайёркунии мутахассис балки сифат низ ба инобат гирифта шавад); сеюм, азхудкунии касбҳои гуногун дар раванди таълим ва такмили ихтисоси кормандон дар институтҳои таълимӣ дар муҳлати кӯтоҳтарин; чорум, ҷалби бонувон (занҳои хонашин) ва синни 18-солаи бекорони дорои қобилият барои касбомӯзӣ.

3. Такмили низоми ҳавасмандгардонии рушди ИҚҚК-ро дар кишвар чунин арзёбӣ кардан мумкин аст: шароити мусоид ба фаъолияти меҳнатӣ ва такмили он (вақти корӣ (ҷадвали кории ихтисор карда шуда)); таъсис ва таъмини коргарони кироя ба сафарҳои кории хориҷӣ; сайёҳатномаҳо, инчунин рухсатии иловагии меҳнатӣ (пулакӣ), ҷуброни хароҷот ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои коргари кироя; пардохтҳои иловагӣ ва дастгирии коргарони кироя барои гирифтани қарзёҳои имтиёзнок, яъне барои хариди амволи ғайриманқул ва дигар асбобҳои зарурии сохтмонӣ, инчунин гирифтани музди меҳнати мусоид.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Дар шароити муосир рушди иқтисодиёти миллӣ, ки бо роҳи баланд бардоштани сатҳи креативии қувваи корӣ ва самаранок истифодабарии он дар тамоми соҳаҳо ва зинаҳои фаъолияти креативӣ-инноватсионии иқтисодиёт дарҷ мегардад, фаҳмида мешавад. Таҳлили асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат моро водор сохт, ки дар асоси натиҷаҳои бадастомада хулосаҳои зерини илман асоснок барорем:

### Натиҷаҳои муҳим ва илман асосноки диссертатсия

1. Равишҳои консептуалӣ ба арзёбии моҳият ва мундариҷаи мафҳуми иқтидори креативии қувваи корӣ таҳқиқ ва пешниҳод карда шуда, аз ҷониби муаллиф мушаххас гардид, ки "Иқтидори креативии қувваи корӣ - ин маҷмӯи фаъолияти эҷодкоронаи субъективӣ буда, дар муҳити махсуси ниҳодӣ, бо роҳи мотиватсионии таркиб ва институтҳои фаъолияткунандаи мамлакат рушд ва такомул ёфта, бо ёрии донишҳои назариявӣ-амалӣ, касбӣ, малака, маҳорат ва таҷриба, инчунин бо қобилияти навоваронааш дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ширкат варзида, қисми ташаккулдиҳандаи соҳаи хизматрасонӣ ва воқеии бозори меҳнатро ташкил дода, ба соҳиби худ арзиши иловагии даромадро таъмин месозад"[9-М].

2. Дар марҳалаи муосир самаранок идоракунии иқтидори инсонӣ ҷараёнӣ бисёрҷанбаи моддӣ-маънавӣ буда, ба тамоми ҷабҳаҳои фаъолияти корхонаҳо, соҳаҳо, давлат ва ҷомеа таъсир мерасонад. Дар робита ба ин, метавон қайд кард, ки ташаккули иқтидори креативии шахс дар кишвар ва минтақаҳои гуногуни он ҷиҳатҳои қавӣ ва заифии худро низ дорад, аммо дар умум афзалиятҳои рақобаттавонӣ дар бозори меҳнат аз рӯи тайёрӣ, такрористеҳсол ва самаранок идоракунии захираҳои инсонӣ, инчунин бо зудҳаракатӣ ва иҷтимоигардонии қувваи корӣ, яъне бо ниёзҳои физиологӣ, амният (муҳофизати эҷодӣ), иҷтимоӣ (равандҳои эҷодӣ), эҳтиром (бовари қатъӣ ба худ) ва худшиносӣ (маҳсули эҷодӣ) дар ҷомеа муайян карда мешаванд[3-М].

3. Роҳҳои ҳалли масъалаҳои ташаккули нерӯи эҷодии қувваи корӣ аз таҳия намудани дурнамои идоракунии рушди дарозмуддати захираҳои инсонӣ, умуман

устувории муносибатҳои меҳнати иқтисодӣ, инчунин, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, хусусиятҳои демографӣ (афзоиши табиии аҳолӣ, сохтори аҳолӣ, таркиби синну солии аҳолӣ, муҳоҷирати дохилӣ ва берунии интеллектуалӣ), фаъолияти меҳнатӣ ва муҳити зиндагӣ низ ба ҳисоб меравад, ки иқтидори эҷодии қувваи корӣ аз имкониятҳои худи шахс, оила ва муҳити ӯ вобастагии калон дорад[1-М; 3-М].

4. Дар шароити рушди бозори меҳнати кишвар таъсири омилҳои демографӣ, новобаста аз афзоиши табиии аҳолӣ, балки таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба назар мерасад, ки ба коҳиш ёфтани захираи иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнат вобаста аз шумораи умумии аҳолии дар иқтисодиёт фаъол бошад. Тоҷикистон, ки ҳамчун кишвари дорои захираи иқтидори креативии қувваи кории барзиёди иқтидори инсонии меҳнатӣ тавсиф карда мешавад, аз мадди аввал дур нест. Мувофиқи арзёбии зариби захираи иқтидори эҷодии қувваи корӣ, метавон мушоҳида кард, ки зиёд шудани теъдоди захираи иқтидори эҷодии қувваи корӣ бо зиёдшавии табиии аҳолӣ ва теъдоди хатмкардагони макотиби олӣ вобастагию алоқамандии бевосита дорад[2-М; 4-М].

